**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 339.5 (575.3)

**НАМОЗАЛИЗОДА ШАФҚАТ НАМОЗАЛӢ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ (ДАР МАВОДИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти
минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Роҳбари илмӣ:**
Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич -
н.и.и., дотсенти ДМТ

**Душанбе - 2024**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**........................................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСЛУБИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ**.............................................. 13

1.1. Ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ................................................ 13

1.2. Хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш............................ 28

1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар манотиқи деҳот.................................................................................................... 47

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ**........................................................................ 73

2.1. Таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон.............................................................. 73

2.2. Баҳодиҳӣ ва тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон... 88

**БОБИ 3. САМТҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛУ РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ**........................................................................ 112

3.2. Дастгирии давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ.......................................... 112

3.2. Рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.................................. 130

3.3. Таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб............................. 145

**ХУЛОСА**........................................................................................ 163

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**........................................................................ 168

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**.................. 185

**ЗАМИМАҲО**.................................................................................. 187

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

СММ - Созмони Миллали Муттаҳид

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶМЧ - Ҷумҳурии мардумии Чин

НТҶ - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ВХ – Вилояти Хатлон

ВОЗ - Ташкилоти умумиҷаҳонии Тандурустӣ

КАС - Комплекси агросаноатӣ

СМР - Стратегияи миллии рушд

СПСК - Стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ

МУК - Маҳсулоти умумии кишоварзӣ

МУС - Маҳсулоти умумии саноатӣ

ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МОИ - Минтақаи озоди иқтисодӣ

ГЛОНАСС - Системаи ҷаҳонии моҳворавию навигатсионӣ

ISO - Созмони Байналмилалии Стандартизатсия

GPS - Системаи ҷаҳонии ҷойгиршавӣ

ҶСШК - Ҷамъияти саҳомии шакли кушода

ҶСШП - Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида

ҶДММ - Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

КВД - Корхонаи воҳиди давлатӣ

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

ССБ – Саноатсодиротбонк

ККСМК- Корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ

БМТ- Базаи моддию техникӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини аҳолӣ бо маводи озуқавории худӣ яке аз мушкилоте мебошад, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷаҳони муосир аксари мамлакатҳои олам аз он изҳори нигаронӣ мекунанд. Ин мушкилот аз як ҷониб ба сатҳи зиндагии бештари аҳолии мамлакат хатарҳо ворид кунад, аз ҷониби дигар вазъи воқеӣ ва холати рушди истеҳсолоти кишварро инъикос мекунад. Бештари мамолики рӯ ба тараққӣ ҳалли мушкилоти номбурдаро дар рушди истеҳсолоти агросаноатии ватанӣ мебинанд. Ҷумҳурии мо низ аз ҷумлаи чунин кишварҳо маҳсуб меёбад. Аҳолии ҷумҳурӣ дар 62 соли охир зиёда 4,9 марротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар ин айём зиёд гардид, ки он мушкилоти таъмини ҷойҳои кориро ба миён овардааст. Аммо дар ин муддат майдони замини кишти зироатҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 15,4 % афзоиш ёфтааст. Ҳамасола дар кишварамон корхонаҳои наву замонавӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Аммо як қисми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолати начандон хуби молиявию истеҳсолӣ қарор дошта, низоми дурусти идоракуниро соҳиб нестанд, ки дар натиҷа қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди коркард қарор дода намешавад.

Дар бозори маҳсулоти озуқаворii кишвар маҳсулоти истеҳсолоти корхонаҳои аграрию саноатии ҷумҳурӣ аз лиҳози микдор ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ ба қадри имкон рақобатпазир набуда, сатҳи худтаъминкунии озуқаворii аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳудудҳои муқарраршуда поёнтар қарор дорад. Яъне истеҳсолоти ватанӣ дар бахши корхонаҳои агросаноатӣ аз нигоҳи муҷаҳҳаз будан бо технологияи муосир ва истеҳсоли маҳсулоти босифат, ба рақобати ҳамтоёни хориҷии худ тобовар нестанд. Норасогии сармоягузориҳо барои навкунии сармояи асосии корхонаҳои агросаноатии ватанӣ мушкилоти дигаре мебошад, ки ба рушди истеҳсолоти агросаноатии кишвар ва манотиқи он таъсири мустақим дорад.

Дар СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар мавриди минтақаҳои кишвар ва рушди мутавозини онҳо бахши алоҳида ҷудо гардидааст, ки дар ин ҳуҷҷати муҳим самти калидии сиёсати минтақавии давлатӣ ин

беҳтаргардонии сатҳи худтаъминии аҳолии манотиқи кишвар бо маҳсулоти озуқавории худӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии деҳот маҳсуб меёбад. Дар ин раванд нақши боризро ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои агросаноатии кишвар мебозанд. Ҳамчунин, омӯзишу бозомӯзии кадрҳои корхонаҳои агросаноатӣ низ аз омилҳои ба ин раванд таъсирбахш ба ҳисоб меравад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои бузурги агросаноатии кишвар ба ҳисоб рафта, дар маҷмуъ 33,9% маҳсулоти соҳаи кишоварзии ҷумҳуририро истеҳсол мекунад ва имконоти зиёдро дар мавриди таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом доро мебошад. Вилояти мазкур аз ду минтақаи агросаноатӣ - Бохтару Вахш ва Кӯлоб иборат мебошад. Махсусан, дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар ҳалли мушкилоти номбурда дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва манотиқи кишвар, аз ҷумла дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон зарурати омӯзиш, таҳлилу арзёбӣ ва пешбурди корҳои илми таҳқиқотиро оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба миён овардааст, ки ҳамзамон муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро инъикос мекунад.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ.** Дар адабиёти муосир ва корҳои илмию таҳқиқотӣ, ҷнабаҳои назариявию амалӣ оид ба ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқотҳое, ки муносибатҳоро роҷеъ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда фарогир мебошанд, аз ҷониби олимону иқтисодчиёнӣ кишварҳои хориҷӣ, аз қабили Яковлев Б.И., Гончаров В.Д., Клюкач В.А., Тихонов В.А., Чаянов А.В., Мотовилов К.Я., Стадник А.Т., Таранов М.А., Тсугленок Н.В., Еркимбекулы Р., Круглов О.А., Александров Б.Ю., Беззубцева М.М., Туркин В.Н., Борис Андреевич., Гусейнов Р.М., Пошкус Б.И. Болденков А.В. ва дигарон арзёбӣ гардидаанд.

Ҳамчунин вобаста ба масъалаи мазкур саҳми олимони ватанӣ назаррас буда, таҳқиқотҳои илмии зиёде гузаронида шудааст. Дар самти мазкур Абдуллоев З., Каримов М.К., Ҳомидов А., Носиров Р.Н., Самандаров Т.М.,

Хоҷаев Ф., Нурназаров М.Н., Мадаминов А.А., Пиризода Ҷ.С., Фақеров Ҳ.Н., Одинаев Ҳ.А., Ғаниев Т.Б., Исайнов Ҳ.Р., Давлатов Қ.Қ., Қудратов Р.Р., Абдуалимзода Ҳ.А., Бегматов А.А., Кошонова М.Р., Қандиёрова Д.О., Шарипов Б.М., Мирсаидов С.А, Саидмуродов Л.Ҳ., Ашуров И.С., Оймаҳмадов Г.Н., Сафаров Б.Г., Қодиров Ф.А., Нурализода А.Н., Тағоев Ҷ.Ҳ., Давлатов Х.М. ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Сарфи назар аз таҳқиқотҳои илмии олимони номбурда, мушкилоти зиёде дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ аз қабили хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасон оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳлили вазъи имрӯзаи онҳо, дастгириҳои давлатӣ ва рушди инноватсионӣ роҷеъ ба ташаккули фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасанд, ки таҳқиқотҳои навинро тақозо менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қонунҳо, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат, барномаҳо, консепсияҳо ва ғ.), ки дар самти рушди фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳтарсозии вазъи имрӯзаи онҳо бахшида шудаанд, марбут мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад аз баргузории таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, таҳкими асосҳои назариявию услубӣ ва амалии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таҳлилу арзёбӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Тибқи мақсади таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ вазифаҳои зерин муқаррар шудаанд:

- тақвияти ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
- ошкорсозии хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш;
- омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
- баҳодиҳии тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;
- муайянсозии самтҳои асосӣ ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
- тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот** ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие мебошад, ки раванди ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро дар ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳлилу арзёбӣ қароргирифта ба танзим медароранд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба масоиле асос меёбад, ки ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ яке аз унсурҳои ниҳоят муҳим дар беҳтарнамоии шароити зиндагӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва таъмини амнияти озуқаворecho аҳолии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар баробари ин ҳамчун заминаи асосии истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, дар шароите, ки имконияти баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии мамлакат дар таъмини маҳсулоти худӣ ва маҳсулоти ба содиротнигаронидашуда вуҷуд дорад, пешбурди фаъолият дар самти мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва

хориҷӣ дар бахши ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ташкил медиҳанд. Асоси услубии таҳқиқи ҷараёнҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро равишҳои ҳудудӣ ва системавию сохторӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи иттилоотиро** маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, маводҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020, Ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021 ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** - ин таҳқиқу таҳияи муқаррароти назариявӣ, услубию амалӣ ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудае мебошад, ки ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидаанд. Натиҷаҳои илмие, ки аз ҷониби муаллиф нисбатан муҳим арзёбӣ гардидаанд, самтҳои зерини таҳқиқотро фарогир мебошанд:

- дар асоси гузаронидани таҳқиқот ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ тақвият дода шуда, ва бо такя ба нуқтаи назари олимони ватанию ҳориҷӣ аз ҷониби муаллиф таъриф пешниҳод шуд, ки “Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ - ин маҷмуи ҷараёнҳои ташкилӣ ва истеҳсолию иқтисодие мебошанд, ки дар натиҷаи

онҳо  истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ вобаста ба табдил додани маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти тайёри истеъмолӣ , аз ҷумла озуқаворӣ  дар заминаи коркарди саноатии он ба вуҷуд меоянд, ки амалигардии ин раванд тақозо ба захираҳои  молиявӣ, кадрӣ ва сармоягузориро дорад.” Инчунин, асоснокии андешаю нуқтаи назари олимоне, ки ба шароити муосир мувофиқ буда, истифодаи онҳо самаранокиро таъмин мекунад, муайян карда шуд;

•хусусиятҳои хос ва таъсирасонии омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо такя ба таҳқиқу омӯзиши назария ва усулҳои илмӣ ошкор шуда, роҳу усул ва чораҳои дар амал татбиқ намудани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти таъсири хусусияту омилҳои номбурда, мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст;

•таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқ гардида, ошкор карда шуд, ки дар шароити муосир рушди бахши мазкур ҷолиби диққати ҳамаи кишварҳои ҷаҳон қарор гирифтааст ва ҳар кишвар механизми ба танзимдарориро бо роҳу усулҳои ба худ хос мавриди амал қарор додаанд. Дар кори илмӣ амалисозии таҷрибаи баъзе кишварҳои ҷаҳон, ки малакаи рушди самаранокии иқтисодиёти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ доранд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидааст;

•арзёбии вазъи кунунӣ ва баҳодиҳии амиқи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда нисбати заминаҳо, марҳилаҳои ташаккул ва рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон бо назардошти нишондиҳандаҳои бадастомада анҷом дода шудааст;

•самтҳои асосӣ ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дастгирии давлатӣ, рушди инноватсионии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ) бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалӣ муайян карда шудаанд. Бахусус, роҳҳои ташаккул ва рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси

таъминоти технологияи инноватсионӣ, омодасозии мутахассисон барои истифодаи инноватсия, ташкили шаклҳои нави истеҳсол ва коркарди моҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир асоснок карда шудааст;

•тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ коркард шудаанд, аз ҷумла сабабҳои камчинии маблағ ва роҳҳои дарёфти сарчашмаҳои молиявии сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шуданд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

✓ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию услубӣ оид ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

✓ муайянкунӣ ва асоснокунии хусусиятҳо ва ошкорсозии омилҳои ба таври мустақим ва ғайримустақим ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирасон;

✓ таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои дорои сектори аграрӣ ва КАС-и пешсаф дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, муайянкунии ҷанбаҳои самараноку муҳими фаъолияти онҳо ва имконоти дар амал татбиқ намудани он дар сатҳи КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи он;

✓ баҳодиҳии вазъи воқеии нерӯи истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва иқтидорҳои соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон;

✓ асоснок гардонидани самтҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи агросано- атии мавриди таҳқиқ дар вилояти Хатлон;

✓ тавсияҳо оид ба сармоягузориҳо, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои молиякунонӣ, истифода ва сафарбарнамоии онҳо барои ташаккули босуръат ва рушди босуботи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот фарогири масоили назариявии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудае мебошад, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот бадастомада барои баландбардории самаранокии истеҳсолоти ватанӣ ва ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар сохторҳои таркибии КАС-и ҷумҳурию минтақаҳои тобеи он асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф таҳиягардида, имконият фароҳам меоранд, ки такмилдиҳии рушди донишҳои илмиро дар самти истифодаи самараноки ашёи хоми кишоварзӣ бо роҳи коркарди саноатии он дар сатҳи кишвар, аз ҷумла минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ намояд. Ҳамзамон, **аҳамияти амалии таҳқиқот** имкон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомадро сахторҳои марбути соҳаи саноат, корхонаҳои коркард ва корхонаю ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ метавонанд дар фаъолияти кории худ барои баланд бардошатани самаранокӣ ва таъмини рақобатпазирӣ истифода намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо назардошти омӯзишу гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ бароварда шудаанд.

**Мутобиқати мавзуи дисертатсия** ба талаботи Шиносномаи тахасусии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи **ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ** мувофиқ мебошад: 9. Арзёбии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондиҳандаҳо, методҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои шаклдигаркунии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ. 16. Коркарди методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии амалкарди сохторҳои корпоративӣ, тиҷорати хурду миёна, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои

табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғ. 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ. 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодабарии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Ҷиҳати иҷрои ҳамаи марҳилаҳои ба нақша гирифташуди кори илмӣ аз таҳия ва интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташудаю иҷрои вазифаҳои он, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба амал бароварда шудааст. Муаллиф натиҷаҳои илмиро бобати рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ омода ва чоп намудааст. Ҳамчунин, маводҳои мақолаҳои илмии муаллиф оид ба мавзуи рисолаи илмӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионӣ аз фанҳои таълимии “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Молияи минтақавӣ” ва “Молияи корхонаҳо” дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Самтҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2018-2023 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, баҳои мусбӣ гирифтаанд. Натиҷаҳои муҳими бадастомада ба Вазорати саноат ва технологияи нав, Вазорати кишоварзӣ ва корхонаҳои дар ин самт фаъолияткунанда пешниҳод карда шудаанд, ки оиди амалӣ шудани нуктаҳои алоҳидаи он санадҳои зарурӣ мавҷуд ҳастанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи илмии интихобшуда аз ҷониби муаллиф 12 мақоли илмӣ аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, матни асосии он дар ҳаҷми 188 саҳифа шакли чопи компютерӣ, 8 расм, 29 ҷадвал ва 6 диаграмма таҳия гардидааст.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСЛУБИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## 1.1.Ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ

Комплекси агросаноатӣ барои давлат яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳим ба шумор рафта, дар таъмини рушди иқтисодӣ ва амнияти озуқаворӣ нақши босазо дорад. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзӣ иқтидори иқтисодии давлатро боло бардошта, ҳамчун як системаи  махсуси тарҳрезишуда таъсири худро ба рушди иқтисодиёти кишвар мерасонад. Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар, ки аҳолии мамлакатро бо маводи озуқаворӣ таъмин менамояд, ин корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда  аз 1178 ташкилотҳои амалкунандаро дар бар мегирад, ки шумораи коргарон дар ин соҳа ба 33,9 ҳазор нафар баробар аст.[1]

Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ корхонаҳои хурду калони соҳаҳои хӯрокворӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, консервабарорӣ шаробу, сигорбарорӣ, қаннодӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ,  шир ва маҳсулоти ширӣ, орду нонпазӣ ва коркарди меваю сабзавотро  дар бар гирифта,  аҳолиро бо маводи озуқа ва корхонаҳои соҳаи саноатро бо ашёи хоми ватанӣ таъмин менамояд. Мақсади асосие, ки дар назди корхонаҳои коркарди саноатии  маҳсулоти кишоварзӣ гузошта шудааст,  аз таъмин намудани аҳолии кишвар бо маводи озуқавории кафолатнок ва босифат иборат мебошад. Кафолатнок ва бо сифат будани маҳсулоти истеҳсолшуда аз мавҷудияти сарчашмаҳои ашёи хоми ватанӣ ва фондҳои захиравии зарурӣ вобастагӣ дорад.

Яке аз ҳадафи муҳиме, ки  дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидааст, яъне гузариши иқтисодиёти кишвар аз рушди аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ

[1] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ  2022.- С.19-21.

мебошад, ки боиси ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ мегардад, метавонад талаботи истеъмолкунандагоро бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ таъмин намояд.

Аз ин лиҳоз, ҳуҷҷати стратегии номбурда ба корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ зарурати андешидани чораю тадбирҳоро барои барқарор намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, муайян намудани самтҳои асосӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ва таъмини рушди ин соҳаи муҳими комплекси агросаноатии мамлакатро ба миён оварад. В.И. Ленин индустриаликунонии мамлакатро ҳамчун асоси моддие мешуморид, ки шаҳру деҳот, саноату зироатро мепайвандад. "Ягона асоси моддии сотсиализм саноати калони мошинишуда метавонад, ки қобил аст зироатро аз нав созад".[2]

То ҳол, қисми зиёди маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ дар шакли ашёи хом бо арзиши ночиз ба бозори хориҷи кишвар боровардa мешаванд, ки агар мо коркарди онҳоро ба роҳ монем, якчанд маротиба фоидаи зиёд ба даст оварда, аҳолиро бо маҳсулотҳои босифати ватанӣ, ки аз ҷиҳати эколагӣ тоза, мебошанд ва барои нигоҳдории саломатӣ нақши муҳимро мебозанд, таъмин менамоем. Ҳамзамон дар Тоҷикистон таъсис додани як ҷойи кории дар саноат ташкилшуда метавонад даромадро нисбат ба бахши аграрӣ 9,7 маротиба зиёдтар таъмин кунад.[3] Маҳсулотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани коркарди саноатии онҳо имконпазир буда фоиданокиро якчанд маротиба зиёд менамоянд, чунин соҳаҳоро дар бар мегиранд (ниг. ба расми 1.1.) Нақшаи таҳиягардида нишон медиҳад, ки соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ доираи васеъи истеҳсолотро фаро гирифта, имконияти ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад.

[2] В.И. Ленин Асарҳо, ҷилди 32, С.515.
[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030.- Душанбе, 2016.- С.26.




**Расми 1.-Сохтор ва таркиби саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Барои ба роҳ мондани истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои номбаршуда, ки дар таъмини амнияти озӯқаворӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ нақши муҳим доранд, ҷалби мутахассисони баландихтисосе, ки аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ бохабаранд ва роҳҳои беҳтар ва самараноки истеҳсолотро, бо истифода аз захираҳои моддию молиявӣ пеш бурда метавонанд зарур мегардад. Ба ин восита метавонем анвои нави маҳсулотҳоро истеҳсол намуда ҷиҳати аз худ намудани таҷрибаи пурсамари хориҷӣ ва тайёр намудани кадрҳои варзида дар ин самт заминагузор бошем.

Бо гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ, фурӯши маҳсулотҳо тавассути бастани шартномаи тарафайн, байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои миёнарав ва коркардкунандагон ба роҳ монда мешавад. Принсипи асосӣ ва муҳими ҳама гуна корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ин шиори "арзон истеҳсол карда, гаронтар мефурӯшам" мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва беҳтар кардани муносибатҳои ташкилию иқтисодии корхонаҳои коркард ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 1991 ҳиссаи саноати сабук ва хӯрокворӣ дар таркиби соҳа якҷо 70,6 фоиз ва саноати вазнин 29,4 фоизро ташкил медод, ки ин нишондиҳандаи афзалият доштани соҳаҳои коркард дар кишвар буд. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, дар қатори дигар соҳаҳо саноати кишвар ба зарбаи шадид дучор гардид. Дар натиҷа соли 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 32,3 фоизи ҳаҷми соли 1990-умро ташкил кард. Иқтидори корхонаҳои истеҳсоли нахи пахта 3 баробар, пойафзол, шоҳиворию қолинбофӣ 30-40 баробар ва маҳсулоти ширӣ 90 баробар коҳиш ёфт ва садҳо ҳазор нафар бекор монданд.[4]

Ҳамзамон, қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ, ки баъзеи онҳо солҳои 50-60-уми асри гузашта ташкил шуда буданд, аз ҷиҳати технологӣ фарсуда ва

[4] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 14.10.2019 с. [манбаи электронӣ] URL: https://investcom.tj/tj/sokhibkori/743 (санаи муроҷиат: 07.06.2022 с.).

таҷҳизоти онҳо куҳна гардиданд. Бояд гуфт, ки дар кишвар як қатор корхонаҳои хусусигардонидашуда шартҳои озмунро пурра иҷро накарданд ва аз фаъолият бозмонданд. Майдонҳои истеҳсолӣ ба соҳибкорон ба иҷора дода шуда, имрӯз ҳамчун анбори маҳсулоти воридотӣ истифода мешаванд ва як қисми онҳо ба соҳибкорон барои ташкили коргоҳҳои хизматрасонӣ супорида шудаанд. Айни замон 85 фоизи корхонаҳо, 60 фоиз маҳсулот ва беш аз 70 фоизи кормандони соҳаи саноати кишвар ба саноати коркард рост меояд.[5] Аз ҷумла дар соли 2021, шумораи корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамокуро ба ӯҳда доранд, ба 515 адад баробар буда, дар ин соҳа 8,7 ҳазор нафар кор ва фаъолият дорад, истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ 414 адад 13,2 ҳазор нафар, маснуъот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 20 адад 0,6 ҳазор нафар, тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб 19 адад 1 ҳазор нафар, истеҳсоли селюлозаю қоғаз фаъолияти табъу нашр 144 адад 1,2 ҳазор нафар, истеҳсоли кимиёвӣ 66 адад 1 ҳазор нафар баробар гардидааст.[6] Нишондиҳандаҳои зикргардида маълум менамоянд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ соҳаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан рушд ёфта истодаанд, ки ин бо дастгириҳо ва имтиёзҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат вобастагии мустақим дорад. Аммо бо вуҷуди имтиёз ва дастгириҳои молиявие, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат ба соҳибкорон дода мешавад, баъзе маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, ки ба коркард эҳтиёҷ доранд ба манбаи ашёи хоми кишварҳои хориҷӣ табдил ёфтаанд. Масалан, соли 2018 корхонаҳое, ки бо коркарди пурраи нахи пахта машғул буданд, аз 6 намуди андоз озод карда шуданд. Дар маҷмуъ, Ҳукумати кишвар дар замони истиқлолияти давлатӣ барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 100 намуди имтиёзҳо ва сабукиҳоро ҷорӣ намудааст, ки нисфи онҳо барои дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди он олимони ватанию хориҷӣ корҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ анҷом доданд ва нисбати

---

[5] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 14.10.2019 с. [манбаи электронӣ] URL: https://investcom.tj/tj/sokhibkori/743 (санаи муроҷиат: 07.06.2022 с.)

[6] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2022.- С.19-22.

муаммоҳои дар он ҷойдошта ақидаҳои хешро иброз доштанд. А. Ҳомидов, қайд менамояд, ки масъалаи инкишоф додани корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар деҳот мушкилоти муҳими иҷтимоӣ низ ҳисоб меёбад. Зеро, сохтани корхонаҳои саноатии коркардабароянда боиси мустаҳкамшавӣ ва мукаммалгардии қувваҳои истеҳсолкунанда дар деҳот ва тадриҷан барҳам хӯрдани фарқи байни шаҳру деҳот, меҳнати коргару деҳқон мегардад. Зарурияти ҳалли ин масъаларо ҳаёти имрӯза талаб менамояд.[7]

Ба ақидаи Каримов М.К. соҳаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бахусус барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти бе андоза зиёд дорад. Аввал он имконият медиҳад, ки ҷумҳуриро аз сарзамини содиркунандаи ашёи хом берун кашад; дуюм, маҳсулоти аз нав коркардшуда, ки нисбат ба ашёи хом қиматтар аст, метавонад ҳам аҳолиро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунад ва ҳам ба хориҷи кишвар содир карда шавад; сеюм, аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин намуда, ба истифодаи мунтазами захираҳои меҳнатӣ дар фаслҳои сол мусоидат намояд. Азбаски ҳиссаи асосии корҳо дар соҳаи мазкур ба давраи тирамоҳу зимистон рост меояд ва машғулиятҳои аҳолии деҳот дар сатҳи камтарин қарор мегирад, сохтмони анборхонаҳо ва муассисаҳои коркардкунандаро дар деҳот мутамарказонидан ба мақсад мувофиқ аст.[8]

Ба андешаи Зафар Абдуллоев корхонаҳои агросаноатӣ яке аз шаклҳои ташкили ҷараёни якҷояшавии соҳаи кишоварзӣ ва саноат ба ҳисоб меравад. Онҳо корхонаҳое мебошанд, ки сарфи назар аз мансубияти моликияташон коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба уҳда доранд.[9]

Аз нуқтаи назари мо хулосаи Зафар Абдуллоев қобили дастгирист, чунки яке аз роҳҳои ба мамлакати саноатӣ табдил ёфтани ҷумҳурӣ аз якҷояшавии соҳаи кишоварзӣ бо саноат вобастагӣ дорад, чунки шароити имрӯза талаб менамояд, ки корхонаҳои агросаноатӣ дар алоҳидагӣ ташкил ёбанд. Дар пайравӣ ба ақидаи мазкур мо пешниҳод менамоем, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон аз

---

[7] Ҳомидов А. Корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон: Нашриёти ДОНИШ, 1978.- С.5-6.
[8] Каримов М.К. Асосҳои назариявии технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ. Душанбе, “Ирфон” 2006.- С.4-5.
[9] Абдуллоев З. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. – Душанбе, Маориф, 1996.- С. 30.

кластерҳо истифода кардан, аз як тараф мушкилоти камзамин будани Тоҷикистонро то як дараҷа таъмин намояд, аз дигар ҷониб мавсимияти фаъолияти аҳолиро ба сатҳи назаррас кам намуда, бехатарии озуқавориро беҳтар карда, соҳаи кишоварзиро бо воситаҳои истеҳсолот ва технологияи зарурӣ таъмин менамояд. Яке аз самтҳои муҳими истифодаи кластерҳо дар кишоварзӣ қобилияти зеҳнии аҳолии деҳотро ба талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ мувофиқ гардонидан ба ҳисоб меравад.

Хоҷаев Ф. қайд кардааст, ки дараҷаи тараққиёти саноат ҳар қадар баланд бошад, барои тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ ҳамон қадар шароиту имконият муҳайё мегардад. Хоҷагии қишлоқ низ ба саноат таъсири рӯзафзун мерасонад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои кори соҳаҳои бисёри саноат шароити мусоид фароҳам меорад. [10]

Дар ҳақиқат сатҳи инкишофи қисмати муъайяни соҳаҳои саноат аз таъминоти ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ метавонад барои инкишофи босуръати соҳаҳои саноат заминаҳои мусоид фароҳам оварад. Дар ин замина ҳаҷми истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардида, сатҳи таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти тайёр беҳтар мегардад.

Ба ақидаи Нурназаров М.Н. бошад, барои сохтани корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар хоҷагии қишлоқ захираҳои начандон калони боигариҳои табиӣ зарур мегардад. Одатан, ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ дорои ин ё он намуди боигарии табиӣ мебошад, ки захираҳои он хеле гуногун аст, албатта сохтани корхонаҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди он афзалтар аст.[11]

Дар баробари ин ташкили коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ алоқаи интегратсионии соҳаҳоро ба вуҷуд меорад, аз тарафи дигар имконияти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро таъмин менамояд. Дар ҳамин замина корхонаҳои саноатии дар сарҳади минтақаҳо бунёдёфта метавонанд шуғли пурсамарро таъмин карда,

---

[10] Хоҷаев Ф. Кооперативонидани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бо саноат.- Душанбе, “Ирфон”, 1975 - С.5-6.
[11] Нурназаров М.Н. Корхонаҳои саноати ва ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. - Душанбе, Нашриёти “Дониш”, 1978. – С.9.

имконияти содиротии аз талаботи дохила зиёдро фароҳам оваранд. Аз тарафи дигар, имконияти пардохти андозҳоро таъмин карда, маҳдудияти захираҳои молиявиро барои минтақаҳо нисбатан ҳал карда метавонад.

Ҷ.С. Пиризода, Ш.Т. Одинаев, Х.М. Давлатов иброз медоранд, ки яке аз чораёне, ки ба ҳалли масоили соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шомилшавӣ ба руйхати кишварҳои пешрафтаи тамаддунӣ имконият медиҳад, ин гузариш ба усул ва татбиқи амалии равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва аз худ намудани технологияҳои муосири ояндадор мебошад. Аз ин рӯ, барои рушд додани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал мебояд ба азнавкунии таҳкурсии техникӣ, яъне рӯ ба азнавкунии таҷҳизоту технологияҳои муосири ҷаҳонӣ овард, ки он имконияти сарфакунии захираҳои табиию энергетикиро медиҳад. Инчунин дар ин замина ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ба талаботи истеъмолгарон бояд ҷавобгӯй бошад.[12]

Ақидаи олимони номбурда қобили дастгири бошад ҳам, маҳдудияти шаддиди захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ҳамаҷониба ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро тавассути технологияи нави инноватсионӣ таъмин карда наметавонад, бинобар ҳамин мо пешниҳод менамоем, ки технологияи инноватсионии ба кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ воридкардашаванда бо истифода аз лизинг нисбати бунёди корхонаҳои коркард ба роҳ монда шавад. Истифодаи лизинг дар бунёди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ барои аҳолии дар ин бахш фаъолияткунанда имконияти иштирокро дар ҷустуҷӯиҳои инноватсионӣ нисбати такмилу таҷдиди воситаҳои истеҳсолоти бо роҳи лизинг ба минтақа воридшударо аз як тараф таъмин намояд, аз тарафи дигар имконияти анҷомдиҳии корҳои илмию таҳқиқотиро нисбати истеҳсоли навъҳои нави маҳсулоти кишоварзӣ фароҳам меорад.

[12] Пиризода Ҷ.С. Механизми ташкилию иқтисодии рушди ҷараёни инноватсионӣ дар КАС. Монографияи коллективӣ. / Ҷ.С. Пиризода, Ш.Т. Одинаев, Х.М. Давлатов.- Душанбе, 2017.- С.115-116

Носиров Р.Н. ва Самандаров Т.М. роҷеъ ба корхонаҳои кишоварзӣ чунин нуқтаи назар доранд: ҳар як корхонаи кишоварзӣ миқдори муайяни заминро дорост. Ба таври оқилона, самаранок, илман асоснок истифода бурдани замин ба баланд шудани фаъолияти кишоварзӣ, дараҷаи некӯаҳволии деҳқонон ва халқ таъсири мусбат мерасонад. Аз ҳамин сабаб, ташкили дурусти истифодаи замин дар корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои шахсӣ, ноҳия, вилоят, минтақаҳо бояд мақомоти идоракунии фаъолияти истеҳсолии онҳо бошад.[13]

Аз нуқтаи назари Ҷамолиддин Тағоев яке аз самтҳои сиёсати аграрии Тоҷикистон дар асри XXI бунёди корхонаҳои хурду миёна аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад. Бунёди корхонаҳое, ки обу ҳаво ва табиатро ифлос мекунад, ҳам ба Тоҷикистон ва ҳам ба давлатҳои ҳамсоя зарар мерасонад. Ғайр аз ин, аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ, дар кӯҳистон зиндагӣ менамоянд, бо кор таъмин мешаванд ва ашё барои коркард дар чунин корхонаҳо низ мавҷуд аст. Ҳамаи ин дар навбати худ имконият фароҳам меорад, ки мардум бо меҳнати бунёдкоронаю пурсамар машғул шуда, дараҷаи зиндагиашонро беҳтар намоянд ва самаранок истифода бурдани сарватҳои табииро дарк намоянд. Ояндаи дурахшонро бидуни меҳнати пайваста мунтазир шудан лозим нест.[14]

Т.Б. Ғаниев, Ҳ.А. Одинаев, С.Ҷ. Комилов иброз медоранд, ки пурра истифода бурдани захираҳои озуқаворӣ, камшавии талафот, комёб шудан ба дараҷаи зарурии таъминоти аҳолӣ метавонад дар асоси дигаргунсозии куллии фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои саноати коркард, савдои чакана ва яклухт таъмин карда шавад. Чунин дараҷаи танзимкунӣ дар асоси татбиқи усулҳои автоматонидашудаи таъминоти рекламавӣ-ахборӣ, ки мағозаҳои чакана, анборҳои савдои яклухти тақсимкунӣ ва корхонаҳои саноатиро фаро мегиранд, имконпазир аст.[15]

Бегматов А.А. чунин меҳисобад, ки ташкили корхонҳои саноатӣ дар хоҷагии қишлоқ, ба беҳтар истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ, афзудани даромади

---

[13] Носиров Р.Н., Самандаров Т.М. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. Қисми 2, "Маъориф ва фарҳанг", Душанбе, 2007.- С.3
[14] Тағоев Ҷ. Сиёсати аграрии Тоҷикистон. - Душанбе, Ирфон, 2001.- С.307-308.
[15] Ғаниев Т.Б., Одинаев Ҳ.А., Комилов С.Ҷ. Асосҳои агробизнес. -Душанбе, Диловар-ДДМТ, 2002.- С.206

колхозу совхозҳо таъсири мусбат расонида, баъзе мушкилоти иҷтимоию иқтисодии деҳотро аз байн мебарад.[16]

Дар баъзе корҳои олимони ватанӣ, ба мисли Садриддинов М.И қайд карда мешавад, ки тавассути модернизатсияи сиёсати иқтисодӣ суръати рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, махсусан, соҳаи кишоварзӣ баланд гардида, нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ аз ин ҳисоб беҳтар мегардид[17]. Дар ҳақиқат, барои корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зина ба зина модернизатсияи корхонаҳои кишоварзӣ сурат гирифт, ки аз ин ҳисоб ҳосилнокии маҳсулоти тавлидгардида баланд бардошта шуд.

Дар муайянкунии мафҳуми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нақши олимони рус низ хеле бузург аст. Зеро аксари падидаҳои илмӣ ва амалӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурии мо тавассути забони илмӣ ва таҷрибаи амалии онҳо ҷорӣ гардидаанд. Баъзе аз нуқтаҳои назари олимони русро дар ин мавзуи баҳс мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Роҷеъ ба ақидаи Б.И. Яковлев корхонаи агросаноатӣ ҳамон вақт ба амал меояд, ки дар совхоз, колхоз, фабрикаи парандапарварӣ, корхонаҳои байнихоҷагӣ ё дигар намуди корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсолоти калони саноатӣ (заводи консервабарорӣ, сехи куштор, коркарди паранда ва ғайра) ташкил гашта, дар штати худ коркунони доимӣ бо коркарди саноатӣ, печонидан ва нигоҳдории он омода бошанд ва камаш 25 фоизи маҳсулоти асосии хоҷагиро коркард карда бароранд. Корхонаҳои агросаноатӣ ҳуқуқ доранд ҳангоми нарасидани ашёи хом ё дигар маводи даркорӣ онро берун аз корхона ва ё аз деҳқонону хизматчиён бихаранд. Колхозу заводҳо инчунин дар натиҷаи якҷояшавии колхоз бо корхонаи давлатии саноатӣ низ ба амал меоянд.[18]

---

[16] Бегматов А.А. Производственные фонды агропромышленных формирований и эффективность их использования (на материалах агропромышленных предприятий и объединений Таджикской ССР). -Душанбе, 1983.- 182 с.

[17] Оценка значимости водных ресурсов Республики Таджикистан // Институт экономики и организации промышленного производства Сибирского отделения Российской академии наук. Новосибирск: Изд-во ИЭОПП СО РАН, 2017. – 140 с. ISBN: 978-5-89665-311-0.

[18] Абдуллоев З. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. - Душанбе, Маориф,1996.- С.31.

Ба фикри мо нуқтаи назари олими номбурда дар шароити имрӯза каме аз лиҳози вақт кӯҳна шудааст. Ҳамчунин мафҳуми корхонаҳои саноатиро олими мазкур шарҳи маҳдуд додааст.

Аз назари олимон В.Д. Гончаров., В.А. Клюкач., дар марҳилаи кунунии рушди комплекси агросаноатӣ истифодаи пурраи ҳама намуди маҳсулоти кишоварзӣ ва кам кардани арзиши он аҳамияти муҳим дорад. Ба андозаи назаррас, ин аз такмили таносуби байни афзоиши истеҳсоли корхонаҳои коркард ва нигоҳдории он, инчунин беҳтар шудани муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ ва робитаи байни кишоварзию саноати коркард, ташкилотҳое, ки бо хариду фурӯш ва нигоҳдорӣ машғуланд, вобаста аст.[19]

Дар баробари ин барои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти коркардшуда дар минтақаҳое, ки имконияти таъмин кардани ашёи хомро доранд, сохтани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ буда хароҷоте, ки барои интиқол додани маҳсулот сарф мешавад, кам гардида талафёбии маҳсулотҳои зудвайроншавандаро аз байн мебарад ва самаранокии вақти кориро низ таъмин намуда, муносибатҳои тиҷоратии байни минтақаҳои эҳтиёҷдоштаро ба миён меорад.

Тавре, ки академик В.А. Тихонов, қайд кардааст, комплекси агросаноатӣ ҳамчун низоми мунтазам эҳёшавандаи муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии байни саноат ва соҳаи кишоварзӣ дар чунин марҳилаи рушди қувваи истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд, ки шароитҳои моддӣ ва иҷтимоӣ барои пайвастшавии онҳо ба системаи ягонаи ҳамгироии истеҳсолоти агросаноатӣ фароҳам гардад.[20]

Ба андешаи Чаянов А.В. кишоварзӣ мустақиман бо масоҳат алоқа дошта, ҳар қадар корхонаҳои кишоварзӣ калон бошанд, ҳамон қадар масоҳати зиёдро бояд ишғол намоянд. Ягон навъи муттаҳидшавӣ (консентратсия) ба истисноии ҳолати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба вуқуъ намеояд. Ҳамзамон вай қайд менамояд,

[19] Гончаров В.Д., Клюкач В.А. Комплексное развитие селйского хозяйства и перерабатывающей промышленности. М.: Агропромиздат, 1988.- С.3.
[20] Тихонов В.А. Агропромышлений комплекс и проблема его эффективности. М,: Экономика 1982. – С.8.

ки бо афзоиши ҳаҷми хоҷагиҳои кишоварзӣ нисбат ба дигар қисматҳои истеҳсолот, арзиши аслии каҷхата паст гардида, нисбати пастравии саноати коркард ночиз мебошад. [21]

В.И. Ленин борҳо дар бораи пайдо шудани тамоили дар истеҳсолоти калони капиталистӣ, ки дар он маҳсулот бо техника аз нав тайёр карда мешавад, муттаҳид гардидани зироат сухан ронда буд. Чунончӣ, ӯ дар асари "Масъалаи аграрӣ" ва "танқидчиёни Маркс" чунин навиштааст: "...бо зироат пайвастани коркардабарории техникии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ яке аз нишонаҳои барҷастатари прогресси махсуси капиталистӣ дар зироат мебошад"[22]

Ба ақидаи муаллиф ташаккул ва инкишофи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот барои амали гардидани ҳадафи стратегӣ, яъне "рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" нақши муҳим мебозад. Ташкили корхонаҳои коркард дар деҳот боиси он мегардад, ки аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, сатҳи урбанизатсияи аҳолии деҳотро дигаргун менамояд ва боиси камшавии кӯчиши аҳолии деҳот ба шаҳр мегардад. Як қисми аҳолии деҳот тарзи меҳнатгузориашро дигар намуда, ба меҳнати саноатӣ мувофиқ менамоянд. Вобаста ба ин масъала Ф. Энгелс чунин қайд намудааст: "Ташкили хоҷагиҳои калони деҳқонӣ ва ба кор бурдани мошинҳои хоҷагии қишлоқ ба тариқи дигар чунин маъно дорад: меҳнати хоҷагии қишлоқи қисми зиёди деҳқонони камбизоат барзиёд шуда мемонад. Барои он ки одамони аз кори зироат маҳрумшуда бекор намонанд ё ноилоҷ дар шаҳрҳо ҷамъ нашаванд, онҳоро дар худи деҳот ба меҳнати саноати машғул кардан зарур аст"[23]

Инчунин, барои аз мамлакати содиркунандаи ашёи хом ба мамлакати саноатӣ табдил ёфтани ҷумҳурӣ ташкили корхонаҳои коркарди саноатӣ нақши муҳим дорад, чунки ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хомро ба маҳсулоти тайёр табдил медиҳад ва арзиши он якчанд маротиба зиёд гардида, самаранокии кори деҳқононро таъмин менамояд. Аз ҷумла бо ташкили

[21] Чаянов В.А. Оптимальные размеры сельскохозяйственных предприятий / В.А. Чаянов - М,: «Новая деревня»,1991- С.4-8.
[22] В.И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 5, С.215.
[23] Маркс К., Энгелсс Ф. Асарҳо, ҷилди 19, С.345.

сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулот дар фаслҳои тирамоҳу зимистон метавонад мавсимӣ будани кори деҳқононро аз байн барад. Афзоиши мутлақи коркунони хоҷагии қишлоқ вазифаи хеле муҳим, таъминкунандаи шуғлнокии онҳоро дар тамоми сол ба миён мегузорад. Зарурияти ба кор банд кардани одамон дар давоми сол бо раванди мавсимияти меҳнат дар хоҷагии қишлоқ вобастагӣ дорад. К. Маркс хусусиятҳои мавсимии кори деҳқонӣ ва оқибатҳои онро нишон дода гуфта буд: “Обу ҳаво ҳар қадар номусоид бошад, мавсимии кори хоҷагии қишлоқ ҳамон қадар кӯтоҳ мешавад, яъне мухлате кӯтоҳ мешавад, ки дар он меҳнат ва маблағ сарф карда мешавад”.[24]

Дар мавриди корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ Тағоев Ҷ.Ҳ. чунин қайд кардааст, ки аз рӯи самти истифода МУК ба 2 қисм ҷудо карда мешавад: - қисми МУК бевосита ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад; - қисме аз МУК барои коркард ба корхонаҳои саноатӣ ворид мегарданд ва баъди дараҷаҳои гуногуни коркард ба истеъмолкунанда пешниҳод мегарданд.[25] Ба фикри мо дар ин нуқтаи назар доираи фаъолият ва сарчашмаи ашёи хоми корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аниқ карда шудааст.

Бо такя ба нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ метавон илова намуд, ки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ - ин маҷмуи ҷараёнҳои ташкилӣ ва истеҳсолию иқтисодие мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ вобаста ба табдил додани маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти тайёри истеъмолӣ, аз ҷумла озуқаворӣ дар заминаи коркарди саноатии он ба вуҷуд меоянд, ки амалигардии ин раванд тақозо ба захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва сармоягузориро дорад.

Соҳаи кишоварзӣ базаи ашёи хоми корхонаҳои саноати коркард буда, қисми ҷудонашавандаи комплекси агросаноатиро ташкил медиҳад. Саноати коркард дорои аҳамияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, зеро он на танҳо талаботи аҳолиро ба як қатор маҳсулоти муҳими ғизоӣ қонеъ мегардонад, балки сатҳи

[24] Маркс К., Энгелс Ф. Сочинение. т. 24. С.272.
[25] Тағоев Ҷ.Ҳ. ва диг. Иқтисодиёти кишоварзӣ.- Душанбе: “Ирфон”, 2005.- С.236

зиндагии аҳолии кишварро инъикос мекунад. Дар навбати худ бояд қайд намуд, ки равандҳои истеҳсолот бевосита бо кишоварзӣ алоқаманд мебошанд, ки барои корхонаҳои коркард манбаи ашёи хом мебошад. Инчунин, ба ҷойгиршавии корхонаҳои кишоварзӣ ба омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ таъсир мерасонад: захираҳои меҳнатии минтақа дар навбати худ аҳолии истеъмолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми асосноксозии иқтисодии тақсимоти оқилонаи корхонаҳо, инчунин ҳолат ва сатҳи рушди зироатпарварӣ ва чорводорӣ, мавҷудияти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, имкони истифодаи шаклҳои гуногуни нақлиётро дар интиқоли ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, сатҳи тамаркузи қувваҳои истеҳсолкунанда, сатҳи рушди корхонаҳои саноатию хӯроквориро ба назар гирифтан зарур аст. Дар асоси қонунҳои объективии ҷойгиршавии истеҳсолот, чунин принсипҳои умумиро қайд кардан зарур аст, ба монанди наздик кардани истеҳсолот ба манбаъи ашёи хом, энергия, сӯзишворӣ ва макони истеъмоли маҳсулот; истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои самараноки захираҳои табиӣ ва тақсимоти самараноки қувваҳои истеҳсолкунанда. Дар асоси ин принсипҳо нақши асосиро дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард ва таъминкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки онҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.




**Расми 1.2.-Таъминкунандагони корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо ашёи хом**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар фаъолияти корхонаҳои коркард нақши асосиро таъминкунандагони ашёи хом бозида, раванди бо кори доимӣ банд кардани корхонаҳо ва аз байн бурдани мавсимияти кор аз захираҳои ашёи хоми истеҳсолкардаи минтақаҳо вобастагии калон дорад, ки онҳоро аз шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба даст овардан мумкин аст. Вобаста ба шароити табиӣ, захираҳои ашёи хоми минтақаҳои ҷумҳурӣ имконияти ба роҳ мондани коркарди саноатиро ба миён меоранд.

**Хулосаи зербоби 1.1.**

Ҳамин тариқ, омӯзиши мавзуи интихобшуда ва баррасии фикру ақида ва пешниҳодҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ баҳо дода шуда, дар ин асос самтҳои такмилдиҳии фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва дарёфти захираҳои молиявӣ бо баҳисобгирии маҳдудияти онҳо асоснок гардида, имконият фароҳам овард, ки чунин хулосабарорӣ намоем.

- интихоби дурусти муҳити ташкили корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро вобаста ба захираҳои ашёи хоми дар минтақаҳо мавҷудбуда ба роҳ мондан;
- таъмини манбаҳои молиявӣ ва маблағгузории соҳаро аз шаклҳои гуногуни сармоя ба мисли маблағҳои буҷетӣ, қарзҳои бонкӣ, ва сармоягузории дохилию хориҷӣ амалӣ намудан;
- бо истифода аз лизинги молиявӣ фондҳои асосии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро таъмин намуда, технологияи нави бо сифати баланд истеҳсолкунандаро ворид намудан;
- ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар бештари мавридҳо аз ҳисоби дар амал тадбиқ намудани инноватсияҳо, ё ин ки модернизатсияи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бояд сурат гирад;
- диверсификатсия намудани корхонаҳо ва маҳсулотҳои коркардшуда дар минтақаҳо;
- бо истифода аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ба роҳ мондани нигоҳдорӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар охир қайд кардан ба маврид аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, аз тарафи давлат фароҳам овардани имтиёзҳои молиявию қарзӣ ва андозӣ зарур мебошад, ки ин барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим дошта, имконияти таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолии деҳотро ба миён оварда, сатҳу сифати зиндагии онҳоро баланд мебардорад.

## 1.2. Хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш

Дар натиҷаи рушди минбаъдаи равандҳои тақсимоти меҳнат ва ба дигар соҳаҳо додани як қатор вазифаҳои дорои хусусияти технологидошта доираи истифодаи меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, маҳдуд гардид. Ҳамин аст, ки дар шароити имрӯза соҳаи кишоварзӣ торафт ҳамчун соҳаи муҳим ва таъминкунандаи ашёи хом дар сатҳи дохилӣ ва хориҷӣ баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ барои истеҳсоли махсулоти ниёзи аввала ва ба бозор пешниҳод кардани онҳо аз тарафи корхонаҳое, ки ба коркард ва нигоҳдории маҳсулот сарукор доранд, ба мақсад мувофиқ аст. Дар натиҷаи фароҳам овардани заминаи мусоид барои ташаккул ва рушди истеҳсолот ва ба низом даровардани он, ҳамгироии соҳаи саноат ва кишоварзӣ ба вуҷуд омада, сабаби ба миён омадани бахшҳои алоҳидаи коркарди саноатӣ мегардад. Муайян намудани самти дурусти фаъолият вобаста ба иқтидори истеҳсолии корхона ва ба ҳисоб гирифтани талаботи истеъмолкунандагон, роҳи асосии расидан ба мақсад дар ин самт мебошад. Ба роҳ мондани истеҳсолот дар шароити бо суръати баланд тараққи ёфтани техникаю технология, ҳамгироии байни соҳаҳои кишоварзию саноатро талаб менамояд, ки ҳамчун омили баланд бардоштани истеҳсолот аз ҷониби олимон В. Афанасьев, В. Милосердов, Б. Фоменко ва дигар муҳақиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.[26]

[26] Афанасьев В. Кооперация и интеграция в аграрном секторе // Экономика сельского хозяйства России. - 1997. - №2. - С. 4.; Афанасьев В. Кооперация и интеграция в АПК Россини // Материалы международной

Корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд. Аз ҷумла дар мавриди фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хело ҳам бараъло ба назар мерасад. Муҳимтарини ин хусусиятҳоро дида мебароем.

1. Хусусияти муҳимтарин, ки он ҳамчунин хусусияти принсипиалии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ҳамин аст, ки аҳолӣ дар шароити рушди кунунии иқтисодёти ҷаҳони муосир ба ин корхона ва маҳсулоти онҳо ниёз доранд. Яъне вазъи имрӯзаи ҷаҳони муосир бо афзоиши шумораи аҳолӣ ва зиёд гардидани талабот ба маҳсулот ва ҷойҳои корӣ талаб менамояд, корхонаҳое ташкил карда шаванд, ки талаботи аҳолиро бо назардошти афзоиши он, қонеъ карда тавонанд, ки яке аз онҳо корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд;

2. Хусусияти дигаре, ки ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонад, ҳамгироии агросаноатӣ маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи рушди корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар шаклҳои гуногуни моликият қарор доранд, ба монанди корхонаҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои хусусӣ, ташкилотҳое ба вуҷуд меоянд, ки минбаъд ба коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, сару кор доранд ва аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда бо арзиши камтарин расонидани маҳсулоти коркардкардашударо ба зимма доранд. Аз ин лиҳоз барои таъмини фаъолияти доимии онҳо таъминоти ашёи хоми кишоварзӣ дар дараҷаи аввал қарор мегирад, ки он дар натиҷаи ҳамгироии соҳаи кишоварзию саноат сурат мегирад. Дар ин маврид А.А. Мадаминов қайд мекунад, ки интегратсияи кишоварзӣ бо саноат дар шакли гуногуни корхонаҳои агросаноатӣ шарти асосии такмили ин робитаҳо мебошад, ки дар асоси механизми ягонаи иқтисодӣ, амалӣ

---

научно - практической конференции «Аграрная экономика и политика: история и современность». - М., 1996. - С. 145 -146.; Василенко М. П. Основы интеграции сельскохозяйственного и промышленного труда. - М.: Колос, 1975. - 63 с.; Милосердов В. Аграрная политика и проблемы развития АПК. - М.: Агропромиздат, 1990. - 295 с.; Фоменко Б. Экономическое обоснование приоритетных направлений повышения эффективности производства в сельскохозяйственных предприятиях в условиях перехода к рыночным отношениям: Автореф. ...канд. экон. наук. - Краснодар. -1994. - 22 с.

карда мешаванд.[27] Бахши истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аксар мавридҳо дар ҳамгироии байни корхонаҳои коркард ва савдо сурат мегирад, ки корхонаҳои кишоварзиро тобеи худ медароранд. Дар натиҷа масъалаи ҳамгироии байни соҳаҳо ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

3. Корхонаҳое, ки ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ махсусгардонида шудаанд ба таъмини фондҳои асосии истеҳсолӣ ниёз доранд. Қисми зиёди мамлакатҳое, ки дар он иқтисодиёти бозоргонӣ амал мекунад, соҳаи кишоварзиро ба воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва инфрасохтори саноатӣ таъмин менамоянд. Ғайр аз ин, дар баъзе аз мамолики ҷаҳон соҳаҳое ба назар мерасанд, ки бидуни ҳамкорӣ фаъолияти худро дар алоҳидагӣ ба роҳ монда, натиҷаи хуб ба даст меоранд. Вале соҳаҳое ҳастанд, ки аз сабаби надоштани сиёсати дурусти сармоягузорӣ, ба мушкилоти норасоии манбаъҳои молиявӣ барои таъминоти моддию техникии корхона, ва нигоҳдории маҳсулот дучор гардидаанд. Аз ин лиҳоз, фарсудашавии воситаҳои истеҳсолот дар корхонаҳое, ки ба коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидаанд, хеле зиёд ба назар мерасад. Шароити имрӯза талаб менамояд, ки барои дар олами пурраҳобати иқтисоди бозорӣ мувофиқ намудани истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳое, ки ба талаботи истеъмолкунанда ҷавобгӯй бошанд, ба роҳ мондан зарур мегардад, ки ин аз таъмин будан бо техникаю технологияи ҳозиразамон вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин масъала Г.А. Бабенко ва дигарон иброз медоранд, ки “Фондҳои асосии истеҳсолӣ базаи модию техникии корхонаро ташкил дода, дараҷаи техникӣ, навъ, микдор, сифати маҳсулоту кори иҷрошуда ва сатҳи хизматрасониро муайян мекунад”[28]

4. Рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ боиси зиёд гардидани ҳаҷми ММД ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда мегардад. Яъне дар натиҷаи ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ метавон аз баъзе маҳсулотҳои воридотие, ки

[27] Мадаминов А.А. Основные показатели и факторы устойчивого развития сельского хозяйства. Kishovarz. 2010. № 4. С. 39-42.
[28] Бабенко, Г.А. Инвестирование [Текст]: учебно-методическое пособие / Г.А. Бабенко, В.Е. Михайлова, А.А. Ефремова. – Симферополь: КЭИ ГВУЗ «КНЭУ им. Вадима Гетьмана», «Таврида», 2010. – 200 с.

қисми зиёди хароҷоти кишварро ташкил медиҳанд даст кашида, ҳамчун истеҳсолкунандаи он баромад, намуда аз талабот зиёдашро содир намоем.

5. Ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ боиси кам гардидани муҳоҷирати меҳнатӣ ба мамлакатҳои хориҷа гардида, бо истифода аз таҷриба ва малакаи андухтаи аҳолие, ки берун аз кишвар кор ва фаъолият намудаанд сатҳу сифати истеҳсоли маҳсулотро ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй намуда, аҳолиро бо шуғли пурмаҳсул таъмин намоем.

6. Хусусияти дигаре, ки ба корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ хос мебошад, аз табдил додани бозорҳои мавсимӣ ба доимо фаъолияткунанда иборат аст. Аз замонҳои гузашта маълум аст, ки истеҳсолоти кишоварзӣ хусусияти мавсимӣ дошта, вобаста ба фаслҳои сол анвои гуногуни маҳсулотҳо ба бозор пешниҳод карда мешаванд, ки онро дар як мавсим истифода бурдан мумкин буд. Айни ҳол, мо метавонем дар натиҷаи бароҳ мондани коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дилхоҳ маҳсулотро дар ҳама фаслҳои сол дастрас намоем ва фаъолияти бозорҳои мавсимиро ба доимӣ табдил диҳем.

7. Маҳсулотҳои кишоварзии коркардшаванда хусусияти алтернативии ивазнамоӣ надоранд. Яъне маҳсулотҳое, ки барои коркарди саноатӣ ҳамчун ашёи хом пешниҳод карда мешаванд, ивазкунандае надошта онҳоро танҳо дар шакли аслиаш коркард кардан мумкин аст.

8. Дар натиҷаи ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ талафёбии маҳсулотҳое, ки хусусияти зуд вайроншавиро доранд метавон аз байн бурда самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин намоем.

9. Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ сабаби қисман аз байн бурдани муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғанӣ гардидани даромади аҳолию буҷети давлатӣ мегардад, ки инро дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои муҳим ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон доданд, ки ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо чунин хусусиятҳои ба худ хос аз дигар падидаҳои иқтисодӣ фарқ мекунанд, (Расми 1.3.).

**Хусусиятҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ**

- Ҷомеа ба ташаккул ва рушди соҳа ниёз дорад.
- Ҳамгироии агросаноатӣ ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонад.
- Ҳамгироии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо соҳаи савдо сурат мегирад.
- Корхонаҳои ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ махсусгардонидашуда ба таъмини фондҳои асосии истеҳсолӣ ниёз доранд.
- Рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ боиси зиёд гардидани ҳаҷми ММД ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда мегардад.
- Ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аҳолиро бо шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд.
- Фаъолияти бозорҳои мавсимии қувваи корӣ ва маҳсулоти кишоварзиро ба бозорҳои доимӣ табдил медиҳад.
- Маҳсулотҳои кишоварзии коркардшуда хусусияти алтернативии ивазнамойӣ надоранд.
- Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ боиси кам гардидани талафоти маҳсулоти зудвайроншаванда ва ғайристандартӣ мегардад.
- Ташаккул ва равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ сабаби аз байн бурдани муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғанӣ гардидани даромади аҳолию буҷети давлатӣ мегардад.

**Расми 1.3.-Хусусиятҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати рӯ ба тараққӣ, барои таъмини моддию техникии корхонаҳо ва бартараф кардани мушкилотҳо оиди воситаҳои асосии истеҳсолии фарсудашуда, ба таъмини манбаъҳои молиявии иловагӣ эҳтиёҷ дорад. Аз рӯи таҷриба, яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва иловагӣ барои дастгирӣ ва азнавсозии корхонаҳои кишоварзӣ, ин қарзҳои низоми бонкӣ ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба масъалаи мазкур Шариф Раҳимзода қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари бехатарии қарздиҳӣ ба соҳаҳо назар афканем ҳиссаи қарзҳои

додашуда дар маҷмӯи маҳсулоти умумии корхона дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳол он, ки аз рӯи меъёрҳои баҳогузорӣ қарзҳои ба соҳа додашуда бояд ҳадди ақал 50-70%-и маҷмуи умумии маҳсулоти корхонаро ташкил намоянд. Дастрасии захираҳои қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва таҷдиди коргоҳҳое, ки коркарди маҳсулоти кишоварзиро афзун менамояд, ҷалби қарзҳои имтиёзнок ё грант ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳавасманд хоҳад кард, ки ин ба сатҳи нави рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.[29]

Гарчанде, ки имрӯз меъёри фоизи қарзҳои ба соҳа пешниҳодгардида ба талабот ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаи кишоварзию саноат мувофиқат накунад ҳам, андешидани алтернатива дар ин самт шарт ва зарур мебошад, ки воқеияти он дар диаграмаи 1.1 ба мушоҳида мерасад.

**Диаграммаи 1.1.-Меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳодшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳо аз сомонаҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар http://www.amonatbonk.tj, http://www.accessbank.tj, https://tawhidbank.tj, https://www.spitamenbank.tj

Аз маълумотҳои дар диаграмма овардашуда маълум мегардад, ки меъёри фоизи қарзҳои як қатор бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳодшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи сатҳи даромаднокии соҳаи кишоварзӣ қонеъкунанда набуда, истифодаи онҳо ба фоиданокии соҳа дар сатҳи лозима мувофиқат намекунад. Гуфтан зарур аст, ки танҳо ҶСП “Бонки байналилалии Тоҷикистон”, дар муқоиса бо дигар бонкҳои ба соҳа қарздиҳанда меъёри фоизи нисбатан пасти қарзро пешниҳод кардааст, ки ин қарзҳо хусусияти лоиҳавӣ

[29] Раҳимов Ш.М., Махшулов С.Ҷ. Имкониятҳо ва ҳиссаи қарздиҳии бонкӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити муосир. / Ш.М. Раҳимов, С.Ҷ. Маҳшулов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2020. № 3. С. 158-168.

дошта, на ба ҳама субектҳои кишоварзӣ дода мешавад. Ғайр аз ин, аз лиҳози ҳаҷм пешниҳоди ин қарзҳо дар шароити имрӯза наметавонад талаботи соҳаро пурра бо қарз қонеъ намояд. Аз ин бар меояд, ки пешниҳоди қарзҳои дар сатҳи 10 то 15 фоиза аз ҷониби дигар бонкҳои кишвар зарурати андешидани чораҳои зарурӣро ҷиҳати бо ин меъёр пешниҳод намудани қарзҳо тақозо менамояд.

Айни замон корхонаҳои кишоварзӣ имкониятҳои зиёди таъмин намудан бо техникаю таҷҳизотро доранд, ки истифодаи дурусти он дар раванди такрористеҳсол метавонад иқтидори истеҳсолии корхонаро боло бардошта, барои дар рақобат тобовар будани он, шароит фароҳам орад. Вале аксарияти корхонаҳо аз он дуруст истифода намебаранд. Соҳибкороне, ки фаъолияташонро дар асоси коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ мондаанд, фоидаи бадастовардаро барои ҳалли мушкилоти худ истифода намуда, дар натиҷа таъмин намудани захираҳои молиявии корхонаро ба инобад намегиранд. Аз ин лиҳоз, мушкилоти дар пешистода имкон намедиҳад, ки фаъолият доимо амалкунанда бошад ва сармояи гузошташуда гирифтани фоидаро таъмин намояд, дар баробари ин сарчашмаи маблағгузории фонди истеҳлок нодида гирифта мешавад. Дар маҷмуъ сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати сабук 40 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба ҳаҷми ММД ва таъмини бехатарии озуқаворӣ таъсири манфӣ расонида, имконияти содиротии кишварро аз байн мебарад.

Сатҳу дараҷаи таъмин будан бо техникаю таҷҳизоти нав дар  бисёр корхонаҳои соҳаи саноати хӯрокворӣ ба 55-60% баробар аст, ки бо ин сабаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳосилнокӣ истеҳсолоти самти мазкур нисбат ба мамлакатҳои хориҷӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳамин тариқ, баланд бардоштани ҳолати техникию технологии  корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, боиси рушду равнақ ёфтани коркард ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифату рақобатпазир дар манотиқи ҷумҳурӣ мегардад.

Шароити имрӯза нишон медиҳад, ки барои пешниҳод намудани маҳсулоти коркардшуда ба бозор, ба назар гирифтани омилҳоро ба мисли талабот ба маҳсулот, арзиш, сифат ва таъби истеъмолкунанда, зарур мегардад. Тули солҳои

охир таваҷҷӯҳи истеъмолкунанда нисбат ба сифати маҳсулот хеле боло рафта, низоми фурӯши молу маҳсулот бо дигаргуниҳои назаррасе дучор гардидааст. Соҳибкороне, ки ба намудҳои гуногуни тиҷорат машғуланд, усулҳои нави савдоро ба роҳ монда, анвои нави хӯрокворӣ ва каналҳои тақсимоти молу маҳсулоти кишоварзиро истифода мебаранд. Самаранокии фаъолияти онҳо, ба таносуби талаботу пешниҳод, арзиши аслии маҳсулоту ашёи хом, дараҷаи рақобат, фоизи қарзҳо вобастагии зиёд дорад, аз тарафи дигар, ба назар гирифтани шароит ва талаботи бозор хулосаи амиқро талаб менамояд.

Дар давраи пеш аз гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ давлат муносибатҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва коркардро ба танзим медаровард, ки ин самаранокии корро таъмин менамуд. Корхонаҳои истеҳсолӣ медонистанд, ки кадом навъи маҳсулотро истеҳсол кунанд ва дар кадом вақт, чӣ миқдор бо кадом нарх, пешниҳод намоянд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ба корхонаҳои коркард имконият фароҳам овард, ки мавқеи якаҳуккумрониро барои паст кардани нархи харид ва боло бурдани нархи фурӯш ихтиёр намоянд. Дар натиҷаи баланд гардидани арзиши маҳсулотҳо, таносуби нархҳо вайрон гардид, ки он ба манфиати соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ анҷом ёфт, вале ба сатҳи даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки асоси таъмини ашёи хоми корхонаҳоро ташкил медиҳад, таъсири манфӣ расонид. Аз ин лиҳоз, дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун таъминкунандаи ашёи хом баромад кардан зиёновар буда, коркардкунандагон бошанд, фоидаи зиёд ба даст меоранд. Дар натиҷа ҳиссаи истеҳсолкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ рӯз то рӯз коҳиш ёфта истодааст. Гарчанде, ки 63,5%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар ин соҳа фаъолият мекунад, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми ММД 24,1%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин масъала А. Рауфӣ қайд менамояд, ки савдои ашёи хом ҳанӯз ягон мамлакати дунёро ба мамлакати тараққикардаи технологӣ табдил надодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир хуҷаини вазъият на он мамлакате мешавад, ки захираҳои бойи табииро соҳиб аст,

балки он мамлакате мешавад, ки технологияи аз ҳама пешқадамро соҳиб мебошад, яъне соҳиби истеҳсолоти илмталаб ва технологияи баланд аст.[30]

Асоси таъмин намудани талаботи аҳолиро бо маводи озуқаворӣ соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард ташкил медиҳад, ки рушди онҳо ба сабади истеъмолии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин рӯ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ роҳҳои дигари фурӯши маҳсулотро ҷустуҷӯ менамоянд, яъне кӯшиши нигоҳдорӣ ва коркарди онро мекунанд, то ки фоиданокиро як чанд маротиба зиёд намоянд. Дар асарҳои олимони ватанӣ қайд карда мешавад, ки "Ташкили силсилаи истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади таъмини самаранокии он вазифаи дигаре дар назди сохторҳои дахлдор мебошад. Барои ин зарур аст, ки вазифаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз Вазорати саноат ва технологияҳои нав ба Вазорати кишоварзӣ дода шавад. Таъмини ин силсила имкон медиҳад, ки ҳавасмандии истеҳсолкунанда барои истеҳсол ва коркарди маҳсулот, ки дар нархи он ҳиссаи арзиши иловашуда зиёд аст, баланд бардошта шавад".[31]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз сабаби нокифоя будани истеҳсол ва истеъмоли маводи ғизогиҳое, ки таркибашон аз витаминҳо бой аст, махсусан маҳсулоти гӯштию ширӣ вазъият дар ин самт ташвишовар ба назар мерасад. Дар муқоиса бо мамлакатҳои тараққикарда ва ҷаҳон истеъмоли тамоми маҳсулот аз ҷониби аҳолии мамлакат хеле коҳиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2021, ба ҳисоби миёна истеъмоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ чунин ба назар мерасад, (Ҷадвали1.1).

**Ҷадвали 1.1.-Истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар қиёси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои тараққикарда ва ҷаҳон, кг**

| Маҳсулотҳо | Меъёри муқаррар намудаи ТУТ | Дар мамлакатҳои тараққикарда | Тоҷикистон | ҶТ нисбати ТУТ, % |
|---|---|---|---|---|
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 120 | 101 | 158,64 | + 32,2 |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 36 | 34 | 15,48 | - 57 |
| Равғаи растанӣ | 13 | 19 | 17,52 | + 34,7 |

[30] Рауфӣ А. Бо афзоиши иқтисодӣ ба тараққиёти инноватсионӣ. // Ахбори АИ ҶТ. Силсилаи: шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2013. - № 4. – С. 26.

[31] Рахимзода Ш., Ашуров Г.М. Развитие сельскохозяйственной экономики и его проблемы. / Ш. Рахимзода, Г.М. Ашуров // Финансово-экономический вестник. 2019. № 1 (17). С. 7-13.

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Картошка | 96 | 70 | 42,36 | - 55,9 |
| Сабзавоту полезӣ | 104 | 144 | 86,4 | - 16,9 |
| Меваҷоту буттамева | 80 | 110 | 33,24 | - 58,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 60 | 114 | 13,8 | - 77,0 |
| Моҳӣ | 12 | 18 | 0,48 | - 99,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 360 | 350 | 63,84 | - 82,3 |
| Тухм, дона | 243 | 250 | 96 | - 60,5 |

**Сарчашма:** Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ. 2021. - С.21 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда маълум мегардад, ки истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тамоюлҳо дорад. Нон ва маҳсулоти нонӣ 158,6 кг дар ҳоле, ки меъёри муқаррар намудаи Ташкилоти умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) 120 кг мебошад, яъне аз меъёр 32,2% зиёд аст, қанду шакар ва маҳсулоти қанодӣ 15,48 кг, 43%-и меъёри ТУТ, равғани растанӣ 17,5 кг, 34,7% зиёд, сабзавоту полезӣ 86,4 кг, 83%-и меъёри ТУТ, меваҷот 33,2 кг 41,5%-и ТУТ, гушт ва маҳсулоти гуштӣ 13,8 кг истеъмол карда мешавад, ки ин 23%-и меъёри муқаррарнамударо ташкил медиҳад ва тухм бошад 96 дона дар давоми сол истеъмол карда мешавад, ки 39,5%-и меъёри ТУТ-ро, ки ба 243 дона баробар аст, ташкил медиҳад.

Бисёре аз корхонаҳои саноати коркард, бо ҷалби воситаҳои истеҳсолӣ ва қувваи корӣ, роҳи диверсификатсияи истеҳсолотро пеш гирифтаанд, яъне бо истифодаи захираҳои корхона на танҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди тиҷорати асосӣ, балки барои коркарди намудҳои нави маҳсулоте, ки талаботи бозоро қонеъ мегардонад, мусоидат менамоянд. Масалан, корхонаҳое, ки ба коркарди маҳсулоти ширӣ машғуланд, аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда истифода бурда сифати молҳои худро боло бардошта, истеҳсоли якчанд навъи маҳсулоти дигарро ба роҳ монданд, ки истеҳсолот дар ин самт хеле боло рафта истодааст.

Аксар вақт сокинони деҳот бидуни ҳамкорӣ бо корхонаҳои коркард, маҳсулотро худашон нигоҳдорӣ ва коркард карда метавонанд, чунки коркарди онҳоро дар шароити хоҷагии хонагӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Барои васеъгардонӣ ва марказонидани истеҳсолот аз таҷрибаи мамлакатҳое, ки дар ин самт таҷрибаи бой доранд истифода бурдан лозим аст. Аммо, кишварҳое, ки иқтисодиёти бозаргонӣ доранд, системаи корхонаҳои хурд, миёна ва калонро

истифода мебаранд. Ин натиҷаи на танҳо тағйирпазирӣ ва ба зудӣ мутобиқ шудан ба шароити бозор, балки сиёсати мақсадноки давлатӣ ба ҳисоб меравад. Муттаҳидсозии бузургтарин корпоратсияҳо ва корхонаҳои хурд дар ҳалли чунин мушкилот, ба монанди афзоиши самаранокии истеҳсолот, афзоиши шуғл ва таъмини устувори нархҳо аҳамияти бузург дорад. Корхонаҳои хурд ҳамчун механизми таъминкунандаи талабот ва пешниҳод мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ба шароити тағйирёбандаи бозор вокуниш нишон дода, заминаҳои рушди рақобати воқеии иқтисодиро фароҳам меоранд ва истеҳсолоти фавриро ба роҳ монда, бозоро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин мекунанд. Омили муҳими фаъолияти онҳо, сармояи худӣ ба ҳисоб рафта, барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ ва гардиши маҳсулот нақши муҳимро мебозад.

Якҷоякунии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо саноат дар доираи як корхонаи кишоварзӣ метавонад амалӣ гардад, ки ин тавасути муттаҳидсозии сикли ягонаи истеҳсол ва коркарди маҳсулот ба монанди парвариши чорво, коркарди шир, истеҳсолоти ёрирасон, фурӯши маҳсулот, ва дигар хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамгироии соҳаи саноат бо соҳаи кишоварзӣ як марҳилаи таърихан муҳим ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшуда ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти классикии назарияи иқтисодӣ зарурати истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар деҳот бо хусусиятҳои табиию меҳнатии кишоварзӣ, алалхусус бо мавсими будани истеҳсолот, ки ба номутобиқатии давраи истеҳсолот ба давраи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ асос ёфтааст, тасдиқ мекунад. Мақсади асосии рушди корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бо саноат муттаҳид мекунанд, давраи таназзул ва рушд дорад, ки инро тасмимҳои ҳукумат дар давраҳои ибтидоӣ ва минбаъдаи ҳокимияти шуравӣ тасдиқ кардааст. Дар қарори Пленуми соли 1928 Комитети Марказии Партияи Коммунистии болшевикон гуфта шудааст, ки совхозҳои нав бояд тавре сохта шаванд, ки дар оянда онҳо ба марказҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ табдил дода шаванд, онҳо на танҳо таъминкунандаи ашёи хом, балки аҳолии деҳотро бо ҷойи корӣ таъмин

намоянд.[32] Корхонаҳои саноатии деҳот дар бисёр ҳолатҳо шарти зарурии махсусгардонии истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Бисёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, зудвайроншаванда ва ба коркарди саноатии дар маҳалли истеҳсоли ашёи хом ниёз доранд.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонанд метавонанд ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

Омил (аз калимаи лотинии factor - кардан, истеҳсол кардан) сабаб, қувваи пешбарандаи ягон раванд гирифта шудааст, ки хислат ё хусусиятҳои инфиродии онро муайян мекунад.[33]

Ҳамин тариқ, омилҳо сабаби устуворе ҳастанд, ки метавонанд мувофиқи муҳит ба вайронкунӣ, афзоиш ё коҳиш ва ё ба дигар самти обект таъсир расонанд.

Омилҳои дохилӣ - омилҳои муҳити дохилии корхона, ки ба фаъолият ва рушди он таъсир мерасонанд чунинанд:

1. Сохтори ташкилӣ - чаҳорчӯбаеро дар назар дорем, ки гурӯҳи одамони ташкилкунандаи корхона, вазифагузорӣ карда мешаванд. Нақшаи ташкилии корхона аслан як дастури корбарие мебошад, ки нишон медиҳад, корхона чӣ гуна сохта шудааст ва чӣ тавр кор мекунад. Аниқтараш, сохтори ташкилӣ тавсиф мекунад, ки чӣ гуна қарорҳо дар ширкат қабул карда мешаванд ва роҳбари он кист. Аз ин лиҳоз, онро ҳамчун омили асосӣ дар фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ гуфтан ба маврид аст. Дар шароити имрӯза мушкилиҳои ҳалталаб барои дар рақобат тобовар будан хеле зиёд мебошанд, ки он аз мукаммалсозии сохтори ташкилии идоракунӣ вобастагии зиёд дорад ва он талаб менамояд, мутахассисони варзида барои пешбурди самтҳои муҳими фаъолият дуруст интихоб карда шаванд.

---

[32] КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и пленумов ЦК. Изд. 8-е, т. 4, С.110

[33] Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. – 2-е изд., исправ. – М.: ИНФРА-М, 1998.

2. Махсусгардонӣ - мутамарказ кардани фаъолияти корхона барои истеҳсоли як номгӯйи маҳдуди маҳсулот ё маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ якхела мебошад. Иқтисоддонон қайд кардаанд, ки рушди махсусгардонӣ мисли рушди технология ҳадду канор надорад. Бо мурури замон шаклҳои навтарини махсусгардонӣ ба вуҷуд меоянд. Дар соҳаҳои саноат инро ба таври возеҳ мушоҳида карда мумкин аст, ки корхонаҳо барои истеҳсоли як маҳсулот махсусгардонида шудаанд ба монанди (мошинсозӣ, коркарди гӯшт, меваю сабзавот, коркарди чӯб ва ғ.). Дар ҳоле, ки самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ хеле васеъ мебошад, зарурати махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолот ба миён меояд ва роҳи самараноки пешбурди фаъолият, ҳамгироии байни соҳаҳо маҳсуб меёбад.

3. Таъминоти кадрӣ - кадрҳо манбаи асосии захираҳои меҳнатии корхона буда, истифодаи самараноки онҳо, яке аз омилҳои асосии таъсиррасон дар пешбурди фаъолияти корхона маҳсуб меёбад. Бинобар ин, аз назари илмию амалӣ асоснок намудани эҳтиёҷ ба шумора ва ҳайати касбии кормандон барои давраи оянда, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо аз рӯйи ҳунар, ихтисос ва вазифаҳои гуногуни касбӣ, ташкили дурусти шароити корӣ, риояи қатъии тартибу интизоми меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии меҳнат, таҳлили ҳолат ва истифодаи оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуд буда ба ҳисоб меравад, ки дар асоси ин сатҳи таъминоти миқдорӣ ва сифатии кадрҳои корхона асоси расидан ба ҳадаф мебошад.

4. Дараҷаи техникии истеҳсолот – ҳамчун омили дохилии корхона дар он асос меёбад, ки баланд бардоштани сатҳ ва сифати маҳсулотҳои аз ҷониби корхона истеҳсолшаванда ва ҳосилнокии меҳнат аз он вобаста мебошад.

5. Иттилоот ва фаъолияти шуъбаи маркетингӣ – айни замон бе иттилоот ва тадқиқоти маркетингӣ фаъолияти корхонаро тасаввур кардан ғайри имкон буда, бе омӯзиши талаботи харидорон дурнамои фаъолияти соҳибкориро муайян намудан ва рақобат кардани ҳар як истеҳсолкунанда хеле душвор аст. Аз ин рӯ, дар ҳар як ширкат бояд шуъбаи маркетинг нақши муҳим дошта бошад. Нишондиҳандаҳое ба монанди фоида, ҳиссаи бозор ва ҳаҷми фурӯш бевосита аз

чунин таҳқиқот, вобастагии зиёд доранд. Идоракунии фаъолияти маркетингии корхона як раванди хеле мураккаби даврӣ мебошад. Чор нишондиҳандаи асосие мавҷуд аст, ки дар асоси он метавонем сифати маркетингро дар як ширкат арзёбӣ намоем. Инҳо дар бар мегиранд: сифати кор бо мизоҷон, сатҳи фурӯш, пешниҳоди таблиғот ва буҷете, ки барои маркетинг сарф карда мешавад.

6. Сармоягузориҳо ва мавҷудияти захираҳои молиявӣ – муҳимияти омили мазкур дар он ифода меёбад, ки яке аз шартҳои рушди босуботи корхона мавҷудияти сарчашмаҳои худии сармоягузориҳо ва захираҳои молиявӣ мебошад, ки такрористеҳсоли одӣ ва васеъи корхонаро то дараҷаи муайян таъмин месозад.

Омилҳои беруна - маҷмуи омилҳои экологӣ, ки ба фаъолият ва рушди корхона бевосита таъсир мерасонанд. Ба ин гурӯҳи омилҳо таъминкунанда-гони қувваи корӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва дигар захираҳо, истеъмолкунандагон, рақибон ва ғайра дохил мешаванд.[34]

1. Шароитҳои табиӣ ва вазъи иқтисодёти кишвар - яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, заминаи асосии фаъолияти корхонаҳои соҳаи мазкур аз дараҷаи таъминоти ашёи хоми ватанӣ вобастагӣ дорад, ки он дар натиҷаи мувофиқатии шароитҳои табиӣ ва сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамчунин, вазъи иқтисодиёти кишвар, ки аз интишори саҳмияҳои корхонаҳои ватанӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, арзиши нерӯи барқ, қурби пули миллӣ, сатҳи таваррум, фоизи қарзҳо, ки вазъи иқтисоди миллиро инъикос мекунанд, дар пешрафти фаъолияти корхона ва рушди иқтисодиёти кишвар таъсири зиёд мерасонад.

2. Мукаммалнамоии низоми андозситонӣ – ҳар қадаре, ки низоми андозситонӣ мукаммал бошад ҳамон қадар имконияти пастнамоии сатҳи гаронии андоз барои корхонаҳои агросаноатӣ ва мувофиқан шароит барои зиёдгардии захираҳои молиявии онҳо ба вуҷуд меояд. Мукаммалнамоии низоми андозситонӣ, пеш аз ҳама, аз паст намоии меъёри андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои

---

[34] Портер М. Конкурентная стратегия: методика анализа отраслей и конкурентов / пер. сангл. – М.: Альпина Бизнес Букс, 2007. – 453 с.

андозии ирсолӣ, барои рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошад.

3. Унсурҳои танзими давлатии иқтисодиёт ва ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ - мақомоти давлатӣ ба фаъолият ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъсири назаррас дорад. Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла маҷмуи мақомоти қонунбарор ва иҷроия, муносибатҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ба таври мутамарказ танзим мекунад. Вазифаҳои ҳокимият иборатанд аз: қабули қонунҳо ва назорати иҷрои онҳо, таҳия ва тадбиқи сиёсат ва тавсияҳо дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии кишвар, ки масъалаҳои музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ, танзими шуғл ва муҳоҷирати меҳнатиро дар бар гирифта ба ин воситаи ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанро ба танзим медарорад.

4. Вазъ ва сатҳи монополияи бозорҳои кишвар - дар бозори монополия рақобат вуҷуд надорад: танҳо як истеҳсолкунанда маҳсулоти беназирро пешниҳод мекунад. Ин ба фурӯшанда имкон медиҳад, ки нархро худсарона муқаррар кунад, токи фоидаи ӯро зиёд намояд. Бозори монополия сатҳи зиндагиро паст мекунад (зеро истеъмолкунанда маҷбур мешавад, ки аз ҳисоби кам кардани хароҷоти дигар, нархҳои баландшударо пардохт кунад), ба пастравии сифати молҳо оварда расонад чунки (пешниҳоди ками маҳсулот, интихоби харидорро маҳдуд мекунад). Ин ҳамчун омили таъсиррасон метавонад дар фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳамчун таъминкунандаи ашёи хом баромад мекунанд таъсири манфӣ расонида боиси аз байн рафтани баъзе корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии ватанӣ гардад.

5. Сатҳи боварӣ ба бонкҳо ва меъёри фоизи қарзҳо - таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон фаъолияти қисми зиёди корхонаҳоро бе қарз тасаввур кардан ғайри имкон аст. Агар як қисми сармояи корхонаҳо сармояи худӣ бошад, қисми дигарашро қарз ташкил медиҳад. Гарчанде, ки фоидаи бонкро меъёри фоизи қарз ташкил диҳад, барои корхонаҳо қарз нақши муҳим дорад. Чунки

истеҳсолкунанда маҷбур мешавад фоизи қарзи гирифтаашро ба арзиши аслии маҳсулот илова намуда баъдан фоида ба даст оранд, ин рақобатпазирии молро нисбат ба рақибон аз байн мебарад. Дар натиҷа фаъолияти бонкҳо ва қарзи додашуда бояд ба боварӣ асоснокёфта ташкил ёбад.

6. Ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт – ҳамчун омили муҳими таъсиррасон дар шароити муосир имконият медиҳад, ки технологияи муосир ва менеҷменти муосири байналмилалӣ ба иқтисодиёти кишвар ворид карда шавад. Барои корхона имкониятҳои васеъи рушди инноватсиониро ба миён меорад.

7. Вазъи иқтисодиёти ҷаҳони муосир – ҳолати рушди корхонаҳои кишвар аз вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Дар ҳолати ҷой доштани таҳримҳо имконияти воридоти техникаю технология ва дигар маҳсулотҳои барои фаъолияти корхонаҳо зарурӣ маҳдуд мегардад. Аз рӯи таҳлилҳо маълум гардид, ки чунин омилҳо ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди макҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонанд, (Расми 4).

Солҳои зиёд байни олимон баҳсҳо меравад, ки оё корхонаҳои хурд лозиманд ё корхонаҳои калон онҳоро дар тобеи худ доранд. Мухолифони рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва ёрирасони саноатӣ, нуқтаи назари худро дар он далел исбот мекунанд, ки корхонаҳои хурд нисбат ба корхонаҳои калони давлатӣ дар доираи истеҳсоли як намуди мол самаранок нестанд.

Ин дар бисёр ҳолатҳо дуруст ба назар мерасад, аммо бо пайдоиши таҷҳизоти ҳозиразамон истеҳсоли қувваҳои хурду миёна, нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолоти ёрирасони саноатӣ ба нишондиҳандаҳои корхонаҳои бузурги саноатӣ наздик мешаванд, чунки хароҷоти камтар барои интиқол ба паст шудани арзиши аслӣ мусоидат мекунад.




**Расми 1.4.-Омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Рушди соҳаҳои ёрирасон ва савдо имрӯз яке аз шартҳои асосии мавҷудияти корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Инро метавон исбот кард корхонаҳое, ки дар замони вазнин ҳаҷми истеҳсолоташонро коҳиш надодаанд, чун қоида, коркарди хубро ба роҳ мондаанд ва далели асосии мухолифони рушд, ин намуди фаъолиятро инкор мекунад, яъне истеҳсолоти ёрирасон ба рушди истеҳсолоти аввалия халал мерасонад.[35] Тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, истеҳсолоти ёрирасон, баръакс ба барқарорсозии иқтисодиёти хоҷагиҳо ва истифодаи пурраи захираҳои корхона мусоидат мекунад.

Ҳамгироии оқилонаи истеҳсолоти кишоварзӣ бо саноат ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо масъалаҳои истеҳсолӣ, балки масъалаҳои иҷтимоии рушди

[35]Добрынин В. Сельские промышленные предприятия в экономике сельского хозяйства.- М.1995.-С.40; Дубровский Б., Терновых К., Алексеенко А. Саввин А. Организационно - экономическое обоснование параметров переработки продукции сельскохозяйственными товаропроизводителями // Эффективность и конкурентоспособность аграрного сектора/ Труды независимого научного аграрно - экономического общества. М.: МСХА, 1999. - ч. 2, С. 85-93.; Добрынин В. Роль сельской промышленности в выходе деревни из кризиса // АПК: экономика, управление. - 1995. - №5. - С. 24 - 29.

деҳотро низ бомуваффақият ҳаллу фасл намоем. Ба ин восита мавсимияти истифодаи қувваи кориро дар деҳот, аз байн барем ва ба сатҳи урбанизатсияи шаҳрҳо таъсири мусбӣ расонем. Дар натиҷа, рушди истеҳсолоти ёрирасони саноат дар корхонаҳои кишоварзӣ ба мо имкон медиҳад, ки вобаста ба майлу рағбати худ, байни меҳнати кишоварзию саноат бидуни иваз кардани ҷойи зисти худ ба ҷойи кор таъмин гардем. Ба ин васила садҳо ҳазор одамон метавонанд бо шуғли пурмаҳсул таъмин карда шаванд, ки ин яке аз шартҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва замин ба ҳисоб меравад.

Ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷойи истеҳсоли ашёи хом, метавонад талафотро ба таври назаррас коҳиш диҳад ва ба сарфаи вақту истифодаи оқилонаи ашёи хом, маблағҳо, қувваи корӣ ва ба пешгирии хароҷоти калони нақлиётӣ, мусоидат намояд. Инчунин, рушди истеҳсолоти ёрирасони саноатӣ ба мо имкон медиҳад, ки бозорро бо маҳсулоти ватанӣ таъмин намоем ва талаботи худро бо анвои зиёди маҳсулоти озуқаворӣ қонеъ гардонем. Ин навъи маҳсулот дар ташаккули бозори маҳсулоти кишоварзию озуқаворӣ ва рақобати дохиличамъиятию байниминтақавӣ саҳми назаррас мегузорад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар манотиқи деҳот самарабахш буда, таҷрибаи бисёрсолаи мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон тасдиққунандаи он мебошад. Дар бисёр кишварҳо, деҳқонон соҳаи кишоварзиро бо саноат муттаҳид менамоянд, ки ин на ба зиёни деҳа, балки ба бойшавии он оварда мерасонад.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба сатҳи рушди коркард инчунин ба устувории молиявии корхона таъсир мерасонад,  захираҳои молиявие, ки барои фаъолияти мӯътадили корхона заруранд, мувофиқи мақсад будани ҷойгиркунии онҳо, муносибатҳои молиявӣ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин ба корхонаҳои коркард имкон медиҳад, ки аз як сатҳ ба сатҳи баландтари истеҳсолот гузаранд ва музди меҳнати коргаронро мунтазам боло бардошта, маҷмуи барномаҳои иҷтимоиро амалӣ созанд.

Рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои нигоҳдории истеҳсолоти мавҷуда ва пешгирии вайроншавии раванди истеҳсолот имконият фароҳам меорад. Яке аз усулҳои маъмултарин барои ҳалли мушкилоти бахшҳои бесамар, ин тарк кардани онҳо мебошад. Барои ташаккули бозори дохилӣ ва баланд бардоштани самаранокии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили бозорҳои яклухт, музоядаҳои савдо, ярмарка, кооперативҳои таъминоту фурӯш ва дигар шаклҳои самарабахши фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда зарур аст. Аз як тараф, ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имконияти ворид шудан ба рақобати бозорро фароҳам орад, аз ҷониби дигар барои ба фурӯш баровардани маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Омили муҳим дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии коркардшуда ва ба бозор пешниҳод кардани он, фаъолсозии хизматрасониҳои маркетингӣ ва ташкили системаи муосири иттилоотӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷиҳати рушди шабакаҳои иттилоотии маҳаллӣ ва минтақавӣ, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, хеле қафо мондааст. Ташкили як системаи муосири иттилоотӣ барои мубодилаи молу маҳсулот ба зарурат табдил ёфтааст, ки ин дар муносибатҳои тиҷоратии корхонаҳо хеле муҳим ва самарабахш ҳисобида мешавад.

**Хулосаи зербоби 1.2.**

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо омӯзиши хуссусиятҳо ва омилҳои ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш имкон медиҳанд, ки пеш аз ҳама ҷанбаҳои назариявию услубии мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бо дар назардошти таҷрибаи хориҷӣ имкониятҳои амалкарди он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ дар сатҳи иқтисоди миллӣ мавриди истифода қарор дода шуда, роҷеъ ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои зерин андеша намоем:

- ташкили самараноки ҳамгирой, байни соҳаи кишоварзию саноат ва соҳаи савдо;
- ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва манбаҳои иловагии молиявӣ барои таъмини моддию техникӣ ва бартараф кардани мушкилиҳо оид ба фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолӣ;

- истифодаи дурусти метод ва усулҳои ташкилӣ, дар идоракунии коргарон ва пешбурди фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- истеҳсоли маҳсулоти босифат ва нисбатан арзони рақобатпазир дар баробари рақибони хориҷӣ;
- баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва ташкили шабакаҳои интернетӣ барои таблиғот ва дастрасии маҳсулот ба истеъмолкунанда.

Дар натиҷаи амалӣ гардонидани чорабиниҳои дар боло зикршуда, сатҳи некуаҳволӣ ва устувории бахшҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолии хоҷагии халқ баланд гардида, ба ноил гардидани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

### 1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар манотиқи деҳот

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳсулотҳои дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсолшаванда, ба се қисм ҷудо карда мешаванд. Якум, маҳсулотҳое, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ дар шакли хӯроки чорво, тухмӣ ва ғайра истеҳсол мешаванд. Дуввум, маҳсулотҳое, ки бидуни коркарди саноатӣ ҳамчун маводи хӯрокворӣ истифода мешаванд (картошка, сабзавот, мева, буттамева, шир, тухм). Сеюм маҳсулотҳое, ки дар шакли ашёи хом барои коркарди саноатӣ пешниҳод карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо рушду пешрафти илмӣ-техникӣ ва пайдоиши технологияҳои нави соҳа алоқаи зич дошта, дар ин замина метавонад афзоиши истеҳсолотро таъмин намояд. Мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон, ки дар онҳо соҳаи саноат рушд ёфтааст, дар коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ба сатҳи хеле баланд расидаанд. Ин ҳолат далели рушди минбаъдаи  коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷаҳон буда, дар оянда низ идома хоҳад ёфт. Маълумотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, дар ҷаҳон тамоюлҳое мавҷуданд, ки раванди суръат бахшидани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт ва истифодабарии он дар Тоҷикистон барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат гузариш аз

кишвари агро-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ мусоидат мекунад. Тамоюли умумии рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ қариб, ки дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон ба ҳамдигар монананд. Ҷалби сармояи хусусӣ ба саноати коркард дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба назар мерасад. Аммо, сатҳи воридшавии онҳо чи гунае, ки таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, гуногун мебошад.

Ба монанди нишондиҳандаи «ба ҳар сари аҳолӣ» дар тамоми дунё истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард наздик ба як гектар замин рост меояд, ки таъсири сифати заминро ҳамчун омили асосии афзоиши истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ инъикос мекунад. Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ба арзёбии ҳамаҷонибаи табиию иқтисодӣ вобастагӣ дорад, ки вобаста ба ин коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти умумии  саноати коркард тадриҷан аз ҷануб ба шимол ба назар мерасад. Аз ин рӯ, таъминот ба маводи озуқаворӣ дар шароити хеле паст қарор дошта, тафовути сатҳи таъминоти озуқаворӣ дар байни рақибон хеле афзудааст. Дар истисно бо истеҳсолкунандагони шимолу ғарбӣ, ки фаъолияти корхонаҳои коркарди гӯштро асосан бо ашёи хоми воридотӣ пеш мебаранд.

Коршиносон на танҳо соҳаҳои калони саноатро, балки саноати хурдро низ дар шаклҳои гуногуни моликият роҳнамоӣ мекунанд. Комбинатҳои агросаноатӣ, ки аз солҳои 60-ум фаъолият доранд ба таври васеъ инкишоф ёфта, системаи мураккаби муносибатҳои иқтисодиро истифода мебаранд.

Ҳамгироии истеҳсолоти саноатӣ бо кишоварзӣ боиси ташаккул ва рушди шаклҳои нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ гардид, ки ба ду сарчашмаи ба ҳам муқобил вобастагӣ дорад: аграрӣ ва саноатӣ, ки ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва ҷанбаҳои гуногуни як моҳият - истеҳсолоти агросаноатиро фаро мегирад.

Дар **Россия** бо мақсади самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ истифодаи технологияи инноватсионӣ бароҳ монда шуда, аслан истеҳсолотро техника ва технологияи нав пеш мебарад. Аҳолии қобили меҳнат бошад бештар ба соҳаҳои соноат махсусан саноати коркарди махсулоти кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд.

Тибқи стратегияи таҷдиди технологияи мошинии кишоварзӣ дар Руссия барои давраи то 2020, ки аз ҷониби Донишгоҳи миллии илмии Академияи кишоварзии Руссия таҳия шудааст, барои истеҳсолот ду намуди технология тавсия дода мешавад: муқаррарӣ ва интенсивӣ.[36] Бо назардошти хусусиятҳои ландшафти кишоварзӣ, корхонаҳои саноатӣ, ҳамчун истеҳсолкунандагони қисми зиёди маҳсулот, бояд ин технологияҳоро ҳар кадом барои 50-55 миллион гектар бо афзоиши ҷуброни кишт то 105-107 миллион гектар истифода баранд. Чунки талабот дар корхонаҳои кишоварзӣ ба трактор 800-900 ҳазор адад ва комбайнҳои ғалладарав ва хӯроки чорво то 230-250 ҳазор ба ҳисоб рафта, дар оянда барои коркарди минбаъдаи маҳсулоти кишоварзӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад.[37]

Дар марҳилаи аввали рушди техникаи кишоварзӣ дар Федератсияи Руссия, таҷдиди дастгоҳҳои истеҳсолшуда ва баланд бардоштани эътимоднокию муҷаҳҳазгардонии раванди идоракунии амалиётҳои технологӣ зарур мебошад, аз ҷумла он дастгоҳое, ки истифодаи низоми моҳворавии ГЛОНАСС-ро медонанд, бояд афзалият дода шаванд.

Илм ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки гузариши мувофиқро аз технологияҳои анъанавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба кишоварзии махсус эътироф менамояд, ки татбиқи амалии он бидуни истифодаи системаи моҳворавии ГЛОНАСС / GPS ғайриимкон мебошад[38]

Ба низоми кайҳонии моҳворавии ГЛОНАСС муҷаҳҳаз кардани техникаи кишоварзӣ ва коркарди минбаъдаи маҳсулоти кишоварзӣ ба саноатӣ афзалиятҳои зеринро фароҳам меорад:

- афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 25-30%;
- зиёд кардани хароҷоти нуриҳо, гербицидҳо ва дигар воситаҳои кимиёвӣ 1,5-1,7 баробар;

[36] Измайлов А.Ю., Лобачевский Я.П. Марчен-ко О.С., Ценч Ю.С. Создание инновационной техники и ресурсосберегающих технологий производства кормов основа развития животноводства // Вестник Федерального государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования Московский государствен-ный агроинженерный университет им. В.П. Горяч-кина. 2017. № 6. С. 23-28.
[37] Польшакова Н.В., Сдобнов А.И. Навигационные системы для сельскохозяйственной техни-ки // Молодой ученый. 2014. С. 432-434.
[38] Польшакова Н.В., Сдобнов А.И. Навигационные системы для сельскохозяйственной техники // Молодой ученый. 2014. С. 432-434.

- афзоиши ҳосилнокии меҳнат 15-50%;
- кам кардани истеъмоли энергия 20%.[39]

Дар давлатҳои тараққикардаи дунё низоми инноватсионии идоракунии автоматии муҳаррики трактор сохта шудааст, ки мубодилаи маълумотро байни трактор ва мошини махсуси кишоварзӣ тавассути автобуси стандартии ISO таъмин менамояд. Ҳангоми истифодабарӣ, муҳаррик метавонад мувофиқи параметрҳои пешакӣ фармонро қабул кунад, ки ин кори операторро хеле сабук мекунад.

Яке аз роҳҳои ҳалли идоракунии инноватсионии трактор, бе пайвасти механикӣ ё гидравликӣ, байни чамбарак ва чархҳо, пайваст намудани системаи "Steer by Wire", инчунин идоракунии мошин ва асбобҳо бо истифода аз системаи "ISOBUS" мебошад, ки ба мо имкон медиҳад, ки мошинаю таҷҳизотҳои насбшуда бо истифода аз як модул идора карда шаванд.[40]

Инкишофёбии фаъолонаи технологияҳои махсуси кишоварзӣ дар ҷаҳон ба охирҳои солҳои 1990 - ум рост меояд. Айни ҳол, то 80%-и деҳқонони ИМА ва то 60%-и кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, системаи ҷаҳонии моҳвораии GPS-ро дар технологияҳои нақлиётию истеҳсолӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ истифода мебаранд.

Инчунин, дар Руссия технологияи навигатсионии моҳворавӣ дар хоҷагиҳои агроҳолдингӣ ва хоҷагиҳои калон истифода бурда мешавад. Аммо дастрасии навигатсионии технологияҳои махсуси кишоварзӣ дар Федератсияи Руссия 95-99% бо истифода аз таҷҳизоти воридотӣ, нармафзор ва моҳвораи GPS равона шудааст, ки ба манфиатҳои миллӣ мувофиқат намекунад ва ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда наметавонад.[41]

Яке аз монеаҳои асосии таҷдиди техникии комплекси агросаноатӣ дар Руссия мавҷуд набудани истеҳсоли техникаи худии кишоварзӣ (ба истиснои

---

[39] Польшакова Н.В., Сдобнов А.И. Навигационные системы для сельскохозяйственной техники // Молодой ученый. 2014. С. 432-434.
[40] Снимщиков И.В. Состояние и тенденции развития отечественного и мирового рынка сельскохозяйственной техники в условиях глобализации // Научный журнал Куб ГАУ. 2014. №101. С.3-15.
[41] Польшакова Н.В., Сдобнов А.И. Навигационные системы для сельскохозяйственной техники // Молодой ученый. 2014. С. 432-434.

комбайнҳои ғалладарав) мебошад, ки бо таҷҳизоти навигатсионӣ ва низоми идоракунии автоматикунонидашуда муҷаҳҳаз мебошанд. Худи ҳамин вазъ дар истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизоти амиқи навигатсионӣ бо хатогии то 5-15 см ба назар мерасад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, айниҳол хоҷагиҳои қишлоқи Руссия ба барномаи ГЛОНАСС барои насби воситаҳои техникӣ ва таҷҳизотҳои истеҳсолӣ зиёда аз 2-2,1 миллион маҷмуа эҳтиёҷ доранд.[42]

Яке аз масъалаҳои мубрам дар шароити имрӯза таъсири техникаи кишоварзӣ ба экология тавассути муҳаррикҳое, ки бо сӯзишвории алтернативӣ кор мекунанд мебошад. Бояд қайд кард, ки дар пешрафти инноватсионии ҷаҳон тракторҳое, ки бо муҳаррики гидрогенӣ, ки (ширкати New Holland) истеҳсол мекунад истифода бурдан зарур аст. Он бо ду муҳаррики барқӣ (барои ҳаракат ва асбобҳои насбшуда) ҳар яке бо иқтидори 135 литр муҷаҳҳаз аст. Барои таъмини бемаҳдуди барқ, дастгоҳ бо батареяи 300 волта муҷаҳҳаз буда, 12 киловатт/соат кор мекунад, ки коэффитсиенти системаи неруи барқии трактор 96% -ро ташкил медиҳад.[43]

Корхонаҳои кишоварзӣ дар Руссия аз ҳисоби колхозу совхозҳои пешина ташкил карда шудаанд, ки дар ҷараёни ислоҳоти солҳои 90-ум (то 1 сентябри соли 2014) ба ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода ва пушида табдил ёфтанд. Рушди соҳаи кишоварзӣ ва таваҷҷӯҳи зиёди сармоягузорон ба ин соҳа, сабаби пайдоиши корхонаҳои кишоварзию агроҳолдингҳо дар Руссия гардид, ки садҳо ҳазор гектар заминҳои кишоварзиро дар ихтиёр доранд ва ба истеҳсоли ашёи хоми фоидаовари ба содирот нигаронидашуда машғуланд.

Чуноне, ки таҷрибаи Руссия нишон медиҳад, ҳоло мо дар замоне қарор дорем, ки соҳаи кишоварзиро бо сарфи ками энергияи ҷисмонӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ пеш бурда, таваҷҷӯҳи асосиро ба коркарди саноатии он равона созем. Истифодаи ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 70 фоизи

---

[42] Измайлов А.Ю., Лобачевский Я.П., Смирнов И.Г., Хорт Д.О. Актуальные проблемы создания новых машин для промышленного садоводства //Сельскохозяйственные машины и технологии. 2013. №3. С.20-23.
[43] Черноиванов В.И., Ежевский А.А., Федоренко В.Ф. Мировые тенденции машинно-технологического обеспечения интеллектуального сельского хозяйства. М.: Росинформагротех, 2012.- 283 с.

аҳолии он дар соҳаи кишоварзӣ банд аст, мувофиқ буда имкон медиҳад, ки захираҳои меҳнати бештар ба соҳаи саноат равона карда шаванд.

Ҳоло дар Руссия саноати коркард ва хӯрокворӣ зиёда аз 30 соҳаро дарбар мегирад, ки 44 ҳазор ташкилоти амалкунандаро муттаҳид намуда, дар онҳо қариб 1,3 миллион нафар фаъолият мекунад. Ҳадафи стратегӣ барои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Руссия, таъмини кафолатнок ва устувори аҳолии мамлакат бо маводи озуқаворӣи безарар ва хушсифат мебошад.[44]

Солҳои охир бо мақсади инкишоф додан ва баланд бардоштани самаранокии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Руссия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудааст:

– Қонуни федералӣ аз 29 декабри соли 2014 № 467-ФЗ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни федералӣ "Дар бораи рушди кишоварзӣ";
– Доктринаи амнияти озуқаворӣи Федератсияи Русия, ки бо Фармони Президенти Федератсияи Руссия аз 30 январи соли 2010 № 120 (минбаъд - доктрина);
– Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Русия дар соҳаи ғизодиҳии солими аҳолӣ барои давраи то соли 2020, ки бо қарори ҳукумати Федератсияи Руссия аз 25 - уми октябри соли 2010 № 1873 тасдиқ кардааст;
– Стратегияи рушди саноати хӯрокворӣ ва коркарди саноатии Федератсияи Руссия барои давраи то соли 2020 (бо қарори Ҳукумати Федератсияи Руссия аз 17 апрели соли 2012 № 559 (минбаъд - Стратегия) тасдиқ карда шудааст;
– Қарори Ҳукумати Федератсияи Руссия аз 14 - уми июли соли 2012 № 717 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди кишоварзӣ ва танзими бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ барои солҳои 2013-2020» (минбаъд - Барномаи давлатӣ барои солҳои 2013-2020);
– Қарори Ҳукумати Федератсияи Русия «Дар бораи Барномаи давлатии Рушди комплекси моҳипарварӣ дар Федератсияи Руссия», ки аз 15 - уми апрели соли 2014 № 314 тасдиқ гардидааст;

[44] Фомин А.А. Анализ переработки сельскохозяйственной продукции в России и законодательное обеспечение развития отрасли. // Московский экономический журнал, 2017. - №3. - С. 46-56.

– Консепсияи рушди кумаки озуқавории дохилӣ, ки бо қарори Ҳукумати Федератсияи Руссия аз 3 – юми июли соли 2014 № 1215 (минбаъд - Консепсияи рушди кӯмаки озуқавории дохилии Федератсияи Руссия), тасдиқ карда шудааст.

Дар баробари ин тараққиёти хоҷагии қишлоқ, махсусан саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аз беқурбшавии рубл, ва таҳримҳои хориҷӣ алайҳи Руссия ва эмбаргҳои ҷавобии он, бо ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамгироии равандҳои иқтисодӣ, дар фазои иқтисодии ИДМ, инчунин хатару таҳдидҳои зиёди дохилию хориҷӣ алоқаманди дорад . Бо вуҷуди таъсири ин омилҳо сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи назаррас қарор дорад. Бузургтарин корхонаю ташкилотҳои Руссия, ки фаъолияти онҳо ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудааст дар ҷадвали 1.2. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.2.-Бузургтарин ташкилотҳои Руссия дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ**

| Ташкилот | Ҳаҷми фурӯш (млн руб.) | Фоидаи соф (млн руб.) | Соҳаҳо |
|---|---|---|---|
| **ҶСШК “АХ “Мироторг””** | 125544,6 | 5600 | Коркарди маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ |
| **КВД “Содружество”(“С-Соя”. “Агропродукт” + ТДС)** | 111224,3 | 80,6 | Коркарди зироатҳои равғандор |
| **КВД “Эфко”** | 108700 | Маълумот нест | Истеҳсоли равғани растанӣ ва чарб |
| **КВД “Данон” (ҶСШК “Данон Трейд”)** | 106565,1 | Маълумот нест | Саноати хӯрокворӣ |
| **ҶС “Вимм-Билль-Данн”** | 95534,2 | 53,41 | Истеҳсоли нӯшокиҳо ва хӯрокворӣ |
| **ҶСД “Група “Черкизово””** | 90465 | 12300 | Парвариши хук ва паранда. Истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои гӯштию хӯроки чорво |
| **ҶСШК “Каргилл”. ҶСШК “Провими”** | 87914,9 | 1720,5 | Истеҳсоли крахмал ва маҳсулотҳои крахмалӣ. Истеҳсоли қанд. Хӯроки чорво |
| **ҶСШК “КВД“Русаро””** | 79057,9 | 17533,9 | Истеҳсоли қанд. Коркарди гӯшти хук. Маҳсулоти равғанучарбӣ. Равғани растанӣ |
| **“КВД “Агро-белогорье””** | 66443,4 | 53,41 | Чорводорӣ дар якҷоягӣ бо зироаткорӣ |
| **“КВД“Агрокомплексация””** | 48924,4 | 12300 | Растанипарварӣ, чорводорӣ, хӯроки чорво |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти маъхази [45].

[45] Кулистикова Т. Лидеры российской пашни. Топ-22 агрохолдингов по землям в обработке./ Т. Кулистикова // Агроинвестор. – 2018. – № 10.; Ефимова Л.А. Правовые основы и перспективы развития агрохолдингов в России// Известия ТСХА. – 2015. – № 2. – С. 92-102.; Кабаненко М.Н., Угримова С.Н.

Бояд қайд кард, ки қисми зиёди агроҳолдингҳои Руссия дар заминҳое кор мекунанд, ки то ҳол ба таври қонунӣ ба онҳо тааллуқ надоранд. Ва бинобар мавҷуд набудани танзими дақиқи қонунгузорӣ ва консепсияи агроҳолдингӣ дар як гурӯҳ ширкатҳо, инчунин набудани шаффофият дар соҳа, муайян кардан хеле душвор аст, ки бузургтарин ташкилотҳои кишоварзии кишвар аз захираҳои замин то чӣ андоза самаранок истифода мебаранд. Ин мавқеи хоҷагиҳои кишоварзӣ баҳогузории миқдории онҳоро дар иқтисодиёт мушкил мекунад.

Ҳамаи кишварҳои пасошуравиро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард:

- кишварҳое, ки ба шаклҳои идоракунии хоҷагидорӣ нигаронида шудаанд (аксарияти кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Балтика);
- кишварҳое, ки шаклҳои гуногуни идоракунӣ доранд (Украина, Руссия, Беларуссия, Қазоқистон ва ғайра).

Маълум аст, ки шаклҳои хоҷагидории кишоварзӣ дар рушду равнақи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мақоми муҳим доранд. Шакли хоҷагии фермерӣ дар ИМА, Канада ва аксарияти Аврупои Ғарбӣ рушд кардааст.

Дар **ИМА** истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, фермерон ба ҳисоб мераванд, ки аксарият, худро дар шакли «хоҷагии хонавода» мешуморанд.[46] Мувофиқи гурӯҳбандӣ, хоҷагиҳои ИМА ба хоҷагиҳои хурд ва калон ҷудо карда мешаванд, (Ҷадвали1.3.).

Дар айни замон, тамоюли васеъшавии хоҷагиҳо ба назар мерасад, дар ҳоле, ки танҳо 1 % хоҷагиҳо қариб 40 % маҳсулоти бозорро таъмин мекунанд. Хоҷагиҳои калон беш аз пеш хоҷагиҳои хурдро иваз менамоянд. Аксарияти хоҷагиҳои калон талаботро бо маҳсулоти коркардшудаи ватанӣ ва қариб тамоми содиротро таъмин намуда, хоҷагиҳои хурд бошанд барои машғулияти худ, имконият фароҳам оварда ҳамчун захира дар ҳолати камчинии маҳсулот хизмат мерасонанд. Дар хоҷагиҳои хурди ИМА одатан шаҳрвандоне кор мекунанд, ки даромади асосиашон ба соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ надорад.

Потенциал обеспечения продовольственной безопасности России // Фундаментальные исследования. – 2019. – № 5. – С. 40-44.

[46] Енина Д.В., Алексеенко Т.С. К вопросу о становлении и развитии крестьянских (фермерских) хозяйств в России и мире // Аэкономика: экономика и сельское хозяйство. – 2018. – № 1. – С. 4.

Ҳамчунин, дар соҳаи кишоварзии ИМА хоҷагиҳои кооперативӣ рушд мекунанд, ки баъзе аз онҳо ба шумораи панҷсад корхонаи калони ИМА дохил карда шудаанд.[47]

Рушди хоҷагиҳои фермерӣ ва кооператсияи онҳо дар Канада, ба мисли ИМА, густариш ёфтааст, аммо хоҷагиҳои Канада бо афзоиши назарраси хоҷагиҳои калони фермерӣ, фарқ мекунанд.

**Ҷадвали 1.3.-Тавсифи хоҷагиҳои фермерии ИМА**

| Шаклҳои хоҷагидорӣ | Хуссусиятҳои хос | Ҳаҷми фурӯш бо доллари ИМА дар як сол |
|---|---|---|
| | Хоҷагиҳои хурди оилавӣ | |
| Хоҷагиҳои дорои захираҳои маҳдуд | Арзиши воситаҳои асосӣ барои мақсадҳои кишоварзӣ камтар аз 150 ҳазор доллар. Даромади умумии оператори хонавода 20 ҳазор долларро ташкил медиҳад | Камтар 100 000 |
| Хоҷагиҳои нафақахӯр | Операторон ба нафақа баромаданд. Ба ин гурӯҳ хоҷагиҳои дорои захираҳои маҳдуд, ки операторҳо нафақахӯрон ҳастанд, дохил карда мешаванд. | Камтар 250 000 |
| Хоҷагиҳои ёрирасон | Операторҳо мегӯянд, ки кишоварзӣ шуғли асосии онҳост. Ба ин гурӯҳ хоҷагиҳои дорои захираҳои маҳдуд шомил нестанд, ки операторони онҳо изҳор доштанд, ки дар фаъолияти онҳо кишоварзӣ шуғли асосӣ ба ҳисоб намеравад. | Камтар 250 000 |
| Хоҷагиҳои хурд, ки фурӯши онҳо паст аст | Операторҳо мегӯянд, ки кишоварзӣ шуғли асосии онҳост. Ба ин гурӯҳ хоҷагиҳои дорои захираҳои маҳдуд шомил нестанд, ки операторони онҳо гуфтанд, ки шакли асосии шуғл барои онҳо кишоварзист. | Камтар 100 000 |
| Хоҷагиҳои хурд бо фурӯшҳои баланд | Операторҳо эълон мекунанд, ки деҳқонӣ шуғли асосии онҳост | Аз 100 000 то 249999 |
| | Хоҷагиҳои калони оилавӣ ва дигарҳо | |
| Хоҷагиҳой калони оилавӣ | Деҳқонӣ шуғли аслии онҳост | Аз 250000 то 249999 |
| Хоҷагиҳой калонтарини оилавӣ | Кишоварзӣ барои онҳо навъи асосии шуғл аст | Зиёда аз 500 000 |
| Хоҷагиҳои ғайриоилавӣ | Хоҷагиҳо, ҳамчун корпоратсияҳои ғайри оилавӣ, кооперативҳо ва ё хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз ҷониби роҳбарони кироя идора карда мешаванд. | Ҳамагуна меъёрҳоро ба назар мерасад |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти маъхази [48].

[47] Климова Н.В. Особенности регулирующего воздействия государства на агробизнес в зарубежных странах // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of Kub SAU. –2013. – № 90. – С. 713-729.

[48] Фролова О.А. Зарубежный опыт развития и кооперирования личных подсобных и крестьянских (фермерских) хозяйств // Вестник НГИЭИ. – 2010. – № 1. – с. 16-27.; Климова Н.В. Особенности регулирующего воздействия государства на агробизнес в зарубежных странах // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of KubSAU. –2013. – № 90. – С. 713-729.

Дар давлатҳои аъзои **Иттиҳоди Аврупо** истеҳсолоти кишоварзиро кооперативҳо роҳбарӣ мекунанд. Дар ин ҷо сохтори ташкилии комплекси агросаноатӣ дар шакли амудӣ тартиб дода мешавад:

- кооперативи миллии соҳавӣ;
- кооперативи минтақавӣ;
- кооперативи (филиал) -и маҳаллӣ;
- фермерҳо.

С.Д. Власов дар ин маврид қайд мекунад, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон беш аз пеш пайдоиши агробизнеси калон боиси он гардид, ки минбаъд роҳи монополизатсияи хоҷагии қишлокро пеш гиранд. Одатан дар агробизнес на танҳо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки нигоҳдорӣ, интиқол, коркарду фурӯш, инчунин истеҳсоли техникаи кишоварзӣ, тухмӣ, нуриҳо ва маводи кимиёвиро бояд ба назар гирифт.[49]

Дар соҳаи кишоварзии баъзе мамлакатҳои пасошуравӣ, таваҷҷӯҳи асосӣ дар омӯзиши ташаккули шаклҳои хоҷагидории ватанӣ, аз ҷумла Полша, Чехия, Словакия, Маҷористон, Руминия, Булғористон, Ҷумҳурии Сербия, Черногория, Словения, Хорватия, Босния ва Гертсеговина дода мешавад. Баъзе кишварҳое, ки дар даҳсолаи гузаштаи ислоҳоти бозорӣ қарор доштанд, ба туфайли мутобиқшавии бо суръат ва самарабахш истифода бурдани таҷрибаи кишварҳои капиталистӣ, тавонистанд ба рушди иқтисодӣ ноил гарданд ва ҳатто аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ пешсафанд.[50]

Шаклҳои хоҷагидорӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии соҳаи кишоварзии аксар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар як сатҳ қарор доранд, аммо таҷрибаи рушди онҳо низ сазовори таваҷҷӯҳ мебошад.

Дар давраи ислоҳот ва гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакатҳои пасошуравӣ тағйироти куллӣ ба амал омад:

[49]Власов С.Д. Зарубежный опыт и проблемы инновационного развития сельского хозяйства России// Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. 2014.– № 2. – С.124-127.
[50] Никонов А.Г., Павлов В.И., Черницкий А.К. К вопросу использования зарубежного опыта развития сельского хозяйства и сельских территорий в условиях усиления процессов глобализации // Никоновские чтения. – 2011. – № 16. – С. 220-221.

•дар аксари кишварҳо хусусигардонӣ гузаронида шуда, хариду фурӯши замин қонунӣ карда шуд;

• азнавташкилдиҳии колхозу совхозҳо, инчунин хусусигардонии корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ба вуқуъ пайваст;

•корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба моликияти хусусӣ дода шуданд.

Таҷрибаи кишварҳои **Аврупои Шарқӣ** ҳамчун кишварҳои пасошуравӣ сазовори таваҷҷӯҳ мебошад. Дар мамлакатҳои Чехия, Словакия, Руминия, Булғористон, Литва, Латвия, Эстония, дар натиҷаи ислоҳоти аграрии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, шумораи зиёди заминдорон пайдо шуданд, ки собиқ аъзои колхозу кооперативҳо ва авлоди заминдорон, то Ҳокимияти Шуравӣ буданд, дар натиҷа қисми зиёди заминҳои давлатӣ ба бахши хусусӣ гузаронида шуданд.

Татбиқи ислоҳоти аграрӣ дар **Полша** аз дигар кишварҳо куллан фарқ мекард, ки ҳатто дар низоми шуравӣ моликияти хусусӣ ва хариду фурӯши замин боқӣ монда буд. Гузашта аз ин, аз солҳои 70-уми асри XX ҳукумати Полша хоҷагиҳои фермериро дастгирӣ мекард, аз ин рӯ гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ягон таҳаввулот ва ташаннуҷҳои иҷтимоиро ба бор наовард. Қонуни истифодабарии замин дар соли 1990, ки дар Полша қабул шудааст, ба шаҳрвандони кишвар иҷозат додааст, ки озодона хариду фурӯши заминро ба роҳ монанд ва онро барои мақсадҳои кишоварзӣ истифода намоянд. Маҳдудиятҳо танҳо барои шаҳрвандони хориҷӣ мавҷуданд, ки метавонанд дар мувофиқа бо мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ соҳиби (беш аз 1 га) замин шаванд ба шарте, ки шаҳрвандони Полша дар ивази он ба заминҳои хориҷӣ ҳуқуқи баробар пайдо кунанд. [51]

Дар натиҷаи ислоҳот, дар Полша шумораи зиёди хоҷагиҳои хурди фермерӣ ба вуҷуд омаданд, ки қитъаҳои заминашон ба ҳисоби миёна аз Дания ва Фаронса 6 маротиба хурдтаранд. Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби зиёда аз нисфи хоҷагиҳои фермерии Полша дар як моҳ аз 50 доллари ИМА зиёд набуд ва

[51] Михайлушкин П.В., Баранников А.А. Современные приоритеты аграрной полити ки развитых стран мира // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of KubSAU. – 2013. – № 9. – С. 837-857.

тақрибан 60 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ танҳо ба таври расмӣ  фаъолият доштанд ва чизе истеҳсол намекарданд. Дар худи ҳамин давра, 9%-и заминҳои кишоварзӣ аз истифода бозмонданд. Аз ин рӯ, аз соли 1999 инҷониб, масъалаи истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар Полша ба миён омадааст ва соли 2004 қонун дар бораи истифодаи заминҳои кишоварзӣ қабул карда шуд.[52]

Ҳадафи аслии қабули қонуни мазкур ин тамаркуз ва пешкаш намудани заминҳо ба  хоҷагиҳое, ки онро мавриди истифодаи босамар қарор медиҳанд, махсуб меёбад. Ин қонун ҳадди ниҳоиро барои ҳар як хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ намудааст. Хоҷагиҳои нисбатан хурд набояд дар натиҷаи хариду-фурӯш ва ё ба мерос додан тақсимот карда шаванд.

Айни ҳол андозаи миёнаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Полша аз 10 гектар зиёд нестанд. Мақомоти қонунгузори Полша то ҳол маҳдудиятҳои хариди заминро барои шаҳрвандони хориҷӣ пешбинӣ мекунад. Деҳқонон заминро  ба шарте ба даст овардан метавонад, ки агар зиёда аз се сол ба иҷора гирифта тавонанд ва барои коркарди заминҳои ба иҷора гирифтаашон  собиқаи корӣ дошта бошанд.

Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда нишон медиҳад, ки дар баробари тараққӣ додани истеҳсолоти кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти он ба ташаккул ва равнақи соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати ҷиддӣ додан лозим меояд. Масалан дар **Ҷумҳурии мардумии Чин** баробари ислоҳоти аграрӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, давлат ба саноати деҳот сиёсати агросаноатии худро равона сохт. Дар натиҷа дар деҳоти музоффотҳои ҶМЧ дар як даҳсола ҳазорҳо корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташаккул ёфтанд, ки баъдан баъзе аз онҳо ба корхонаҳои миёна ва баъзе ба корхонаҳои калон табдил ёфтанд. Имрӯз дар ҶМЧ корхонаҳои зиёди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили корхонаҳои коркарди шолӣ, хӯроки чорво, корхонаҳои коркарди меваю сабзавот, коркарди макарон, шакар ва ғайра амал мекунад, ки онҳо ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёфтаанд. Аммо, дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта, рушди ҳамаҷонибаи коркарди маҳсулоти кишоварзии Чин ҳануз дар

---

[52] Власов С.Д. Зарубежный опыт и проблемы инновационного развития сельского хозяйства России // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета.– 2014.– №2.–С.124-127.

дараҷаи пасти тараққиёт қарор дошта мушкилоту норасоиҳо дар ин самт зиёд ба назар мерасанд. Соли 2009 саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии Чин дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол кард, аммо ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна ва калон оид ба навовариҳо ва системаи назорати сифат, заиф ба назар мерасанд. Корхонаҳое, ки танҳо 24% -и корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳанд 21 корхонаро дар бар гирифта, даромади солонаи онҳо аз фурӯши маҳсулоти коркардшуда ба 10 миллиард юан баробар аст, 4 ширкат бо зиёда аз 50 миллиард юан ва ду ширкат бо зиёда аз 100 миллиард юан фаъолият доранд ва аз ин танҳо як ширкат ба 500 ширкати беҳтарини ҷаҳон ворид шудааст[53].

Дар **Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина,** қисми зиёди саноати коркард ба моликияти ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тааллуқ доранд. Корпоратсияҳои коркардкунанда ё ширкатҳои тиҷоратӣ робитаҳои ҳамгироиро дар маҷмааи агросаноатӣ анҷом медиҳанд. Муносибатҳо бо истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ, дар асоси шартнома ба роҳ монда мешаванд. Гузашта аз ин, корхонаҳои коркард ва дигар корхонаҳои саноатӣ, деҳқононро бо захираҳои қарзӣ таъмин карда ба онҳо пешпардохт менамоянд ва аз ин ҳисоб намудҳои гуногуни захираҳои моддию техникиро харидорӣ мекунанд.

Рушди корхонаҳои агросаноатӣ дар кишварҳои **Аврупои Шарқӣ** низ мушоҳида мешавад. Асосан ин шакли корхонаҳо аз соли 1970 дар шакли моликияти давлатӣ ташаккул ёфтанд. Дар ин кишварҳо раванди мазкур ҳамчун ҳадаф, зери назорати давлат қарор гирифта буд. Ҳамин тавр, дар Булғористон, дар ибтидои соли 1980 253 комплекси агросаноатӣ, 4 комплекси саноатӣ-кишоварзӣ, 5 иттиҳодияи илмию истеҳсолӣ ва ғайра таъсис дода шуд. Хоҷагиҳо ва корхонаҳое, ки ба комплекси агросаноатӣ дохил буданд, идоракунии иқтисодии онҳо аз тарафи шуроҳои иқтисодӣ ва назоратӣ тафтиш карда мешуд.[54]

[53] Огоҳиномаи Вазорати кишоварзӣ дар бораи баровардани "Плани дувоздаҳум панҷсолаи коркарди миллии маҳсулоти кишоварзӣ", Бюллетени Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Мардумии Чин, 2011/6.
[54] Белоусов, В.М. Формирование механизма устойчивого развития сельскохозяйственного производства. / В.М. Белоусов // Вестник Мичуринского государственного аграрного университета. 2013. № 2. С. 100-104.

Қисми таркибии иқтисодиёти **Ҷопон** ва дигар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноат тараққикардаро корхонаҳои агросаноатӣ ташкил медиҳанд. Хусусияти фарққунандаи ин раванд дар Ҷопон ташаккули ҳамгироии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо савдои универсалӣ ва намудҳои дигар фаъолият ба монанди: ҷамъоварӣ ва пешниҳоди гуногуни иттилоотҳои иқтисодӣ, омӯзиши бозорҳои фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз худ кардани шаклҳои нави истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, муносибатҳои қарзӣ, сармоягузорӣ ва дигар фаъолиятҳо ба ҳисоб меравад. Онҳо ассотсиатсияҳои агросаноатӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро таъсис дода, бо хариди маҳсулотҳои кишоварзие, ки барои амали гардондани фаъолияти онҳо заруранд, машғул мебошанд. Дар истеҳсолоти агросаноатӣ ва фаъолияти ташкилотҳои кооперативии Ҷопон интегратсияи амудӣ нақши муҳим мебозад. Фаъолияти кооперативҳо барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти воситаҳои истеҳсолот, фурӯши маҳсулот, додани қарз, инчунин хизматрасониҳои иҷтимоию маишӣ ва тиббӣ ба аҳолӣ равона гардидааст. Шаклҳои навбатии ҳамгироӣ дар фаъолияти корхонаҳои агросаноатии Ҷопон, ин таъсиси ширкатҳои нави тиҷоратӣ ва саноатӣ мебошад, ки аз ҷониби кооперативҳо ва ассотсиатсияҳои кишоварзӣ таъсис дода мешаванд. Аз ҷумла, корхонаҳои саноатие вуҷуд доранд, ки дар байни деҳқонон ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ, фурӯши саҳмияҳоро ба роҳ монда, тибқи шартнома фоидаро дар байни саҳмдорон тақсим мекунанд. Иттифоқ таҳти роҳбарии як ширкат ё ташкилоте (саноатӣ, савдо, кооперативӣ, давлатӣ), ки тавассути он ҳамаи муомилот анҷом дода мешавад, фаъолият мекунад.[55]

Дар **Канада,** истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ва фурӯши маҳсулот дар шакли ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ ҳамкорӣ мекунанд, ки ба ду категория тақсим карда мешаванд: якум мақомоти федералии тиҷоратӣ ё агентиҳо (Идораи гандуми Канада, Комиссияи шири Канада ва чор агентии Канада оид ба тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ); дуюм иттиҳодияҳои савдои

[55] Маркарьян С.Б. Проблемы агропромышленной интеграции в Японии / С.Б. Маркарьян. М.: Наука, 1982.-287 с.

музофотӣ, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагони баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ таъсис дода шудаанд (масалан, ассотсиатсияи истеҳсол- кунандагони шир, шуъбаи савдои сабзавоткорон, идораи хукпарварон ва дигар анвои маҳсулотҳо). Истеҳсолкунандагон тавассути кооперативҳо (шуъбаҳои савдо) бевосита бозори яклухтфурӯшиਰо назорат карда, бо назардошти сифат, муҳлати интиқол ва дигар омилҳои бозор, нархҳои тафриқавии маҳсулоти кишоварзиро муқаррар мекунанд. Корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар содироти махсулоти худ монополия доранд. Шуъбаҳои савдо мустақилона ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, дорои ҳуқуқи моликият, ҳисоббаробаркунӣ бо истеҳсолкунандагон, гирифтани қарз, гирифтани фоида аз тиҷорат ва дигар шаклҳои фаъолиятро мувофиқи саҳми гузоштаи саҳмдорон тақсим менамоянд. Онҳо аз ҷониби шурои директорон, ки аз аъзои ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон интихоб шудаанд, идора карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки манфиатҳои истеҳсолкунандагон ба назар гирифта шаванд. Ҳамкории хоҷагиҳо бо мақсади ташаккули дигар сохторҳо ба мисли истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот дар як занҷири амудӣ ташкил карда мешаванд.[56]

Дар **Олмон** қариб ҳамаи деҳқонон аъзои як ё якчанд кооператив мебошанд. Онҳо аъзоёни худро бо воситаҳои истеҳсолот: техника, тухмӣ, хӯрок ва дигар нуриҳои минералӣ таъмин менамоянд. Кооперативҳо ҳамаи маҳсулоти истеҳсолшударо коркард карда, дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мефурӯшанд, вазифаи асосии онҳо машварат ва иҷрои хизматрасониҳои гуногун мебошад. Аз ҷумла, онҳо бо таъмири таҷҳизот, назорати муҳит ва тадқиқоти маркетингӣ машғул мебошанд.

Айни замон дар Олмон раванди ҳамгироии агросаноатӣ дар се сатҳ ба назар мерасад. Сатҳи ибтидоӣ ё маҳаллӣ, кооперативҳои молӣ, хизматрасонии қарзӣ ва саноатӣ. Кооперативҳои марказӣ дар сатҳи минтақаҳо муассисаҳои дахлдореро

[56] Шинакова Н.Ю.Опыт развития агропромышленной интеграции в зарубежных странах//Экономика. Вестник АПК Верхневолжья. -2009. - №1. – С.37-41.

таъсис доданд, ки тақрибан 4,2 ҳазор кооперативи ибтидоӣ, 33 кооперативи марказӣ ва 4 кооперативи федералӣ фаъолият мекунад.[57]

Дар **Озарбойҷон** талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ қариб 75% қонеъ карда мешавад, ки зиёда аз 30% аҳолиро бо кор таъмин мекунад. Маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳисоби соҳа 60-70%-и талаботро қонеъ мекунад. Солҳои охир афзоиши буҷети кишвар имкон дод, ки ҳаҷми дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ зиёд карда шавад. Аз соли 2004 сар карда аз ҳисоби буҷети давлатӣ қисми зиёди хароҷоти деҳқонон ба монанди сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва нуриҳои минералӣ рӯйпӯш карда мешаванд. Барои рушди соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ қарзҳои имтиёзнок бо фоизи паст ва дарозмуддат дода мешаванд. Илова бар ин, ташкилотҳои лизингиро дастгирӣ намуда, ба онҳо шакли махсуси маблағгузориро анҷом медиҳанд, ки барои хариди мошину таҷҳизоти кишоварзӣ мусоидат мекунад. Дар деҳот барои корхонаҳои нигаҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ биноҳое сохта мешаванд, ки ба кам кардани талафоти маҳсулоти зудвайроншаванда ва афзоиши даромади сокинони деҳа инчунин фаъолияти истеҳсолии онҳо мусоидат мекунад. Айни замон дар минтақаҳои кишвар сохтмони биноҳо ва ташкили шаклҳои нави корхонаҳои коркарди махсулоти кишоварзӣ хеле афзудааст. Ин дар натиҷаи бомуваффақият иҷро шудани барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон имконпазир гардид. Дар аксари минтақаҳои кишвар корхонаҳо ба коркарди гӯшту шир, истеҳсоли шарбату нӯшокиҳои спиртӣ шурӯъ кардаанд, ки дар натиҷа маҳсулоти истехсолшуда, нафақат барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат, балки барои ба бозорҳои хориҷӣ баровардан мусоидат кард. Масалан, дар натиҷаи дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти чорводорӣ дар баробари қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ, ба бозорҳои кишварҳои хориҷӣ, махсусан дар Руссия ва Гурҷистон таҳти тамғаи Озарбойҷон ба фурӯш бароварда мешаванд. Ҳоло дар Озарбойҷон 75 корхонаи шир ва 20 корхонаи коркарди маҳсулоти маҳаллӣ мавҷуд аст. Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон И.

[57] Шинакова Н.Ю.Опыт развития агропромышленной интеграции в зарубежных странах//Экономика. Вестник АПК Верхневолжья. -2009. - №1. – С.37-41.

Алиев дар суханронии худ қайд мекунад: "Маҳсулотҳои кишоварзие, ки дар корхонаҳои коркарди Озарбойҷон истеҳсол карда мешаванд бояд сифати баланд дошта, ба талаботи сатҳи ҷаҳонӣ ҷавобгӯй бошанд". Пас аз ин муаррифӣ, зарур гардид, ки ба рушди раванди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияти мақсаднок ва пайдарпай тадбиқ гардад ва ҳаҷми маблағгузорӣ барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зиёд карда шавад. Бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди деҳот хоҷагиҳо бояд чораҳои иловагӣ ба монанди додани дотатсия андешанд. Дар баробари ин барои тараққӣ додани соҳаи кишоварзӣ, тухмипарвариро низ тараққӣ додан зарур аст. Дар ин самт дар ҷумҳурӣ корхонаҳои калони хусусӣ бунёд гардида, имкониятҳои нав ва маблағи калон ҷудо карда шуд. Дар минтақаҳои чорводорӣ раванди воридотро идома дода, чорвои зотӣ оварда маблағҳои иловагиро ҷалб менамоянд. Дар солҳои охир, суръати афзоиши маҳсулоти хӯрокворӣ нисбати воридот ба таври назаррас афзоиш ёфт. Бо вуҷуди ин ба худтаъминкунии баъзе намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ниёзманд мебошад, ки барои онҳо имтиёзҳои қарзӣ зиёд карда шуд. Пеш аз ҳама, ин ба соҳаи парандапарварӣ дахл дорад, ки 70-75 фоизи эҳтиёҷоти мамлакатро қонеъ мегардонад. Хулоса, дар тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нақши ҳалкунандаро сиёсати давлатӣ мебозад.[58]

Дар рушди соҳаи кишоварзии **Украина** нақши асосиро хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои хусусӣ мебозанд, зеро аксарияти маҳсулоти соҳаи кишоварзиро худи ҳамин хоҷагиҳо истеҳсол мекунанд. Тибқи маълумоти Хадамоти давлатии омори Украина, миқдори аз ҳама зиёди маҳсулоти чорво - гӯшт, шир ва баъзе намудҳои зироатҳо (картошка, ҷуворимакка ва ғ.) ба хоҷагиҳои деҳқонии шахсӣ рост меоянд.

Маълумоти овардашуда нишон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзии Украина хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии шахсӣ мебошанд. Корхонаҳои кишоварзӣ, асосан хоҷагиҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд, ки дар минтақаҳои саноатӣ ба парвариши

---

[58] Гусейнов Р.М. Процесс переработки сельскохозяйственной продукции в азербайджане: состояние и тенденции развития гоу впо «азербайджанский университет кооперации», г. Баку (азербайджан)

растаниҳо (ғалладона, офтобпараст, лаблабуи қанд) ва хоҷагиҳои деҳқонии хусусӣ бошанд, ҳамчун истеҳсолоти меҳнатталаб ба сабзавоткорӣ машғуланд.[59]

Дар **Ҷумҳурии Қирғизистон** бошад, баъди солҳои зиёд, таназзули саноати коркард тамоюл ба сӯи муътадил гардидани истеҳсолот ва афзоиши минбаъдаи он гардид. Дар баробари ин ҳаҷми умумӣ ва вазни қиёсии маҳсулоте, ки фабрикаю сехҳои хурд истехсол мекарданд меафзояд. Шумораи корхонаҳои хурд дар ин давра бештар аз 5 ҳазор афзоиш ёфта, корхонаҳои калони хӯрокворию саноати коркард дар ҳолати азнавсозӣ ва барқарор намудани шаклҳои гуногуни истеҳсолот қарор гирифтанд. Дар муддати кӯтоҳ маҳсулоти озӯқаворӣ, аз ҷумла нӯшокӣ ва тамоку ба маблағи 9186,2 миллион сум баробар гардид, ки суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,7 фоизро ташкил медиҳад.

Дар натиҷа суръати афзоиш дар истеҳсоли аксарияти маҳсулоти озуқаворӣ таъмин гардид. Аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар корхонаҳои коркарди қанд нисбат ба соли гузашта 166,8 фоиз ё ба маблағи 905 миллион сум ё ба миқдори 50,9 ҳазор тонна афзоиш ёфтааст. Корхонаҳои коркарди нӯшокиҳои спиртӣ ба миқдори 2390,5 ҳазор декалитр маҳсулот истеҳсол карда суръати афзоиши он нисбат ба давраи гузашта 32,0 фоизро ташкил дод. Дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бошад нисбат ба соли гузашта пешравиҳои назаррас ба даст оварда, истеҳсоли панир ба андозаи 24,6% яхмос 74,5% истеҳсоли маҳсулоти ширии коркардшуда 32,9% зиёд гардидааст. Суръати мусбии истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати машрубот ба 163,3% қаннодӣ 119,3% шир 124,9 %, равған 102,1% баробар мебошад.[60]

Яке аз тадбирҳои муҳиме, ки ба рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуд, аз васеъ намудани дастрасии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба захираҳои қарзии ташкилотҳои молиявии кишвар буд. Ҳукумати

---

[59] Никонов А.Г., Павлов В.И., Черницкий А.К. К вопросу использования зарубежного опыта развития сельского хозяйства и сельских территорий в условиях усиления процессов глобализации // Никоновские чтения. – 2011. – № 16. – С. 220-221.

[60] Сомов Е.Н., Брусиловский Д.А. Специфика развития отраслей переработки и рынков сбыта сельскохозяйственной продукции в Кыргызской Республике. / Е.Н. Сомов, Д.А Брусиловский.// Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. 2019. № 9. С. 203-210.

Ҷумҳурии Қирғизистон барои пӯшонидани хароҷоти бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои молиявию қарзии махсусгардондашуда аз ҳисоби фонди буҷети ҷумҳуриявӣ кумаки молиявӣ дар шакли субсидия барои солҳои 2017-2019 додааст, то инки қарзҳои имтиёзнокро бо фоизҳои паст пешниҳод намояд. Меъёри солонаӣ фоизи қарзҳо барои соҳаи «зотпарварӣ» - 10% буда, ба муҳлати бештар аз 24 моҳ дода мешавад. Аз рӯи маълумоти Комиссияи иқтисодии Авруосиё имтиёзи дигар низ дода шудааст, ки то 6 моҳ озодкунии пурра аз пардохти маблағи асосии қарз пешбинӣ шудааст. Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Қирғизистон 1380 корхонаи нав, аз ҷумла 16 корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои спиртӣ, 123 корхонаи нонпазӣ, 443 корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ, 183 корхонаи истеҳсоли майёонез, 23 корхонаи истеҳсоли ҳасиб ва маҳсулоти гуштӣ, 37 корхонаи истеҳсоли макарон, 122 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти каннодӣ ва ғайра таъсис дода шудааст.

Дар ин давра беш аз 45 корхонаи саноати хӯрокворӣи бекорхобида боз ба кор андохта шудааст. Дар баробари ин дараҷаи ба кор андохтани иқтидори истеҳсолӣ дар корхонаҳои калон ҳанӯз ҳам ночиз мемонад ва аз 20 фоиз зиёд нест, ин нишон медиҳад, ки як қисми маҳсулот коркарднашуда мемонад ва дар шакли ашёи хом фурӯхта мешавад. Барои боз ҳам васеъ намудани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ азнавсозӣ ва мусаллаҳшавии корхонаҳо бо техника аз ҳисоби ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои муштарак барои таъмин намудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст. Бо мақсади боз ҳам васеъ намудани истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қарори Ҳукумат аз 18 июли соли 2019 № 354 дар бораи "Барномаи чаҳорчӯбаи таъмини амнияти фитосанитариро дар Қирғизистон барои давраи солҳои 2019-2023", қабул намуд. Ғайр аз ин, моҳҳои январ - марти соли 2019 бо ташаббуси Вазорати кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва мелиоратсияи Ҷумҳурии Қирғизистон тағйироту иловаҳо ба 4 қонун, 10 қарор ва 3 дастури ҳукумат оид ба самтҳои асосии тараққиёти агросаноатӣ қабул гардид. Дар баробари ин, татбиқи 2 санади стратегии миллӣ ва 7 соҳавӣ қабул гардид.

1. Санадҳои стратегияи миллии Ҷумҳурии Қирғизистон:

- Консепсияи сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2018-2022 бо Қарори Ҳукумат аз 31 марти соли 2017 таҳти № 194 тасдиқ карда шуд;
- Барномаи ҳукуматии “Эътимод, ваҳдат, созандагӣ”, ки бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 20 апрели соли 2018 таҳти № 2377 тасдиқ шудааст.

2. Ҳуҷҷатҳои стратегии рушди саноати коркард:

- Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ ва коркарди Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2021, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 30 марти соли 2017 № 191, тасдиқ карда шудааст;
- Консепсияи тараққӣ додани артели низоми хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2021 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 21 апрели соли 2017 таҳти № 237, тасдиқ карда шуд;
- Консепсияи баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 30 июни соли 2017 № 414 тасдиқ шудааст;
- Барномаи давлатии рушди ирригатсияи Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2026», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 21 июли соли 2017 таҳти № 440 тасдиқ шудааст;
- Консепсияи рушди органикӣ истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2022, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 2 августи соли 2017 № 258 тасдиқ шудааст;
- Консепсияҳои рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2017-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12 июли соли 2016 № 384 тасдиқ шудааст;

➢ Лоиҳаи таҷрибавӣ оид ба рушди истеҳсол ва коркарди шир, тавассути ноҳиябандии байтории вилояти Иссиккӯл, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 20 июни соли 2016 таҳти № 279 тасдиқ гардидааст.[61]

Дар баробари ин бо мақсади бозҳам ташаккул додани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои рушди коркад ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, қабули чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ идома хоҳад ёфт.

Инак, афзоиши иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Қирғизистон аз тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ ва саноати коркард вобаста аст. Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мушкилоти рақобатпазирии Қирғизистон ба авлавият дар минтақаҳои Авруосиё табдил ёфтааст. Муайян намудани дурнамои рушд ва ташаккули рақобатпазирии саноати коркард бевосита дар Ҷумҳурии Қирғизистон, аз таҳлили консепсияи рушди соҳаҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Қирғизистон бо назардошти мавҷуд будани базаи ашёи хом, пешомадҳои тараққиёт ба қадри кофӣ мавҷуд буда, қувваи арзони меҳнатӣ ва дигар омилҳо бояд воридотивазкуниро инкишоф диҳанд ва соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда табдил ёбанд.[62]

Дар **Қазоқистон** таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ на танҳо вазифаи асосии беҳтар намудани шароити зиндагӣ, балки яке аз омилҳои муҳимтарини устувории ҷамъиятии он ба ҳисоб меравад. Дар ин кишвар аз ҳисоби шароити табиию иқлимӣ, истеҳсол нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи анъана дар ноҳияҳои ҷанубии он амалӣ карда мешавад. Ҳоло корхонаҳои хусусӣ ва соҳибкорон ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷӯуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Чунки, ташкил ва вусъати минбаъдаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ яке аз омилҳои ба миён

---

[61] Халевинская Е.Д. Интеграция, сотрудничество и развитие на постсоветском пространстве: монография. М.: Магистр: ИНФРА-М, 2019. - С.19. (200 с.)

[62]Ажыбекова К.А. Диалог культур и взаимоадаптация цивилизаций в условиях мегасоциальной интеграции / К.А. Ажыбекова, О.А. Тогусаков, Д.А. Брусиловский, И.И. Есипов, Д.Ф. Клименок // Вестник КРСУ. Т. 18. № 1. С.128–135.; Ажыбекова К.А. Соотношение различных уровней организации взаимоадаптации цивилизаций в стратегии их выживания / К.А. Ажыбекова, О.А. Тогусаков, Д.А Брусиловский, Н.С. Акматова, А.Н. Смутко // Социально-политические науки. М.: Юр-ВАК, 2019. № 1. С. 141–145.; Кыргызстан в цифрах: статистический сборник. Б.: Нацстатком КР, 2019.-334 с.

омадани ҷойҳои иловагии корӣ барои аҳолии мамлакат мебошад. Инчунин барои худтаъминкунии минтақаҳои кишвар бо маводи озуқаворӣ бо ҷалби сармояи иловагӣ, барои васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он имконияти зиёд фароҳам меорад. Дар қисми зиёди минтақаҳои Қазоқистон навъҳои зиёди сабзавот руёндан мумкин аст, ки барои ташкили нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Айни замон дар саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Қазоқистон мушкилоти зерин ба назар мерасад:

– дараҷаи пасти таъминоти технологӣ ба назар мерасад, ки аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда шудаанд ва маҳсулоти истеҳсолкардаи он ба стандартҳои кишварҳои аврупоӣ мувофиқат намекунад ва ба кам кардани арзиши аслии маҳсулот имкон намедиҳад;

– меъёри баланди фоизи қарзҳои бонкӣ ба соҳаи саноат;

– мувофиқат накардани маҳсулоти истеҳсолшуда ба стандартҳои байналмилалӣ;

– набудани низоми самараноки харид.

Дар баробари мушкилоти номбурда таъсири гаронии андозҳо ба сатҳи фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида доираи фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти ниҳоиро маҳдуд месозад.[63] Аз ин лиҳоз, истифодаи таҷрибаи Қазоқистон дар фаъолияти корхонаҳои кокарди мамлакат самаранок ҳисобида намешавад.

Дар баробари кишварҳои дар боло зикр гардида **Ҳиндустон** мамлакате, ба ҳисоб меравад, ки соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркарди он ба шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Чунки бештари ин соҳаҳо дар сатҳи деҳот рушд карда маҳсулоти хоҷагии кишлоқи он 20 фоизи ММД-ро ташкил дода, дар ин соҳа 60 фоизи коргарон машғули кор мебошанд. Дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бошад аз ҷониби корхонаҳо 60 фоизи шакар, 50 фоизи

[63] Кантуреев М.Т. Переработка сельскохозяйственной продукции в казахстане: состояние и перспективы. // В сборнике: Социально-экономическое развитие России и Монголии: проблемы и перспективы. Материалы VI Международной научно-практической конференции. 2019. С. 171-174.

равғани растании кишвар таъмин гардиа, бештари соҳаҳо дар шакли кооперативҳо фаъолият намуда, онҳо ба ҷамъоварӣ коркард ва тақсими маҳсулоти кишоварзӣ сару кор доранд.[64] Дар баробари ин, давлат барои дастгирии соҳа кӯмаки молиявӣ расонида, онҳоро бо техника таъмин менамояд ва барои беҳтар намудани сифати маҳсулот ва тараққӣ додани инфрасохтори он мусоидат мекунад. Ҳамчунин, барои рушди комплекси агросаноатӣ 20 бонк ва 2841 маркази хизматрасонии онҳо таъсис дода шуда, 65 фоизи хоҷагидорон аъзои онҳо мебошанд.[65]

**Хулосаи зербоби 1.3.**

Таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ ва таҷрибаи андӯхтаи мамлакатҳои дар боло зикргардида нишон медиҳанд, ки қисми зиёди кишварҳо самаранокии соҳаи кишоварзиро дар рушди ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебинанд. Ва барои ин дастгирии институтсионалии бахши иқтисоди кишоварзӣ ва дастгирии давлатӣ дар самти гузаронидани корҳои амалӣ оид ба муттаҳид намудани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо корхонаҳои коркард муҳим арзёбӣ мегардад. Рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ асосан бо истифодаи афзалиятноки ҳамкорӣ ва роҳи дурусти ҳалли масъалаҳои хизматрасонии хоҷагиҳои хонавода ва корхонаҳои хурди кишоварзӣ дар ташкили кооперативҳои кишоварзӣ муайян карда мешавад.[66]

Яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ диверсификатсия мебошад. Тамоюли умумиҷаҳонӣ якҷоя кардани соҳаи кишоварзиро бо соҳаи саноат шаҳодат медиҳад. Масалан, дар Ҷопон ҳиссаи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба 80% расидааст, даромади деҳқонони амрикоӣ бошад, аз ҳисоби коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

[64] NCDC. Schematic Patterns of Assistance. Режим доступа: http://www.ncdc.in/downloads/POA.pdf
[65] Котомина М.А. Зарубежный опыт развития сельскохозяйственной кооперации на примере Финляндии и Инди.// Международный сельскохозяйственный журнал, 2017. № 6. С. 75 - 78
[66] Соломаха С.И. Особенности формирования механизма устойчивого развития сельскохозяйственных предприятий // Вестник АГАУ. – 2013. – № 3. – С. 127-130.

ба ҳисоби миёна 62%, дар Чин тақрибан 65%, Кореяи Ҷанубӣ - 40% -ро ташкил медиҳад.

Ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида танҳо тавассути як қатор чорабиниҳо, ки ба ташаккул ва рушди ҳамкориҳои соҳаи кишоварзию саноат мусоидат мекунанд, имконпазир мебошад:

▪ҷорӣ намудани асосҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии муосир барои бунёди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ;

▪пешбурди фаъоли афзалиятҳои ҳамкорӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ, дар хоҷагиҳои хурд ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

▪мақомотҳои маҳаллӣ бояд имкониятҳои соҳибкорони инфиродӣ ва сохторҳоеро, ки ба ҳамгироии соҳаи кишоварзию саноат мусоидат мекунанд васеъ намоянд;

▪дар сатҳи маъмурияти минтақавӣ бояд шароит фароҳам оварда шавад, ки корхонаҳои коркардкунанда маҳсулотҳояшонро бе ягон монеа ба бозор пешниҳод намоянд;

▪фароҳам овардани заминаи муосири меъёрӣ, барои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;

▪тайёр кардани мутахассисон оид ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, маркетинг ва логистика дар донишгоҳҳо;

▪дастгирии мақсадноки моддию молиявии давлат ба соҳибкороне, ки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба роҳ мондаанд.

Ҳамин тариқ, воситаҳои дастгирии буҷетӣ бояд на танҳо барои дастгирии корхонаҳои кишоварзӣ, балки барои таъсиси институтҳо ва дар маҷмуъ барои дигар соҳаҳои саноати коркард низ равона карда шаванд.

Маҳз омезиши оқилонаи шаклҳои идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки иборат аз рушди ҳамкории шаклҳои хурди идоракунӣ ва ташаккули корхонаҳои калони кишоварзӣ мебошад, метавонанд рушди самарабахш ва устувори иқтисодиётро такон дода, аҳолии мамлакатро бо маҳсулоти коркардшудаи ватанӣ таъмин намояд.

Метавон гуфт, ки ҷиҳати таъмини рушдиояндаи соҳа аз стратегияю барнома ва таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафта аз қабили ИМА, Россия, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина, Озарбойҷон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан имконпазир буда, самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо тавсия мегарданд.

Метавон дар ҷамбасти боби якум чунин хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо ба назар гирифт:

1) Аз натиҷагирии таҳқиқотҳои назариявии коршиносону муҳаққиқон муайян карда шуд, ки инсоният дар ҳама давру замон ба рушди комплекси агросаноатӣ ва махсусан корхонаҳои он эҳтиёҷ дошта, дар баробари афзоиши шумораи аҳолӣ ва талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ рушди корхонаҳои соҳаро низ талаб менамояд. Дар рафти омӯзиши адабиётҳои ватанию хориҷӣ хулоса кардан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷӯҳи қисми зиёди олимонро ҷалб намудааст, ки ақидаҳои назариявии онҳо гӯвоҳи ин гуфтаҳост. Аз ин хотир таҳқиқи назариявии рушди соҳаро анҷомёфта ҳисобидан ғайриимкон мегардад. Бо такя ба андешаҳои зикршуда, қайд кардан ба маврид аст, ки бо мурури замон инкишофи ҷамъият ва пешрафти технологияи аз ҷиҳати инноватсионӣ такмилёфта зарурати пайваста мавриди таҳлилу омӯзиши васеъ қарор доданро аз ҷониби коршиносону олимони соҳа талаб менамояд;

2) Дар таҳқиқот, ки омӯзиши хусусиятҳо ва таъсири омилҳо ба рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди арзёбӣ қарор гардидааст, метавон қайд намуд, ки дар шароити афзоиши рақобат байни истеҳсолкунандагон ва ҳамтоёни хориҷии худ, таъсири омилҳои дигарро низ интизор шуд. Аз ин лиҳоз, дар баробари хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасони муайяншуда бо назардошти давраҳои такрористеҳсол ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳоро ба инобад гирифта тобоварии корхонаҳои соҳаро нисбати онҳо таъмин намудан зарур мегардад;

3) Ҳоло кишвари мо, ки ба рушди босурати соҳаи саноат ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ниёз дорад, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи малакаи онҳо муҳим шуморида мешавад. Чунки мутобиқ ва устувор гардидан дар як самт бурду бохти зиёдро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз кишварҳое, ки дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муваффақ гардидаанд, ин зинаҳоро кайҳо гузаштаанд. Ҳамин аст, ки истифодаи таҷрибаи онҳо зарурати воқеӣ дошта барои дар амал татбиқ намудан тавсия карда мешавад.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## 2.1. Таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон

Истиқлолияти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррасеро дар самти фаъолияти соҳибкорию таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва ташаккули агробизнес ба миён овард. Дастовардҳое, ки мо имрӯз аз он баҳра мебарем бо заҳматҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи заҳматкашу меҳнатдӯсти мамлакатамон ба даст омадаанд. Таърихи гузаштаи мо нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мушкилотҳои зиёде ҳалталаб буданд. Аз ҳама бештар иқтисодиёти воқеӣ ба мушкилот дучор гардид. Махсусан, ду соҳаи пешбари истеҳсолот-кишоварзӣ ва саноат, ки мардумро бо неъматҳои моддӣ таъмин менамуданд, таназзул ёфтанд. Дар ин давра истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 52,8 фоиз кам шуда, пастрави дар истеҳсолоти саноатӣ 65,8 фоизро ташкил дод, ки боиси сатҳи нокифояи истеҳсолоти худӣ ва афзоиш ёфтани воридот дар кишвар гардид.[67] Дар натиҷаи амалигардонии ислоҳоти иқтисодии бисёрҷанба аз ҷониби ҳукумати кишвар барои рушди босуботи иқтисоди миллӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуд.

Чуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд “Мо зимни ташкили бахшҳои давлатӣ ва хусусии иқтисод, баробарии тамоми шаклҳои моликиятро таъмин карда, барои фаъолияти пурсамари онҳо фазои озод ва мусоидро ҷиҳати рушду пешрафти саноат, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ фароҳам овардем”.[68]

Яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дар сатҳи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ саҳми назаррас дорад Вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад.

---

[67] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол.-Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2018.- С.24

[68] Ҳамон ҷо

Вилояти Хатлон (собиқ вилояти Кӯлоб ва Қурғонтеппа) яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон  ба ҳисоб рафта масоҳаташ 24,7 ҳазор км$^2$ буда 17,5 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Вилояти Хатлон иборат аз 4 шаҳр, 21 ноҳия, 23 шаҳрак ва 132 ҷамоат буда, маркази маъмурии он шаҳри Бохтар мебошад, ки дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб ба масофаи 103 км бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб ба масофаи 420 км бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Масофаи роҳи автомобилгард аз маркази вилоят-шаҳри Бохтар то пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе 96 км- ро ташкил медиҳад.[69]

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар вилоят 175 корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 33 корхонаю коргоҳи дӯзандагӣ ва 6 корхонаи ресандагӣ фаъолият карда истодааст, ки калонтаринашон ҶДММ «Водии Зарин», ки дар ноҳияи Хуросон, инчунин ҶДММ “Парки насоҷии шаҳри Кӯлоб”, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"-и ноҳияи Данғара ба ҳисоб меравconfigured. Дар маҷмӯъ дар вилоят 640 корхонаи саноатӣ фаъолият карда истодааст, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолкардаашон дар соли 2022 ба 10332,97 млн. сомонӣ баробар аст.[70]

Яке аз бахшҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақаро соҳаи  кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки 52%-и маҳсулоти умумии кишоварзии мамлакатро истеҳсол менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар зарфи 30 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон бо истифодаи самараноки захираю имкониятҳояш дар истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, дигаргуниҳои назаррасро нишон дода, соли 2021 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилояти ба 20 миллиарду 694 милиону 5  ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки дар муқоиса бо соли 1991 ба ҳисоби миёна 13 миллиарду 292 миллион 988 ҳазор сомонӣ ё 55,6

[69] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ,- 2021.- С.13
[70] Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2021.- С.6

фоиз афзоиш ёфтааст. Инчунин дар соҳаи чорводорӣ соли 1991 аз ҷониби ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 597263 сар, чорвои калон парвариш гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 1033401 сар баробар буда, 73 фоиз афзоиш ёфтааст, шумораи модаговҳо бошад аз 253151 сар ба 528534 сар, яъне 2,8 баробар, саршумори гӯсфанду буз аз 1152191 сар ба 2483640 сар, яъне 2,1 баробар, саршумори паранда аз 896331 сар ба 2247949 сар 2,5 баробар ва саршумори асп бошад аз 32862 сар, ба 60271 сар расидааст, ки 83,4 фоиз нисбати соли 1991 зиёд мебошад. Аз ҷумла дар самти парвариши зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгиҳо агар, соли 1991 131044 тонна истеҳсол гардида бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 1032680 тонна расидааст, ки 7,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин, дар соли 2021 дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон, ба миқдори 213801 тонна картошка 2,4 маротиба, сабзавот 1548078 тонна 1,9 маротиба, полезиҳо 645282 тонна 8,5 маротиба, меваҷот 216271 тонна 6,5 маротиба ва ангур ба миқдори 108449 тонна истеҳсол гардидааст, ки нисбати соли 1991 2,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Лекин истеҳсоли пахта соли 2021 баробар ба 270002 тонна мебошад, ки нисбат ба соли 1991 ба миқдори 52,4 фоиз коҳиш ёфтааст.[71]

Дар натиҷаи ворид намудани 5050 гектар замини обӣ ба гардиши истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири худро ба ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ расонид, ки дар натиҷа, сатҳи истеҳсолоти соҳа якчанд маротиба боло рафта, имконияти таъмини беш аз 10 ҳазор нафар аҳолии маҳаллиро бо ҷои корӣ ба вуҷуд овард. Қайд кардан ба маврид аст, ки иқтидори истеҳсолии вилояти Хатлон хеле бузург буда, дар замони гузашта кишоварзони вилоят яке аз содиркунандагони асосии маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафтанд ва имрӯз низ ба он беш аз 48 фоизи майдони умумии заминҳои корам ва 49 фоизи заминҳои обии мамлакат рост меояд. Ҳамзамон, бо мақсади таҳлил ва баҳодиҳии амиқ, майдони заминҳои аҳамияти кишоварзидоштаи вилоятро дар шакли ҷадвал нишон додаем, (Ҷадвали 2.1.).

---

[71] Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/*Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ* 2022.- С.138-248

**Ҷадвали 2.1.-Масоҳати заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон (бо гектар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат 2017 ,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Масоҳати заминҳои вилояти Хатлон ҳамагӣ, аз ҷумла:** | 1992522 (100%) | 1983213 (100%) | 1984106 (100%) | 1987489 (100%) | 1989693 (100%) | - 0,2 |
| **заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта** | 1443306 | 1452364 | 1157302 | 1456923 | 1457754 | + 1,0 |
| - заминҳои шудгор | 316556 | 325715 | 30848 | 330271 | 328107 | + 3,6 |
| - заминҳои дарахтони бисёрсола | 41318 | 40417 | 41280 | 41782 | 41743 | + 1,0 |
| - заминҳои алафзори табиӣ | 6206 | 4660 | 4660 | 4687 | 4997 | - 19,5 |
| - заминҳои чарогоҳ | 1058716 | 1062266 | 1061964 | 1065262 | 1068232 | 0,8 |
| - заминҳои боир | 20510 | 19306 | 18550 | 14921 | 14675 | - 28,5 |
| **Минтақаи Вахшу Бохтар ҳамагӣ, аз ҷумла:** | 1113186 (55,8%) | 1112567 (56,0%) | 1113080 (56,0%) | 1113691 (56,0%) | 1113564 (55,1%) | + 0,3 |
| **заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта** | 812399 | 813876 | 814074 | 814623 | 814524 | + 0,2 |
| - заминҳои шудгор | 176690 | 180144 | 180618 | 184178 | 184287 | + 4,3 |
| - заминҳои дарахтони бисёрсола | 20427 | 20405 | 20649 | 20703 | 20718 | + 1,4 |
| - заминҳои алафзори табиӣ | 474 | 474 | 474 | 474 | 474 | - |
| - заминҳои чарогоҳ | 596167 | 595678 | 595590 | 596075 | 595996 | - 0,1 |
| - заминҳои боир | 18641 | 17175 | 16743 | 13193 | 13049 | - 30,0 |
| **Минтақаи Кӯлоб ҳамагӣ, аз ҷумла:** | 879336 (44,1%) | 870646 (43,9%) | 871026 (43,9%) | 873798 (43,9%) | 876129 (44,0%) | - 0,4 |
| **заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта** | 630907 | 638488 | 638683 | 642300 | 643230 | + 1,9 |
| - заминҳои шудгор | 139866 | 145571 | 145685 | 146093 | 143820 | + 2,8 |
| - заминҳои дарахтони бисёрсола | 20891 | 20012 | 20631 | 21079 | 21025 | + 0,6 |
| - заминҳои алафзори табиӣ | 5732 | 4186 | 4186 | 4213 | 4523 | - 21,1 |
| - заминҳои чарогоҳ | 462549 | 466588 | 466374 | 469187 | 472236 | + 2,0 |
| - заминҳои боир | 1869 | 2131 | 1807 | 1728 | 1626 | -13,1 |

**Сарчашма:** Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маълумот дар бораи заминҳои корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо ҷумҳурӣ ба ҳолати солҳои 2017, 2018, 2019, 2020, 2021 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Ҷадвали 2.1., ки вазъи кунунии майдони заминҳои вилояти Хатлонро фарогир мебошад, дар он мушоҳида мегардад, ки масоҳати умумии заминҳои вилоят 1989693 гектаро ташкил дода, аз ин 1113564 гектар ё 55,9 % ба минтақаи Вахшу Бохтар ва 876129 гектар ё 44 % ба минтақаи Кӯлоб рост меояд. Агар ба афзоиши майдони заминҳо назар афканем аз сабаби он, ки замин хусусияти васеъшавӣ надорад, танҳо бо роҳи аз як шакл ба шакли дигар гузаронидани замин майдони заминҳои аҳамияти кишоварзӣ доштаро васеъ намудан имконпазир аст, аз ин лиҳоз тағйиротҳое, ки дар ҷадвал мушоҳида мешаванд, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хатаре ворид карда наметавонанд ва маҳсулоти қисми зиёди ин заминҳо барои ташкили коркарди саноатӣ мувофиқ мебошанд. Аз рӯйи масоҳати заминҳои вилояти Хатлон маълум мегардад, ки иқтидори истеҳсолӣ барои

тавлиди ашёи хоми кишоварзӣ хеле зиёд буда, инчунин бо истифода аз усулҳои инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ метавонем якчанд маротиба ҳосинокиро зиёд намоем ва сарчашмаи таъмини ашёи хоми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро аз ҳисоби захираҳои худӣ ба роҳ монем.

Қобили қайд аст, ки дар шароити имрӯза, дар вилояти Хатлон ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ 640 корхонаҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 58 хоҷагиҳои давлатӣ, 24 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 2522 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 574 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 196 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 68313 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсол намудаи онҳо нишон дода шудааст (ниг. ба ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2.-Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар вилояти Хатлон (бо тонна)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона (бо ҷуворимакка) | 903125 | 822560 | 870256 | 985322 | 1032680 | + 14,3 |
| Пахта | 259277 | 178760 | 266789 | 277221 | 270002 | + 4,1 |
| Картошка | 162677 | 216540 | 222943 | 193104 | 213801 | + 31,0 |
| Сабзавот | 1021221 | 1198327 | 1258992 | 1469760 | 1548078 | + 51,5 |
| Полезиҳо | 482440 | 512434 | 558908 | 589089 | 645282 | + 33,7 |
| Меваҷот | 173877 | 188468 | 201535 | 209094 | 216271 | + 24,3 |
| Ангур | 101419 | 104536 | 106025 | 107453 | 108451 | + 6,9 |
| Хӯроки чорво | 579599 | 604324 | 699373 | 721466 | 753452 | + 29,9 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2022.-С.139-184 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Тибқи маълумотҳои соли 2021 мушоҳида мешавад, ки дар соҳаи растанипарварии вилояти Хатлон, истеҳсоли ғалладонагиҳо нисбати ҳаҷми истеҳсол дар соли 2017 ба ҳисоби миёна 14,3 % рӯ ба афзоиш доранд. Дар соҳаи пахтакорӣ ба назар мерасад, ки ҳаҷми истеҳсоли пахта дар соли 2021 ба 270002 тонна баробар буда, нисбат ба соли 2017, ки баробар ба 259277 тонна мебошад, ба андозаи 4,1% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи картошкапарварӣ бошад, ба миқдорӣ 51124 тона ё 31,4% афзоиш ёфтааст. Инчунин, дар истеҳсоли сабзавот 51,5%, полезиҳо 33,7 %, меваҷот 24,3%, ангур 6,9 % ва хӯроки чорво ба миқдори 29,9% афзоиш ёфтааст. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар соҳаи

растанипарварии вилояти Хатлон истеҳсоли қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ рӯ ба афзоиш дошта, имконияти истифодабариашон ҳамчун захираи ашёи хоми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест.

Қисми таркибии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлонро соҳаи чорводорӣ ташкил медиҳад, ки дар таъмини бехатарии озӯқавории кишвар нақши арзанда дошта, маҳсулоти он на танҳо дар таъмини сатҳи минтақа, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррас дорад. Тамоюли афзоиши саршуморӣ чорво ва парандаи вилояти Хатлон дар соли 2021 нисбат ба соли 2017 дар ҷадвали 2.3. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3.- Саршумори чорво ва паранда дар вилояти Хатлон (сар)**

| Номгӯй | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | 968142 | 981129 | 994207 | 1010971 | 1033401 | + 6,7 |
| аз ҷумла модагов | 495244 | 503147 | 508444 | 514598 | 528534 | + 6,7 |
| Гӯсфанду бӯз | 2262071 | 2307491 | 2333207 | 2400223 | 2483640 | + 9,7 |
| Асп | 57614 | 58409 | 58617 | 59127 | 60271 | + 4,6 |
| Паранда | 1809171 | 1822763 | 2045987 | 2205214 | 2247949 | + 24,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.-С.142-269 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми солҳои таҳқиқшаванда соҳаи чорводории вилоят дар сатҳи мӯътадил қарор дошта, саршумори он қариб якхела ба назар мерасанд. Суръати афзоиши саршумори чорвои калони шохдор дар давоми солҳои 2017-2021 ба миқдори 6,7 %, модагов 6,7 %, гӯсфанду бӯз 9,7%, шумораи асп 4,6 % ва танҳо афзоиши саршумори паранда ба миқдори 24,2 % баробар мебошад. Ҳолати мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи истеҳсолот ба қадри кофӣ рушд накарда бошад ҳам, вале рӯ ба таназзул надорад, аз ин лиҳоз гуфтан ба маврид аст, ки бо истифода аз усулҳои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ суръати афзоиши соҳаро ба қадри кофи расонидан мумкин аст. Рушди соҳа дар ташаккул ва рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ гардида, роҷеъ ба таъмини ашёи хоми коркардшаванда заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, соҳаи мазкур маҳсулотҳоеро истеҳсол менамояд, ки онҳоро ҳам дар шакли маҳсулоти тайёри истеъмолӣ ва ҳамчун ашёи хоми хусусияти коркарди саноатӣ дошта, мавриди истифода қарор додан имконпазир мебошад.

Истеҳсолоти мазкур тамоюлҳои гуногун дошта, афзоиши онро дар ҷадвали 2.4. мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.4. - Истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории вилояти Хатлон (бо тонна)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | 137768 | 148017 | 155855 | 172445 | 185768 | + 34,8 |
| Шир | 467615 | 487262 | 500871 | 515188 | 530018 | + 13,3 |
| Тухм (ҳазор дона) | 75248 | 78924 | 85341 | 102725 | 108575 | + 44,2 |
| Пашм | 5028 | 5139 | 5332 | 5465 | 5599 | + 11,3 |
| Асал | 976,3 | 995,9 | 1012,1 | 1067 | 1148 | + 17,5 |
| Пилла | 416,5 | 262,0 | 367,2 | 224,2 | 219,5 | - 47,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон /Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. -С.147-152 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Соли 2021 вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи чорводорӣ афзалият нишон дода, нисбат ба соли 2017 афзоиши истеҳсоли гӯшт ба миқдори 34,8 %, истеҳсоли шир 13,3 %, тухм 44,2 %, пашм 11,3 %, ва асал 17,5 % зиёд бақайд гирифта шудааст. Истеҳсоли пилла бошад, баробар ба 52,8 фоизи ҳаҷми истеҳсоли соли 2017 мебошад, яъне ба миқдори 47,2 % камтар истеҳсол шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳсулотҳои зикргардида аз ҷониби ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, аҳолӣ ва корхонаҳои кишоварзии вилоят истеҳсол гардидааст. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ, ки заминагузор дар рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд дар диаграммаи 2.1. нишон дода шудааст.

Аз маълумотҳои дар диаграмма овардашуда бармеояд, ки дар соли 2021 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 65604 адад баробар буда, нисбат ба соли 2017, ки шумораи онҳо 57609 ададро ташкил медод ба миқдори 7995 адад зиёд шудаанд. Аммо шумораи корхонаҳои кишоварзӣ бошад, ба миқдори 1180 адад кам гардидаанд, ки айни ҳол 2718 корхона дар ин самт ба фаъолият машғул мебошад.

Пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои дар ин самт фаъолияткунандаро бе таъминоти техникӣ ва дастгоҳои ёрирасон тасаввур кардан ғайри имкон буда, вобаста ба давраҳои ташаккул ва рушди инноватсионӣ ва афзоиши миқдорию сифатии талаботи ҷомеа ба маҳсулоти истеҳсолнамудаи

соҳа водор менамояд, ки ҳар як хоҷагӣ ва корхонаи кишоварзӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти замони муосир таъмин карда шаванд.

**Диаграммаи 2.1.- Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ- 2022. -С.328-329.

Сатҳи таъминоти техникаҳои соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон рӯз аз рӯз боло рафта, шумораи онҳоро дар давоми солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.5. мушоҳида кардан мумкин аст. Маълумотҳои ҷадвали мазкур сатҳи таъминоти техникии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлонро дар бар гирифта, муайян менамоянд, ки афзоиши шумораи техникаҳои кишоварзӣ айни ҳол дар кадом сатҳ қарор доранд. Тибқи таҳлилҳо маълум мегардад, ки соли 2021 шумораи тракторҳои гуногунтамға дар муқоиса ба соли 2017 ба миқдори 8,4 % яъне 1029 адад зиёд гардида, шумораи автомобилҳои боркаш баробар ба 68,6 %-и соли 2017 мебошад, яъне ба миқдори 145 адад кам гардидаанд, Комбайнҳои ғалладарав ба миқдори 1,7 % зиёд ва ядакҳои тракторӣ бошад 0,6 % кам гардида, алафҷамкунакҳои тракторӣ 2 мар., достҳои тракторӣ 2,2 мар. зиёд гардида, комбайнҳои барои ҷамоварии хӯроки чорво ва силосғундор баробар ба соли 2017, комбайнҳои ҷуворимаккағундорӣ баробар 28,5 %, мошинҳои пахтачинӣ бошад 10 %, зиёд гардидаанд. Мошинҳои куракғундорӣ ки соли 2019 танҳо 1 адад мавҷуд буд, шаморои онҳо дар соли 2021 ба 2 адад расидааст, тойбанду тагрезчинакҳо бошад, ба миқдори 2,2 марориба зиёд гардидаанд. Сабаби асосии техникаю дастгоҳҳои кишоварзие, ки аз гардиши истеҳсолот боз монда ва

шумораи онҳо кам гардидааст, ба фарсудашавии ҷисмонию маънавӣ гирифтор шудани онҳо буда, баъзеашон аз даврони шуравӣ боқӣ мондаанд. Вале ин ҳолат хеле кам ба назар мерасад. Бо ташаббусу дастгириҳои ҳукумати мамлакат ба соҳаи кишоварзӣ ва таҳияю иҷроиши барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, ки аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои марбути он мавриди амал қарор гирифтаанд, як қатор чорабиниҳо анҷом дода шуд, ки дар натиҷа шумораи зиёди тракторҳои гуногунтамға, комбайнҳо ва дигар техникаю дастгоҳҳои ёрирасони кишоварзӣ, мавриди истифода қарор гирифтанд, (Ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5.- Шумораи техникаҳои кишоварзии вилояти Хатлон (адад)**

| Намудҳои техникаи кишоварзӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳои гуногунтамға | 12144 | 12639 | 13155 | 13045 | 13173 | + 8,4 |
| Автомобилҳои боркаш | 462 | 803 | 357 | 331 | 317 | - 31,3 |
| Комбайнҳои ғалладаравӣ | 455 | 468 | 486 | 475 | 463 | + 1,7 |
| Ядакҳои тракторӣ | 3890 | 3883 | 3956 | 4072 | 3866 | - 0,6 |
| Алафҷамкунакҳои тракторӣ | 57 | 64 | 88 | 85 | 114 | 146,5 |
| Досҳои тракторӣ | 300 | 312 | 494 | 553 | 606 | + 2 мар-ба |
| Комбайнҳои барои ҷамоварии хӯроки чорво ва силосғундор | 28 | 27 | 27 | 22 | 28 | - |
| Комбайнҳои ҷуворимаккағундорӣ | 7 | 7 | 7 | 2 | 2 | - 71,4 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 10 | 10 | 12 | 11 | 11 | + 10,0 |
| Тухмпошакҳои тракторӣ | 1116 | 1132 | 1209 | 1283 | 1253 | + 12,2 |
| Испорҳои тракторӣ | 4034 | 4143 | 4400 | 4608 | 4743 | + 17,5 |
| Нармкунакҳои тракторӣ | 1552 | 1681 | 1765 | 1761 | 1774 | + 14,3 |
| Мошинҳои куракғундорӣ | - | - | 1 | 3 | 2 | 2 мар-ба |
| Тойбанду тагрезчинакҳо | 120 | 127 | 178 | 237 | 271 | 2,2 мар-ба |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2022.-С.311-323 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Нишондиҳандаҳои зикргардида исбот менамоянд, ки минтақа дорои захираҳои бойи ашёи хоми кишоварзӣ буда, имконияти ташкили корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро фароҳам меоранд. Айни ҳол, дар минтақаи Хатлон 473 адади корхонаҳо дар соҳаи саноати коркард фаъолият менамоянд, ки аз ин 110 ададаш ба саноати хӯрокворӣ ва 385 адад ба саноати сабук рост меояд. Корхонаҳое, ки дар соҳаи саноати сабук фаъолият менамоянд, 231 адади он дар самти истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол, 24 адад коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб, 8 адад истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр, 5 адад

истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ истеҳсоли кимёвӣ, 10 адад истеҳсоли кимиёвӣ ва фармасевтӣ, 79 адад истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ, 13 адад истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ва 15 ададаш ба истеҳсоли мошинолот ва таҷҳизоти ба дигар гурӯҳбандӣ дохил нашуда рост меоянд, ки саҳми назаррас дар ҳаҷми умумии маҳсулоти коркардшудаи минтақа доранд. Аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, минтақаи Хатлон нисбати дигар минтақаҳо дар сатҳи баланд қарор дорад, ки дар ҷадвали 2.6. онро мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.6.-Ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар буриши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор сомонӣ)**

| Номгӯй | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Суғд | 5678305,2 | 6685700,0 | 8350510,9 | 11588781,1 | 13291150,1 | + 2,3 мар. |
| Вилояти Хатлон | 3606613,0 | 3893700,0 | 4347734,7 | 4419348,8 | 5430657,4 | + 50,5 |
| ВМКБ | 68682,7 | 92600,0 | 63950,2 | 41850,4 | 37233,7 | - 45,7 |
| ш.Душанбе | 1280611,5 | 1541700,0 | 1782765,5 | 1655386,7 | 2045726,2 | + 59,4 |
| Ҳамагӣ, ҶТ млн. сомонӣ | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | + 89,4 |
| ВХ дар МУСК ҶТ, % | 30,6 | 28,7 | 27,2 | 23,1 | 24,3 | - 6,3 б.ф |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди ПҶТ.- Душанбе, 2018. - С. 29-39.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди ПҶТ.- Душанбе, 2020. - С.26-31.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди ПҶТ.- Душанбе, 2021. - С.40-46.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди ПҶТ.- Душанбе, 2022. - С.29-32 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Вилояти Хатлон ҳамчун қисми таркибии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷойи намоёнро ишғол намуда, аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коркардшуда нисбат ба дигар минтақаҳо баъди вилояти Суғд дар ҷойи дуюм қарор дорад. Нақши вилоят дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар муҳим арзёбӣ гардида, агар дар соли 2017, 32,1 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти коркардшудаи ҷумҳуриро истеҳсол карда бошад, пас ин нишондиханда дар соли 2021 ба 24,3 фоиз баробар гардидааст. Ташкили шаклҳои нави корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки дар оянда ҳиссаи маҳсулоти

истеҳсолкардаи минтақа дар ҳаҷми ММД боз ҳам васеътар гардад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коркардшудаи минтақаи Хатлон дар муқоиса ба солҳои гузашта рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки дар ҷадвали 2.7. онро мавриди баррасӣ қарор додем.

**Ҷадвали 2.7.-Тамоюлҳои истеҳсоли маҳсулотҳои асосӣ дар корхонаҳои саноати коркарди вилояти Хатлон солҳои 2017-2021**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Газвори пахтагин, ҳаз. м. | 70,7 | 80,5 | 85,3 | 117,3 | 129,3 | + 82,8 |
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 70,9 | 55,3 | 55,4 | 57,6 | 55,6 | - 21,5 |
| Калобаи ришта, тонна | 8758,9 | 15409,1 | 17400,7 | 14105,4 | 17785,1 | + 2,3 мар. |
| Чигит, ҳазор тонна | 114,3 | 84,6 | 87,4 | 91,1 | 83,8 | - 26,6 |
| Оби ҷав, ҳазор дал | 23,2 | 19,5 | 19,5 | 13,4 | 13,4 | - 42,2 |
| Гӯшт бо гӯшти мурғ, тонна | 16288 | 22002,0 | 27745,3 | 28968,1 | 30782 | + 88,7 |
| Ҳасиб, тонна | 313,0 | 299,5 | 393,1 | 399,9 | 448,5 | + 43,2 |
| Равғани маска, тонна | 3,0 | 6,6 | 2,3 | 3,1 | 0,3 | - 90,0 |
| Равғани растанӣ, тонна | 6651,3 | 11434,8 | 12243,1 | 12767,7 | 14541,7 | 2,1 мар-ба. |
| Маҳсулоти ширӣ, ҳаз.тон. | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,9 | 2 | + 53,0 |
| Консерва, млн. қут. шартӣ | 4,4 | 4,8 | 5,1 | 30,7 | 33,3 | + 7,5 мар-ба. |
| Маҳсулоти қаннодӣ, тонна | 746,7 | 724,0 | 1049,9 | 1158,7 | 1161 | + 55,0 |
| Макарон, тонна | 1,0 | 33,5 | 34,2 | 169,9 | 265 | 265 мар-ба. |
| Нӯшокиҳои ғайри спиртӣ, ҳазор дек.литр | 38,7 | 34,5 | 38,2 | 29,1 | 47,2 | + 21,9 |
| Намак, тонна | 28645,0 | 25229,4 | 25490,0 | 26637 | 26169 | - 8,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.101 – 107 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда маълум мегардад, ки истеҳсол ва коркарди як қисми маҳсулотҳои кишоварзии вилояти Хатлон нисбати солҳои гузашта коҳиш ёфтаанд, вале қисми зиёди онҳо рӯ ба афзоиш дошта чунин тамоюлҳо доранд. Истеҳсоли газвори пахтагин агар дар соли 2017 ба 70,7 ҳазор метр баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021, 129,3 ҳазор метрро ташкил медиҳад, ки ба андозаи 82,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин, соли 2021 истеҳсоли нахи пахта тамоюли коҳишёбӣ дошта ба андозаи 21,5 %, чигит 26,6 % кам гардидааст. Гӯшт якҷоя бо гӯшти мурғ бошад, 88,7 %, ҳасиб 43,2 %, равғани растанӣ 2,1 маротиба, консерва 7,5 маротиба, макарон 79,1 маротиба афзоиш ёфта, истеҳсоли намак бошад 8,3 фоиз коҳиш ёфтааст.

Аз таҳлилҳо бармоеояд, ки такмил додани истеҳсолоти кишоварзӣ ва барқарор намудани соҳаҳои аз байнрафта имконпазир буда, заминаи мусоид дар таъмини сарчашмаҳои иловагии молиявӣ мебошад. Рушди минбаъдаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ғанӣ гардонидани даромади аҳолию устувории буҷети давлатӣ мусоидат менамояд, ки афзоиши онро бо ифодаи арзишӣ ҷадвали 2.8. исбот менамояд.

**Ҷадвали 2.8.-Тамоюлҳои ҳаҷми маҳсулоти саноати коркарди вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021 (ҳаз. сомонӣ).**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти хӯрока, ҳамагӣ | 587833,6 | 1121200,0 | 1236409,6 | 1098040,9 | 1205644,2 | + 2,5 мар. |
| Нассоҷӣ, дузандагӣ, чармӣ, пойафзол | 438675,8 | 1355200,0 | 1483681,1 | 1648471,2 | 2431267,2 | + 5,5 мар. |
| Коркарди чӯб маснуоти он | 21271,7 | 23828,8 | 23281,6 | 20155,2 | 21152,6 | - 0,5 |
| Селулозаю қоғаз, табъу нашр | 7812,0 | 1100,0 | 3755,0 | 6466,5 | 1968,5 | - 74,8 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 11780,8 | 39300,0 | 67061,0 | 86325,2 | 132431,6 | +11,2 мар. |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2018.-31.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ - 2020. -С.29.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ - 2021. - С.42.; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ - 2022. - С.30 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.8. бармеояд, ки сатҳи даромаднокӣ аз ҳисоби коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ҳамасола рӯ ба афзоиш дошта, дар оянда барои аз байн бурдани мушкилоти дар боло зикргардидаи соҳа мусоидат менамояд. Тибқи маълумотҳо агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрока соли 2017, 587833,6 ҳазор сомониро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 1205644,2 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки тамоюли афзоиши он 2,5 маротиба мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ, чармӣ, пойафзол соли 2021, 2431267,2 ҳазор сомонӣ буда, нисбати соли 2017 5,5 маротиба зиёд, истеҳсол гардидааст, коркарди чӯб ва маснуот аз он тамоюли коҳишёбӣ дорад, ки ба миқдори 0,5 % истеҳсоли селулозаю қоғаз, табъу нашр бошад 74,8 % кам гардида, истеҳсоли кимиёвӣ 11,2 маротиба зиёд гардидааст. Ҳолати мазкур сатҳи устувории молиявии корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла коркарди маҳсулоти

кишоварзиро таъмин намуда, барои рақобатпазирӣ ва васеъ намудани истеҳсолот мусоидат менамояд. Аз ҷумла қайд кардан ба маврид аст, ки рушди минбаъдаи соҳа ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар таъмини маблағҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагию даромади аҳолӣ  баромад менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки вилояти Хатлон аз ду минтақаи калони агросаноатӣ, минтақаи агросаноатии Вахшу Бохтар ва минтақаи агросаноатии Кӯлоб таркиб ёфтааст. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ ин минтақаҳо дар афзоиши шумораи аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои умумииқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ҷойи аввалро мегиранд. Ҳолати кунунии шаҳру ноҳияҳои тобеъи минтақаҳои зикргардида нисбати вилояти Хатлон ва сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.9. оварда шудааст. Таҳлили ҳолати дар ҷадвали мазкур иникосёфта нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон калонтарин минтақа дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта шумораи аҳолиаш ба 1-уми январи соли 2022-ум 36 фоизӣ аҳолии мамлакатро ташкил мекунад, ки ин нишондиҳанда ба 3530 ҳазор нафар баробар мебошад. Дар муддати 31 соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии шаҳри Душанбе - 1,4 баробар, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 1,7 баробар, вилояти Суғд - 1,6 баробар, вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон - 1,3 баробар ва вилояти Хатлон бошад ба андозаи 1,8 баробар зиёд шудааст. Аз лиҳози истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатӣ, саҳми вилоят назаррас буда, соли 2022 вилоят дар ҳаҷми  20694,5 млн. сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намудааст, ки ба 50,2 фоизи ҳаҷми истеҳсоли ҷумҳурӣ ва дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад баробар ба 10332970,5  ҳаз. сомонӣ, ки ба 26,6 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар баробар мебошад.

**Ҷадвалӣ 2.9.- Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии минтақаи агросаноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | ба 1.01.2022 с. | | | | | | | | | ҳаз. сомонӣ | ҳаз. сомонӣ | ҳаз.нафар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳудуд, ҳазор км$^2$ | Аҳолии доимӣ, ҳазор нафар | Теъдоди аҳолӣ дар 1 км$^2$ | Шаҳрҳо | Ноҳияҳо | Шаҳракҳо | Ҷамоатҳои деҳот | Муассисаҳои Таҳсилоти умумӣ | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ | Аҳолии машғули кор дар соҳаҳои иктисод |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **141,4** | **9886,8** | **69,9** | **18** | **47** | **65** | **368** | **3940** | **78** | **41** | **39769400** | **38829000** | **1237,6** |
| **Вилояти Хатлон** | **24,7** | **3530,0** | **142,9** | **4** | **21** | **23** | **132** | **1358** | **27** | **6** | 20694523 | 10332970,5 | 486,8 |
| ш.Бохтар | 0,1 | 126,7 | 1267,0 | 1 | - | - | - | 22 | 7 | 1 | 118913 | 273861,4 | 17,8 |
| н.Қӯшониён | 0,6 | 260,5 | 434,2 | - | 1 | 3 | 5 | 60 | - | 1 | 1547622 | 353409,6 | 35,1 |
| н.Вахш | 1,0 | 213,0 | 213,0 | - | 1 | 2 | 5 | 66 | 1 | - | 1195561 | 225494,1 | 24,8 |
| н.Хуросон | 0,9 | 126,3 | 140,3 | - | 1 | 1 | 5 | 62 | - | - | 682471 | 211419,3 | 11,1 |
| н.Дӯстӣ | 1,2 | 122,0 | 100 | - | 1 | 1 | 5 | 49 | - | - | 1043065 | 236009,2 | 19,6 |
| н.Кубодиён | 1,8 | 195,1 | 108,4 | - | 1 | 1 | 7 | 61 | 1 | - | 1127400 | 144567,9 | 23,6 |
| н.Ҷ.Балхӣ | 0,9 | 210,5 | 233,9 | - | 1 | 2 | 6 | 72 | 1 | - | 1205985 | 211555,3 | 28,7 |
| н.А.Ҷомӣ | 0,6 | 183,9 | 306,5 | - | 1 | 1 | 7 | 64 | - | - | 908117 | 188748,7 | 22,3 |
| н.Ҷайҳун | 1,0 | 145,6 | 145,6 | - | 1 | 1 | 5 | 45 | 1 | - | 1946039 | 123942,2 | 22 |
| н.Панҷ | 0,9 | 124,1 | 137,0 | - | 1 | 1 | 5 | 52 | 1 | - | 895111 | 121312,7 | 22,2 |
| н.Шаҳритуз | 1,5 | 135,7 | 90,7 | - | 1 | 1 | 5 | 54 | | - | 995766 | 282225,5 | 20,5 |
| н.Ёвон | 0,9 | 248,1 | 275,6 | - | 1 | 2 | 7 | 84 | 2 | - | 1306102 | 1676902 | 31,2 |
| н.Н.Хусрав | 0,8 | 45,1 | 56,4 | - | 1 | - | 3 | 26 | - | - | 537660 | 19761,9 | 7,7 |
| ш.Левакант | 0,1 | 49,449,1 | 497,0 | 1 | - | - | 2 | 16 | 1 | - | 158626 | 291105,2 | 6,5 |
| ш. Кӯлоб | 0,3 | 222,2 | 740,7 | 1 | - | - | 4 | 58 | 7 | 2 | 663545 | 319004,6 | 21,3 |
| н.Мӯъминобод | 0,9 | 99,3 | 110,3 | - | 1 | 1 | 6 | 59 | - | - | 644690 | 34545,7 | 11,9 |
| н.Восеъ | 0,8 | 228,2 | 285,3 | - | 1 | 1 | 7 | 73 | - | - | 1135294 | 130014,9 | 32 |
| н.М.С.А.Ҳамадонӣ | 0,5 | 154,3 | 308,6 | - | 1 | 1 | 7 | 50 | 1 | - | 861953 | 162751,9 | 17,5 |
| н.Фархор | 1,2 | 179,3 | 149,4 | - | 1 | 1 | 9 | 70 | - | - | 1098462 | 213884,2 | 51,9 |
| н.Темурмалик | 1,0 | 75,3 | 75,3 | - | 1 | 1 | 6 | 46 | - | 2 | 371877 | 19781,6 | 8,5 |
| н.Данғара | 2,0 | 171,9 | 86,0 | - | 1 | 1 | 8 | 80 | 4 | - | 1428664 | 2190537 | 19,6 |
| н.Ховалинг | 1,7 | 58,3 | 34,3 | - | 1 | 1 | 4 | 49 | - | - | 184218 | 321218,5 | 6,6 |
| н.Ш.Шоҳин | 2,3 | 57,7 | 25,1 | - | 1 | - | 7 | 61 | - | - | 300614 | 74248,3 | 12,8 |
| н.Балҷувон | 1,3 | 32,7 | 25,2 | - | 1 | - | 5 | 48 | - | - | 242040 | 20222,6 | 3,7 |
| ш.Норак | 0,4 | 64,9 | 162,3 | 1 | - | - | 2 | 31 | - | - | 94730 | 2519195,9 | 7,9 |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.15, 45, 58, 62, 108, 114.; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2022.- С.14, 17, 25, 69, 78, 85, 123.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон бармеояд, ки шароити табиию иқлимии минтақа ва иқтидорӣ худтаъминкунии корхонаҳо бо ашёи хоми кишоварзӣ мувофиқ буда, имкон медиҳад, ки дар оянда ҳамчун соҳаи пешбаранда, рушди устувори минтақаро таъмин намояд. Вале расидан ба ин мақсад гузаштани якчанд марҳиларо талаб меномояд. Чунки барои тезондани раванди индустрикунонии хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон, корхона ва таъминкунандагони ашёи хоми кишоварзиро, ки маҳсулоти аълосифат истеҳсол менамоянд дастгирӣ ва ҳавасманд гардонидан зарур аст. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ шартҳои сахттаре дорад, ба монанди ташкили миқёси муайяни истеҳсолот, иқтидори иқтисодӣ, афзалиятҳои технологӣ, қобилияти таъмини захираҳои молиявӣ ва ташкили интегратсия байни соҳаи кишоварзию саноатро талаб менамояд. Барои тадбиқи ин раванд дар миқёси вилояти Хатлон зарурати ҳалли чунин масъалаҳоро ба миён меорад: а) ба вуҷуд овардани муҳити инноватсионии маркази илмию таълимӣ ва истеҳсолӣ барои такмили малакаи кормандани соҳа дар истифадаи технологияҳои замони муосир ва омӯзиши таҷрибаи пурсамари мамлакатҳои дар ин самт пешрафта ва дар амал тадбиқ намудани он дар миқёси минтақа; б) васеъ намудани доираи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини пайдарпайи ашёи хоми корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; в) истифодаи роҳҳои самараноки идоракунии амалиёти корхонаҳо, оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; г) ташаккули технологияҳои инноватсионии истеҳсолот ва воситаҳои техникии минтақа дар соҳаи чорводорию растанипарварӣ; ғ) ташкили фондҳои пулии мақсадноки махсус аз ҳисоби барзиёдии буҷети вилояти Хатлон ва таъсиси марказҳои махсуси қарздиҳии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои бартараф кардани мушкилоти молиявии онҳо.

**Хулосаи зербоби 2.1.**

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили вазъи кунунии соҳаи кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон чунин натиҷагирӣ карда шуд;

1) Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои бузурги агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки он 36,6 %- и масоҳати ҷумҳурӣ, 48 % заминҳои аҳамияти кишоварзидошта ва 49 % заминҳои шудгори мамлакатро ташкил медиҳад.
2) Дар минтақаи агросаноатии Хатлон 52% ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Аз ҷумла 65,1 % ғалладона, 69,4 % пахта, 20,5 % картошка, 59,5 % сабзавот, 78,8 % полезӣ, 21 % меваҷот, 40,5 %-и ангури ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад.
3) Шумораи корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон 640 ададро ташкил медиҳад, ки ба 26,7 % корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ баробар мебошад. Дар навбати худ 36,4 % корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, 24,5 % саноати коркард, 39,2 % истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ, ва гармии ҷумҳурӣ дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд.
4) Муайян гардид, ки аз 1927 адад корхонаҳое, ки дар саноати коркарди ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, 473 ададаш ба вилояти Хатлон тааллуқ дошта, аз ин 110 адад ва ё 21,3 % корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва 385 адад ва ё 58,6 % корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон рост меояд.
5) Ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати коркарди минтақаи Хатлон ба 5430657,4 ҳазор сомонӣ баробар буда, 24,3 % истеҳсоли сатҳи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

## 2.2. Баҳодиҳӣ ва тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон

Яке аз минтақае, ки дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад, минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсияи мо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Минтақаи Кӯлоб дар шумораи яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ қарор дошта, ҳамон тавре, ки ҳафриёти Бостоншиносӣ собит сохтанд, ҳанӯз дар асри неолит (8-7 ҳазор сол то м.) аҷдоди тоҷикон ин куҳандиёрро макони зисти худ ихтиёр карда буданд. Тадқиқотҳои бостоншиносӣ аз он далолат менамоянд, ки 3500 сол

пеш дар Кӯлоб мардумони кишоварз ва чорводор мезистанд. Ҳунармандӣ ривоҷу рушд дошта, кулолгарон дар чархҳои кулолӣ зарфҳо месохтаанд. [72]

Дар баробари ин бофандагӣ низ яке аз касбҳои муҳим ба шумор мерафт ва дар ин касб занҳо низ бисёр ширкат доштанд. Занҳо дар хона пахтаро ҳаллоҷӣ мекарданд, мересиданд ва дар дастгоҳҳои бофандагӣ карбос мебофтанд, ки он ҳам барои эҳтиёҷи рӯзгор ва ҳам барои фурӯш истифода мешуд. Аз калобаи кӯлобӣ мардуми дарвоз низ карбос мебофтанд. Суфи кӯлобӣ ва ҷомаҳои карбосии кӯлобӣ хеле хушсифат буданд ва дар Бухоро ҳам истифода мешуданд. Аз ашёи хоми маҳаллӣ барои қанору хурҷин карбос мебофтанд, моҳуту намад, шолу ҷӯроб тайёр мекарданд. Ҳамаи ин корро, асосан занҳо анҷом медоданд. Қолину гилемҳои хушсифати қиматбаҳо бо супориши бойҳо дар ҳавлии онҳо тайёр карда мешуданд.[73]

Дар Мӯъминобод ҳам чармгарону мӯзадӯзон лаҷомсозон бисёр буданд. Шоҳибофию пиллакашӣ ҳам дар ин ҷо хеле рушд дошт. Деҳқонони Кӯлоб ҳам кирмакдорӣ карда, пиллаи худро дар бозорҳо мефурӯхтанд. Дар шаҳр аз он пиллаҳо ришта кашида ва онро ранг дода, боз ба бозорҳои Кӯлоб бурда мефурӯхтанд.

Дар охири асри XIX Кӯлоб маркази муҳими касбу тиҷорат шуд. Дар бисёр дӯконҳо аз ашёи зироат маҳсулот тайёр мекарданд. Равғани кунҷид ва зағири Кӯлоб эҳтиёҷи ноҳияро таъмин мекард. Ордкашӣ ҳам хеле ривоҷ ёфта буд.[74]

Саҳифаҳои таърих гувоҳи онанд, ки минтақаи Кӯлоб аз қадим маркази косибӣ, ҳунармандӣ ва кишоварзию тиҷорат буда, далели заҳматкашу меҳнатдӯст будани мардуми ин кӯҳандиёр мебошанд. Аз ин лиҳоз, гуфтан ба маврид аст, ки дар ояндаи наздик ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ин минтақа аз манфиат холӣ нест.

Дар шароити имрӯза минтақаи агросаноатии Кӯлоб яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ дар

[72] Манбаи электронӣ. http://kulob.tj /tj/ta-rini-shahr/ (санаи муроҷиат: 27.02.2022 с.)
[73] Бобоҷон Ғафуроф. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- С.737 (976 с.)
[74] Бобоҷон Ғафуроф. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- С.738 (976 с.)

сари Роҳи бузурги Абрешим мавқеи азими стратегиро соҳиб аст. Роҳ ба сӯи Бадахшон ва Кулмаю Қароқурум маҳз аз ин минтақа мегузарад. Шаҳру ноҳияҳои тобеъи он тавасути роҳҳои ҳавоӣ, оҳан ва мошингард бо калонтарин шаҳрҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва мамолики ҷаҳон робитаи мунтазам дорад. Минтақа аз 2 шаҳр, 9 ноҳия, 7 шаҳрак ва 65 ҷамоати деҳот иборат буда, ба он 8,7 фоизи ҳудуд ва 13,5 фоизи аҳолӣ мамлакат рост меояд.[75] Дар соли 2022 шумораи аҳолии он 1344,1 ҳазор нафарро ташкил дода, аҳолии машғули кори минтақа 193,7 ҳазор нафар мебошад.[76]

Дар минтақаи Кӯлоб 625 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо, 4 муассисаҳои олии касбӣ фаъолият мекунад.[77] Шумораи хонаҳои фарҳангӣ 51 адад, клубҳо 91 адад ва муассисаҳои фарҳангӣ 144 ададро ташкил медиҳанд.[78] Ғайр аз ин, 498 адад муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ амал мекунанд. Шумораи катҳои бистарӣ 4674 адад мебошад. Ба аҳолии вилоят дар ҳамаи соҳаҳои тандурустӣ 1756 нафар табибони маълумотнок ва 10048 нафар кормандони миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд.[79]

Айни замон Кӯлоб яке аз минтақаи агросаноатии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, корхонаҳои саноатии он маҳсулотҳои ширӣ, нонӣ, гӯштӣ ва қаннодӣ истеҳсол мекунанд. Инчунин, саноати сабук рӯ ба тараққӣ ниҳода, корхонаҳои пахтатозакунии хурду калон фаъолият дошта, ҳамчунин, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, аз қабили истеҳсоли хишт, сангу шағал мавҷуд буда, маҳсулоти онҳо дар баробари таъмини эҳтиёҷоти худ ба дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ фиристода мешавад. Дар минтақа ташкилотҳои таъмирию баистифодадиҳии роҳҳо ва муассисаҳои нақлиётӣ мавҷуд мебошанд.

---

[75] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ,- 2022. - С.32-33.
[76] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ,- 2022. - С.15-16.
[77] Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.45-49.
[78] Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.73-74.
[79] Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.33-39.

Ба минтақаи Кӯлоб 21,4 фоизи майдони заминҳои кишти ҷумҳурӣ рост меояд, ки он 28 фоизи ғалла, 16,8 пахта, 7,7 картошка, 15,5 сабзавот 23,8 полезиҳо, 22,1 меваҷот, 15,6 ангур, 25,6 гӯшт, 17,8 шир, 3,9 тухм, 31,1 пашм, 16,2 асал, ва 3,4 фоизи пиллаи ҷумҳуриро истеҳсол менамояд. Соҳаҳои хеле тараққикардаи минтақа саноати пахта, винокашӣ, гӯшту шир мебошад, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ он баробар ба 15,4 ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бошад ба 17,6 фоизи сатҳи ҷумҳурӣ баробар мебошад.[80]

Хоҷагии халқи минтақаи Кӯлоб, хусусан дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ бо суръати баланд афзуд. Минтақа аз замонҳои қадим маҳалли чорводорию ғаллакорӣ маҳсуб меёфт. Алҳол дар ин ҷо заминҳои пахта 42500 га буда, парвариши сабзавоту полезӣ ва мевагиҳо хеле зиёданд, (Ҷадвали 2.10.).

**Ҷадвали 2.10.-Майдони заминҳои кишти зироатҳо дар ҳама шаклҳои хоҷагидории минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (бо гектар)**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Минтақаи Кӯлоб ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **182228** | **180161** | **182640** | **183451** | **184509** | **+ 1,2** |
| ш.Кӯлоб | 10474 | 10404 | 10409 | 10513 | 10636 | + 1,5 |
| н.Мӯъминобод | 14703 | 14133 | 14978 | 15176 | 15176 | + 3,2 |
| н.Восеъ | 27983 | 26859 | 27744 | 27864 | 28035 | + 0,1 |
| н.М.С.А.Ҳамадонӣ | 17498 | 17417 | 17424 | 17456 | 17536 | + 0,2 |
| н.Фархор | 28002 | 27756 | 27879 | 27961 | 28210 | + 0,7 |
| н.Темурмалик | 15557 | 15755 | 15905 | 15987 | 16038 | + 3,0 |
| н.Данғара | 40314 | 40360 | 40691 | 40697 | 40699 | + 0,9 |
| н.Ховалинг | 8306 | 8106 | 8161 | 8161 | 8161 | - 1,7 |
| н.Ш.Шоҳин | 12799 | 12777 | 12879 | 12923 | 13262 | + 3,6 |
| н.Балҷувон | 5546 | 5548 | 5507 | 5615 | 5615 | + 1,2 |
| ш.Норак | 1046 | 1046 | 1063 | 1098 | 1141 | + 9,0 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ,- 2022.- С. 148-149 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки майдони заминҳои кишти зироатҳои минтақаи Кӯлоб дар як қатор шаҳру ноҳияҳо коҳиш ёфта, дар қисми дигараш бошад васеъ гардидааст. Давоми солҳои таҳқиқшаванда майдони заминҳои кишти зироатҳо дар ш. Кӯлоб 1,5 %, н. Восеъ 0,1 %, н. М.С.А. Ҳамадонӣ 0,2 %,

---

[80] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ,- 2022. - С.149-163.

н. Темурмалик 3 %, н. Муъминобад 3,2 %, н. Фархор 0,7 %, н. Данғара 0,9 %, н. Ш.Шоҳин 3,6 %, н.Балҷувон 1,2 %, ш. Норак 9 % васеъ гардида, танҳо дар н. Ховалинг ба андозаи 1,7 % кам гардидааст, ки дар маҷмӯъ майдони заминҳои кишти зироатҳо дар ҳама шаклҳои хоҷагидории минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2021, 184509 гектар буда нисбати соли 2017, ки 182228 гектарро ташкил медод, 1,2 фоиз васеъ гардидааст.

Мутахассисони соҳа сабабҳои асосии коҳишёбии майдони киштро дар баъзе шаҳру ноҳияҳо дар гузаронидани заминҳо аз як категория ба категорияи дигар (махсусан ба дарахтони бисёрсола) ва бад гардидани ҳолатҳои мелиоративии заминҳо арзёбӣ менамоянд. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб ёфта, рушди устувори он ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии он замина мегузорад. Дар доираи Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 барои гузаронидани соҳилмустаҳкамкунӣ бо дарозии 135,6 км пешбинӣ гардид. Иҷро намудани чорабиниҳо оиди беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо имконият фароҳам овард, ки майдони заминҳои кишоварзӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳо васеъ гардад. Дар давоми солҳои охир тамоюли афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба мушоҳида расида, соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб дар қиёс ба соли 2017 ба миқдори 1982310 ҳазор сомонӣ ё 39,3 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ш. Кӯлоб 42,3%, н. Мӯъминобад 23,7%, н. Восеъ 52,8%, н. М.С.А. Ҳамадонӣ 51,9%, н. Фархор 40,7%, н. Темурмалик 28,1%, н. Данғара 41,2%, н. Ховалинг 17,5%, н. Ш.Шоҳин 19,3%, н.Балҷувон 25,3% ва ш. Норак 51,5 фоиз зиёд гардидааст. Нишондиҳандаҳои зикргардида афзоиши бо суръати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро инъикос менамоянд.

**Ҷадвали 2.11. - Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон (ҳазор сомонӣ)**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Минтақаи Кӯлоб ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **5043777 (100%)** | **5405857 (100%)** | **5979218 (100%)** | **6745340 (100%)** | **7026087 (100%)** | **1982310 (+39,3%)** |

*Идомаи ҷадвали 2.11.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ш.Кӯлоб | 466182 (9,2%) | 475816 (8,8%) | 533624 (8,9%) | 647059 (9,5%) | 663545 (9,4%) | 197363 (+42,3%) |
| н.Мӯъминобод | 520967 (10,3%) | 530913 (9,8%) | 568394 (9,5%) | 616725 (9,1%) | 644690 (9,1%) | 123723 (+23,7%) |
| н.Восеъ | 742556 (14,7%) | 839353 (15,5%) | 945269 (15,8%) | 1078706 (15,9%) | 1135294 (16,1%) | 392738 (+52,8%) |
| н.М.С.А.Ҳамадонӣ | 567327 (11,2%) | 608795 (11,2%) | 718143 (12,0%) | 809976 (12,0%) | 861953 (12,2%) | 294626 (+51,9%) |
| н.Фархор | 780681 (15,4%) | 862269 (15,9%) | 954113 (15,9%) | 1098426 (16,2%) | 1098462 (15,6%) | 317781 (+40,7%) |
| н.Темурмалик | 290092 (5,7%) | 299548 (5,5%) | 330339 (5,5%) | 360118 (5,3%) | 371877 (5,2%) | 81785 (+28,1%) |
| н.Данғара | 1011794 (20,0%) | 1106857 (20,4%) | 1196268 (20,0%) | 139991 (20,0%) | 1428640 (20,3%) | 416846 (+41,2%) |
| н.Ховалинг | 156765 (3,1%) | 159036 (2,9%) | 173189 (2,8%) | 179038 (2,6%) | 184218 (2,6%) | 27453 (+17,5%) |
| н.Ш.Шоҳин | 251867 (4,9%) | 257909 (4,7%) | 270302 (4,5%) | 288900 (4,2%) | 300614 (4,2%) | 48747 (+19,3%) |
| н.Балҷувон | 193040 (3,8%) | 200119 (3,7%) | 211641 (3,5%) | 228593 (3,3%) | 242040 (3,4%) | 49000 (+25,3%) |
| ш.Норак | 62506 (1,2%) | 65242 (1,2%) | 77936 (1,3%) | 87808 (1,3%) | 94730 (1,3%) | 32224 (+51,5%) |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.114 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз ин лиҳоз, гуфтан ба маврид аст, ки минтақаи Кӯлоб имконияти таъмини аҳолии худро бо маводи озуқаворӣи хушсифат дошта, танҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ зарур мегардад, ки маҳсулоти аз талабот зиёд истеҳсолкардаи минтақа ба коркарди саноатӣ фаро гирифта шавад. Ба ин восита минтақа метавонад, маҳсулоти содиротиро тавлид намояд ва талаботи дигар минтақаҳоро низ қонеъ гардонад.

Дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҳамчун соҳаҳои асосӣ ва пешбарандаи кишоварзӣ маҳсуб меёбанд. Айни замон, маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ асосан истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ, сабзавот, картошка, полезӣ, мева, ангур ва пахта мебошанд, ки афзоиши онро дар ҷадвали 2.12. мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.12.-Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (бо тонна)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона (бо ҷуворимакка) | 430446 | 407279 | 405537 | 438560 | 440163 | + 2,2 |
| Пахта | 67286 | 44510 | 65388 | 69043 | 64373 | - 4,3 |
| Картошка | 64042 | 83341 | 83912 | 79408 | 77491 | + 21,2 |

*Идомаи ҷадвали 2.12.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сабзавот | 265905 | 309328 | 330370 | 386610 | 392805 | + 47,7 |
| Полезиҳо | 136398 | 140443 | 164832 | 180564 | 190308 | + 39,5 |
| Меваҷот | 87207 | 96087 | 102771 | 103746 | 104837 | + 20,2 |
| Ангур | 34913 | 36652 | 37293 | 37363 | 37554 | + 7,5 |
| Хӯроки чорво | 312712 | 323142 | 372804 | 384720 | 393718 | + 25,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.-С.127- 134.

Давоми солҳои таҳқиқшаванда мушоҳида мегардад, ки истеҳсолот дар соҳаи расанипарварии минтақаи Кӯлоб рӯ ба афзоиш дошта, истеҳсоли ғалладона ба миқдорӣ 9717 тонна ё 2,2 %, картошка 13449 тонна ё 21,2 %, сабзавот 126900 тонна ё 47,7 %, полезиҳо 53910 тонна ё 39,5%, меваҷот 17630 тонна ё 20,2 %, ангур 2641 тонна ё 7,5 % афзоиш ёфта, истеҳсоли пахта бошад ба миқдори 2913 тонна ё 4,3 %, коҳиш ёфтааст, ки ҳаҷми он баробар ба 95,6 фоизи соли 2017 мебошад. Рақамҳои мазкур гувоҳи онанд, ки иқлими минтақа барои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ мувофиқ буда, имконияти бозҳам рушд додани истеҳсолот дар ин самт мавҷуд аст. Вобаста ба шароити табиию иқлимӣ, минтақа имконияти кишти такрорӣ яъне гирифтани ду - се ҳосилро дар як сол дорад, ки ба ин восита мушкилоти камчинии ашёи хом аз байн меравад.

Дар соҳаи чорводории минтақа бошад, тайи солҳои охир бахри зиёд намудани саршумори чорвою паранда диққати махсус зоҳир мегардад, ки барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа ва баланд бардоштани маҳсулнокии он корҳои назаррас бо анҷом расонида шудааст. Ин аст, ки пайваста афзоиши нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳаи мазкур ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми таҳлили соҳаи чорводорӣ маълум гардид, ки афзоиши саршумори чорвою паранда дар минтақаи Кӯлоб нисбати солҳои қаблӣ рӯ ба афзоиш дошта, саршумори чорвои калони шохдор ба миқдори 16,4 %, модагов 6,1 %, гӯсфанду буз 10,1 %, асп 4,3 % ва саршумори паранда бошад, ба миқдори 35,5 % зиёд гардидааст. Тамоюли афзоиши соҳаи чорводории минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.13. оварда шудааст, ки мо онро мушоҳида карда метавонем.

**Ҷадвали 2.13.- Саршумори чорво ва паранда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (сар)**

| Номгӯй | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор, | 362853 | 393673 | 401250 | 408458 | 421080 | + 16,4 |
| аз ҷумла модагов | 197568 | 200333 | 202258 | 204424 | 209541 | + 6,1 |
| Гӯсфанду буз | 1115843 | 1138422 | 1150728 | 1187327 | 1229502 | + 10,1 |
| Асп | 27047 | 27377 | 27507 | 27925 | 28234 | + 4,3 |
| Паранда | 644971 | 667517 | 749345 | 842703 | 874419 | + 35,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С. 142 - 147 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Дар рафти омӯзиш ва таҳлили соҳаи мазкур маълум гардид, ки нақши асосиро дар рушди соҳа, таҳияи “Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, ки 30 декабри соли 2015 таҳти № 792 таҳия гардидааст, мебозад. Барнома ба мақсади нигоҳ доштани сифатҳои ирсии зотҳои парваришёбандаи чорво, зиёд намудани чорвои зотӣ, такмил додани хусусиятҳои ирсию маҳсулнокӣ ва ба ин васила таъмин намудани хоҷагиҳои давлатӣ, ҷамоавӣ, кооперативӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ бо асбобу анҷоми бордоркунии сунъӣ таҳия гардидааст. Дар асоси таҳия ва иҷроиши барномаи мазкур дар минтақаи Кӯлоб корҳои назаррас анҷом дода шуд, ки рушди соҳаро таъмин намуд. Дар баробари ин, тайи солҳои охир афзоиши истеҳсолот аз рӯи ҳамаи намудҳои маҳсулоти соҳаи чорводорӣ (ба истиснои пилла) ба мушоҳида мерасад. Тамоюли афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дар ҷадвали 2.14. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.14.-Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории минтақаи Кӯлоб (бо тонна)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | 63216 | 66990 | 69637 | 77096 | 82862 | + 31,0 |
| Шир | 165650 | 172356 | 177089 | 181799 | 187060 | + 12,9 |
| Тухм (ҳазор дона) | 1133 | 1710 | 7872 | 14185 | 20050 | + 17,6 мар. |
| Пашм | 2278 | 2324 | 2443 | 2501 | 2569 | + 12,7 |
| Асал | 628,9 | 642 | 648 | 688 | 756 | + 20,2 |
| Пилла | 74,2 | 49,3 | 23,6 | 13,4 | 17,2 | - 76,8 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. -С.142 - 152 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳисоби зиёд намудани саршумори чорвою паранда дар соли 2021 маҳсулоти соҳаи чорводорӣ зиёд гардида, истеҳсоли гӯшт ба миқдори 31 %, шир 12,9 %, тухм 17,6 маротиба, пашм 12,7%

ва истеҳсоли асал 20,2 % нисбат ба соли 2017 афзоиш ёфтааст. Аммо истеҳсолот дар самти пиллапарварӣ бошад 23,1 % - ро ташкил медиҳад, ки 76,8 % коҳиш ёфтааст. Мутахассисон сабаби асосии коҳиш ёфтани пилларо дар набудани харидор мебинанд. Аз ин бар меояд, ки дар истеҳсоли пилла низ, минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон имконияти зиёд намудани исеҳсолотро дошта мушкилоти асосӣ танҳо коркарди саноатии он мебошад, ки дар натиҷаи истеҳсол намудани он дар шакли маҳсулоти тайёр харидори худро пайдо хоҳад кард. Дар рафти таҳлил ва омӯзиши вазъи кунунии истеҳсолот дар самти истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб хулоса баровардан мумкин аст, ки захираҳои ашёи хоми соҳаи кишоварзии минтақа истеҳсолкарда, имконияти ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориҳои саноатиро фароҳам оварда, инфрасохтори минтақаро тағйир дода метавонад.

Дар самти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ минтақа ба андозае рушд кардааст, аммо вобата ба афзоиши талабот нисбати маҳсулоти соҳа он кифоякунанда нест. Рушди ҳамаҷонибаи бахшҳои асосии соҳаи саноат метавонад дар пешрафти иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб ва кишвар нақши муассир дошта, барои гузаштан аз сиёсати аграрию саноатӣ ба индустриалию аграрӣ заминаи устувор гузорад. Дар соли 2021 ҳиссаи соҳаи саноати минтақаи Кӯлоб дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 15,4 фоизро ташкил дода, пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии он яке аз афзалиятҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноатии минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон давоми солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.15. оварда шудааст. Аз таҳлили ҷадвали 2.15. бармеояд, ки соҳаи саноати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти тайёри саноатӣ рӯ ба коҳишёбӣ дошта бошад ҳам, дар истеҳсоли қисми зиёди маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ пешрафта маҳсуб меёбад. Тибқи маълумотҳои зикршуда, муайян кардан мумкин аст, ки соҳаҳое, ки дар онҳо коҳишёбӣ ба назар мерасад аз қабили истеҳсоли нахи пахта дар шаҳри Кӯлоб баробар 34 % ва истеҳсоли орд бошад 84,9 %-и соли 2017 мебошад.

**Ҷадвали 2.15.-Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шаҳри Кӯлоб** | | | | | | |
| Нахи пахта, тонна | 1482,2 | 669 | 1116,5 | 831,3 | 504,6 | - 65,9 |
| Хишти сохтмонӣ, млн.дона | 3,3 | 4,7 | 3,9 | 5,1 | 4,2 | + 27,2 |
| Гӯшт навъи I- ум, тонна | 1362,4 | 1777,2 | 1746 | 1765,2 | 1875,2 | + 37,6 |
| Ҳасиб, тонна | 86,4 | 68,8 | 85,7 | 84,2 | 115,5 | + 33,6 |
| Маҳсулоти ширӣ тонна | 220,2 | 330,3 | 439,1 | 690,2 | 687,1 | + 3,1 мар-ба. |
| Равғани растанӣ, ҳаз. тонна | 0,6 | 0.6 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | + 16,6 |
| Орд, ҳазор тонна | 21,3 | 19 | 23,3 | 15,7 | 18,1 | - 15,0 |
| Маҳсулоти нонӣ, ҳаз.тонна | 5,7 | 5,8 | 6,9 | 7,3 | 7,6 | + 33,3 |
| **Ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ** | | | | | | |
| Нахи пахта, тонна | 1078,8 | 706,4 | 994,7 | 2760,3 | 3378 | + 2,1 мар |
| **Ноҳияи Фархор** | | | | | | |
| Нахи пахта, тонна | 3018,1 | 3860,4 | 2527,5 | 4297,2 | 3561,2 | + 17,9 |
| **Ноҳияи Балҷувон** | | | | | | |
| Истеҳсоли нафт, тонна | 1349,7 | 1578,0 | 1945 | 1857 | 2070,9 | +53,4 |
| Истеҳсоли газ, млн $м^3$ | 0,1 | - | - | - | - | - |
| **Ноҳияи Данғара** | | | | | | |
| Нахи пахта, тонна | 7441,3 | 3899,2 | 7139,5 | 5278,7 | 6704,5 | - 9,9 |
| **Ноҳияи Восеъ** | | | | | | |
| Нахи пахта, тонна | 979,4 | 626,8 | 723,9 | 888,9 | 516,8 | - 47,2 |
| Намак, тонна | 13616 | 12898 | 11670 | 11676 | 11999 | - 11,8 |
| **Шаҳри Норак** | | | | | | |
| Истеҳсоли қувваи барқ, лн.квт.с. | 12369,7 | 12991,2 | 13242,1 | 11894,1 | 12436,2 | + 0,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.- С.111-112 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Истеҳсоли маҳсулотҳое, ки дар давраи таҳқиқшаванда афзоиш ёфтаанд аз қабили хишти сохтмонӣ 27,2 %, гӯшти навъи якум 37,6 %, маҳсулоти ширӣ 3,1 маротиба, равғани растанӣ 16,6 %, истеҳсоли нон ва маҳсулоти нонӣ 33,3 % афзоиш ёфтаанд. Дар ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, ки танҳо нахи пахта истеҳсол карда мешавад, афзоиши он ба 2,1 маротиба баробар мебошад, ки ин аз бо суръат афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти соҳа дарак медиҳад. Ғайр аз ин, истеҳсоли нахи пахта дар н. Фархор ба миқдори 17,9 % афзоиш ёфта, дар н. Данғара 90 % ва дар н. Восеъ бошад, баробар ба 52,7 % - и соли 2017 ё ба миқдори 11,8 % пахта камтар истеҳсол гардидааст. Танҳо ноҳияи Балҷувон ҳамчун истеҳсолкунандаи нафт баромад мекунад, ки афзоиши он ба 53,4 % баробар мебошад. Истеҳсоли қувваи барқ дар ш. Норак, ки ҳамчун қисми таркибии

минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб меравад, дар соли 2021 афзоиши он 0,5 %-ро нисбати соли 2017 ташкил медиҳад.

Дар таркиби соҳаи саноати минтақа корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷойи намоён дошта, аҳолиро бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ таъмин менамояд, ки вазъи кунунии онҳо давоми солҳои таҳқиқшаванда дар ҷадвали 2.16. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.16.-Шумораи корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | Вилояти Хатлон | | Минтақаи Кӯлоб | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 |
| Шумораи корхонаҳо (адад) | 1069 | 1178 | 374 | 388 | 108 | 113 |
| Шумораи коргарон (нафар) | 32600 | 33900 | 8264 | 8794 | 2415 | 2561 |
| Ҳаҷми коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (ҳаз. сомонӣ) | 11776000 | 13520000 | 2651531,4 | 3792717 | 1032261,7 | 1788775,2 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ.- Душанбе, 2022. -С.19-21.; Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмӯаи оморӣ.-ш. Бохтар, 2022.-С.95.; Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави ҶТ, соли 2021.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми асосии соҳаи саноати коркарди минтақаи Кӯлобро саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташкил дода, корхонаҳо бештар дар самти мазкур махсусгардонидашудаанд. Шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ соли 2017 1069 ададро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 1178 адад расида ё 109 адад зиёд гардидааст. Ҳамчунин, ин ҳолат дар вилояти Хатлон бо афзоиши 14 адад ва дар минтақаи Кӯлоб бо афзоиши 5 адад, яъне аз 108 адад ба 113 адад расидааст. Истеҳсоли маҳсулоти соҳа дар давраи таҳқиқшаванда рӯ ба афзоиш дошта, ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда дар давраи солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.17. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.17.-Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коркардшуда дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон (тонна)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта | 13999,8 | 9761,8 | 12502,1 | 14056,4 | 14665,1 | + 4,7 |
| Гӯшт навъи I- ум | 1362,4 | 1777,2 | 1746 | 1765,2 | 1875,2 | +37,6 |
| Ҳасиб | 86,4 | 68,8 | 85,7 | 84,2 | 115,5 | + 33,6 |
| Маҳсулоти ширӣ | 220,2 | 330,3 | 439,1 | 690,2 | 687,1 | +3,1 мар. |
| Равғани растанӣ | 600 | 600 | 700 | 700 | 700 | +16,6 |
| Орд | 21300 | 19000 | 24200 | 15700 | 18100 | - 15,0 |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 5700 | 5800 | 6900 | 7300 | 7600 | + 33,3 |
| Намак | 13616 | 12898 | 11670 | 11676 | 11999 | - 11,8 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои. Омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ-Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022.-С.111-112 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлили ҷадвали 2.17. бармеояд, ки истеҳсоли нахи пахта соли 2017 ба 33999,8 тонна баробар буда, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 14665,1 тонна расидааст, ки дар муддати 5 сол ба миқдори 665,3 тонна ё 4,7 % афзоиш ёфтааст. Истеҳоли гӯшт бошад, аз 1362,4 тонна ба 1875,2 тонна расида, афзоиши он ба миқдори 512,8 тонна ё 37,6 % баробар мебошад. Ҳамчунин, истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба миқдори 466,9 тонна ё 3,1 маротиба, равғани растанӣ 100 тонна ё 16,6 %, нон ва маҳсулоти нонӣ 1900 тонна ё 33,3 %, ҳасиб ба миқдорӣ 29,1 тонна ё 33,6 % афзоиш ёфтааст. Аммо истеҳсоли як қисми маҳсулотҳо дар соли 2021 аз қабили орд 3200 тонна ё 15 % ва истеҳсоли намак бошад ба миқдори 1617 тонна ё 11,8 % коҳиш ёфтааст.

Ба хотири баҳодиҳии амиқ ва муайян намудани вазъи воқеии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон фаъолияти ҶСП "Комбинати шири Кӯлоб"- ро мавриди таҳлил қарор додем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 2.19. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.19.-Баҳодиҳии вазъи кунунии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли ҶСП "Комбинати шири Кӯлоб"**

| Нишондиҳандаҳо | Гардиши сармоя | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2021 | Тағйирот 2021/2017 |
| Маҳсулоти умумии корхона (сомонӣ) | 587657,7 | 525466,2 | - 62191,5 |
| Фондҳои асосии истеҳсолии корхона (сомонӣ) | 238032 | 363660 | + 125628 |
| Шумораи миёнасолонаи коргарони корхона (нафар) | 38 | 34 | - 4 |
| Фоидаи балансии корхона(сомонӣ) | 89642,7 | 94756,2 | + 5113,5 |
| Андоз аз фоидаи корхона (сомонӣ) | 11653,5 | 12318,3 | + 664,8 |
| Фоидаи софи корхона (сомонӣ) | 77989,2 | 82437,9 | + 4448,7 |
| Фондмусалаҳии меҳнат (сомонӣ/нафар) | 6264 | 10695,8 | + 4431,8 |
| Боздеҳии фондҳо (сомонӣ) | 2,5 | 1,5 | -1,0 |
| Фондғунҷоиши маҳсулот (сомонӣ) | 0,4 | 0,7 | + 0,3 |
| Дараҷаи фоиданокӣ, % | 15,2 | 18 | + 2,8 б.ф. |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи ҶСП "Комбинати шири Кӯлоб" дар солҳои 2017, 2021 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Аз таҳлили вазъи фаъолияти ҶСП "Комбинати шири Кӯлоб" муайян мегардад, ки ҳаҷми исеҳсоли маҳсулот дар соли 2021, 525466,2 сомонро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда соли 2017 ба 587657,7 сомонӣ баробар буд, дар ин муддат истеҳсоли маҳсулот аз тарафи корхона ба миқдори 62191,5 сомонӣ коҳиш ёфтааст. Шумораи коргарони корхона бошад аз 38 нафар ба 34 нафар расидааст. Гарчанде, ки нишондиҳандаҳои зикргардида сатҳи коҳишёбиро нишон

медиҳанд аммо ба дараҷи фоиданокии корхона таъсири манфӣ нарасонидаанд, ин нишондиҳанда аз 15,2 ба 18 фоиз баробар гардидааст, ки афзоиши он 2,8 банди фоизиро нишон медиҳад. Дар ин муддат фоидаи софи корхона аз 77989,2 сомонии соли 2017 ба 82437,9 сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки афзоиши он 4448,7 сомониро ташкил медиҳад. Андози супоридаи корхона бошад аз 11653,5 сомонӣ ба 12318,3 сомонӣ баробар гардидааст ё ба миқдорӣ 664,8 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар баробари таҳлили вазъи фаъолияти корхонаи дар боло зикргардида бо мақсади таъмини баҳодиҳии амиқ ва самараноки соҳаи мазкур фаъолияти ҶСК "Суғдиён орди ш. Кӯлоб"- ро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додем, ки нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 2.20. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.20.-Таҳлили фаъолияти ҶСК "Суғдиён орди ш. Кӯлоб"**

| Нишондиҳандаҳо | Гардиши сармоя | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2021 | Тағйирот 2021/2017 |
| Маҳсулоти умумии корхона(ҳазор сомонӣ) | 580,7 | 1026,5 | + 445,8 |
| Фондҳои асосии истеҳсолии корхона (ҳазор сомонӣ) | 489,5 | 859,1 | + 369,6 |
| Шумораи миёнасолонаи коргарони корхона (нафар) | 34 | 37 | + 3 |
| Фоидаи балансии корхона(ҳазор сомонӣ) | 91,1 | 167,3 | + 76,1 |
| Андоз аз фоидаи корхона (ҳазор сомонӣ) | 11,8 | 21,7 | + 9,89 |
| Фоидаи софи корхона (ҳазор сомонӣ) | 79,3 | 145,5 | + 66,2 |
| Фондмусалаҳии меҳнат (сомонӣ/нафар) | 14,3 | 23,2 | + 8,82 |
| Боздеҳии фондҳо (сомонӣ) | 1,18 | 1,19 | + 0,008 |
| Фондғунҷоиши маҳсулот ( сомонӣ) | 0,84 | 0,83 | - 0,01 |
| Дараҷаи фоиданокӣ, % | 15,7 | 16,3 | + 0,6 б.ф |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи ҶСК "Суғдиён орди ш. Кӯлоб" дар солҳои 2017, 2021 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Таҳлили фаъолияти корхонаи мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2021, 1026,5 ҳазор сомонро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда соли 2017 ба 580,7 ҳазор сомонӣ баробар буд, дар ин муддат истеҳсоли маҳсулот аз тарафи корхона ба миқдори 445,8 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Шумораи коргарони корхона бошад аз 34 нафар ба 37 нафар расида, дараҷи фоиданокии корхона ба андозаи 0,6 банди фоизи афзоиш ёфта, аз 15,7 фоиз ба 16,3 фоиз баробар гардидааст. Дар ин муддат фоидаи софи корхона аз 79,3 ҳазор сомонии соли 2017 ба 145,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2021 расида, афзоиши он 66,2 сомониро ташкил медиҳад. Андози супоридаи корхона бошад

аз 11,8 ҳазор сомонӣ ба 21,7 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст ё ба микдорӣ 1275,82 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Аз таҳлил ва баҳодиҳии таҷрибаи амалии корхонаҳои дар боло зикргардида, муайян гардид, ки ташкили корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияти босамар буда, натанҳо вазъи иқтисодии минтақаи Кӯлобро, балки сатҳи рушди иқтисодиёти мамлакатро дигаргун месозад. Ба замми ин, таъмини даромади аҳолию буҷети давлатро ташаккул дода, таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолии минтақа ва сатҳи деҳотро ба миён меорад.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ рушди корхонаҳое, ки ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд, аз таъмин будан бо захираҳои молиявии зарурӣ ва дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ вобастагии зич дорад. Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иқтисодию фазои сармоягузорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид, барои соҳибкории истеҳсолӣ, Ҳукумати кишвар масъалаи мазкурро яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодӣ қарор додааст. Бо назардошти аҳамияти муҳими стратегӣ доштани минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, пешрафту тараққиёти иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши сармоягузории бахши хусусӣ ба роҳ монда шуда, он ҳамчун яке аз омилҳои босубот хизмат мекунад.

Бо мақсади рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва такмилдиҳии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 - 2020 таҳия гардида буд, ки нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Кӯлоб, ки ҳамчун қисми таркибии вилоят баромад менамояд, шароити мусоиди фазои сармоягузориҳои дохилию хориҷиро ба миён овард.

Дар натиҷаи он афзоиши шумораи шахсони машғул дар соҳаи мазкур, афзоиши ҳиссаи соҳибкорӣ дар ташаккулдиҳии маҳсулоти минтақавӣ, баланд бардоштани нақши ассотсиатсияҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорӣ дар иқтисодиёти минтақа назаррас гардид. Барои дар амал татбиқ намудани барномаи мазкур санаи 1 декабри соли 2015-ум 22 лоиҳаи давлати сармоягузорӣ мавриди амал

қарор гирифт, ки асосан ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, обёрӣ ва иригатсионӣ, энергетика, нақлиёт ва коммуналӣ равона гардида, маблағи умумии онҳо 435,2 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад.[81]

Ҳамин тариқ, давоми солҳои охир ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, «КАРИТАС»-и Шветсария, бонки Исломии рушд, бонки рушди Осиё, «Хазинаи Оғохон», Бонки умумиҷаҳонӣ, Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ, Агентии ҳамкории байналмилалии Япония ва дигар ташкилотҳо бо Барномаҳои муайян дар марҳилаҳои гуногун фаъолият намуданд.

Аз соли 2007 то ин давра сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 203 адад иншоотҳои дорои аҳамияти давлатӣ ҷараён гирифтанд, аз он ҷумла: таҷдиди шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Данғара – Кӯлоб - Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад. Ҳамчунин соли 2015-ум 56 лоиҳаҳои карзӣ ба МД ФДСҲЧТ пешниҳод гардида буд, ки 5 адад лоиҳаҳои ба маблағи 6135,0 ҳазор сомонӣ дастгири ёфта, аз ин ҳисоб 82 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Вазъи кунунии сармоягузориҳоро бошад дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб дар параграфи 3.3. мавриди арзёбӣ қарор додем.

Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна дар минтақа таъсири манфӣ мерасонад, ин набудани маблағҳои иловагӣ барои соҳибкорӣ ва бизнес, сатҳи баланди фоизи қарзҳо, мӯҳлати кӯтоҳи баргардонидани қарз, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии тиҷорат, бахусус дар байни занҳо мебошад.[82]

Хавфҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳанӯз ҳам бо пуррагӣ ҳаллӣ худро наёфтааст. Дар шароити имрӯза соҳибкорон бо мушкилоти асосии зерин дучор мегарданд:

– дар системаи иҷозатномадиҳӣ ҷой доштани коррупсия ва монеаҳо;

---

[81] Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 – 2020. - ш. Қурғонтеппа, 2015. – С.13.
[82] Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 – 2020.- ш. Қурғонтеппа, 2015. – С.14.

– хусусияти ҷазодиҳандагӣ доштани расмиёти тафтишҳо;

– ноустувории қонунгузории андоз, самарабахш намудани назорати андоз;

– норасоии захираҳои молиявӣ, мукаммал набудани механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, шароитҳои номусоиди қарздиҳӣ, рушди нокифояи механизми лизинг;

– дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо;

– мавҷуд набудани ҳифзи иҷтимоии боэътимод ва амнияти соҳибкорон;

– мушкилоти алоқаманд бо таъмини боэътимоди корхонаи истеҳсолӣ бо нерӯи барқ ва дигар захираҳои нерӯ, бахусус дар фасли зимистон.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳалли масъалаҳои муайяни Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар 2012 - 2020 сол дар минтақа амалӣ гардида, дар доираи он чорабиниҳо ва вазифаҳои зерин мавриди амал қарор гирифтанд:

– дастгирии моддию техникии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳисоби имтиёзнок дастрасӣ намудани таҷҳизот, таъминоти иншооти истеҳсолӣ ва технологӣ;

– ташаккули инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таъсиси мақоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва пурзур намудани ваколатҳои он;

– кам кардани монеаҳои маъмурӣ дар ташкил ва гузаронидани фаъолияти соҳибкорӣ;

– дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ;

– рушди шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкорӣ;

– таъсиси муассисаҳои худидоракунии дастгирии соҳибкорони истеҳсолию тиҷоратӣ, дар шакли ҷамъиятҳои қарзӣ;

– дастгирии соҳибкории инноватсионӣ;

– расонидани кӯмаки иттилоотию машваратӣ ба соҳибкорон;

– омӯзиш ва такмил додани дараҷаи касбии соҳибкорон;

– фароҳам овардани шароит ба соҳибкороне, ки барои ҷойҳои кори нав мусоидат менамояд.

Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи иқтисодию сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон ду минтақаи озоди иқтисодӣ, Минтақаи озоди иқтисодии Данғара ва Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб таъсис дода шудааст.

Ҳадафи асосии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави кори, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтарсозии қобилияти харидорӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа маҳсуб меёбад.

Минтақаи озоди иқтисодии **Данғара** дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" №700 аз 25.03.2011 ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 1545 аз 20 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

Минтақаи озоди иқтисодии Данғара дар ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Данғара ҷойгир шудааст. Намуди МОИ "Данғара" саноатӣ -инноватсионнӣ буда, ба муҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" то 49 сол) дар масоҳати 521,32 гектар ташкил шудааст.[83]

Мақсади асосии таъсиси МОИ "Данғара" ин таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад.

[83] Манбаи электронӣ. URL: https://investkom.tj/tj/moi/76-mintakai-ozodi-iktisodii-dangara.html (санаи муроҷиат: 26.02.2022 с.)

Ҳадафи умумииқтисодӣ - ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ ва техналогияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи нерӯи корӣ, захираҳои табиӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ яке аз шартҳои асосӣ дар интихоби макони мусоид барои оғози тиҷорат ба ҳисоб меравад. Барои корхонаҳое, ки маҳсулоташон ба содирот нигаронида мешавад, МОИ “Данғара” макони мусоид мебошад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии ноҳия барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷии дуру наздик имконияти васеъ эҷод мекунад. Шоҳроҳи байналмилалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии МОИ “Данғара” мегузарад, ки нақши асосиро дар рушди тиҷорат ва лагистикаи молу маҳсулоти истеҳсолкарда мебозад.

Ҳаҷми сармояи мустақим низ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тамоюли афзоишро касб карда, солҳои 2011 - 2015 ба 259 миллион сомонӣ баробар шудааст. Дар робита ба ин, солҳои 2014 - 2015 аз Буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ 10,8 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои зикршуда ба Буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 19,7 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо ворид шудааст. Сохтмони се иншооти бузург - корхонаҳои сементбарорӣ, кафелбарорӣ ва шишабарорӣ дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»-и ноҳияи Данғара мебошанд. МОИ “Данғара” дар ноҳияи Данғари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, дар минтақа, умуман 33 ширкати хориҷию ватанӣ ба қайд гирифта шуда, дар ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ ба Маъмурияти минтақа 14 сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ муроҷиат намуда, аз ин 9 субъект ба қайд гирифта шуд. Инчунин, 6 сармоягузорони хориҷӣ ба Маъмурияти минтақа оиди субъекти минтақа шудан муроҷиат карда, мақсади фаъолият карданро доранд.[84]

[84] Манбаи электронӣ. URL: https://investkom.tj/tj/moi/76-mintakai-ozodi-iktisodii-dangara.html (санаи муроҷиат: 26.02.2022 с.).

Дар МОИ “Данғара” 5 корхона ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул буда, дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 842,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, таъсиси ҷойҳои кории нав ба 585 адад расонида шуд. Дар ин давра сармоягузории субъектҳои минтақа ба 71,1 млн сомонӣ расонида шуда, 67,6 млн сомонии он барои сохтмони асосии иншоотҳо хароҷот гардида, ҷамъи сармоя дар минтақа ба 121,5 млн сомонӣ расид.[85]

Афзалиятҳо барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Данғара:

– ҳама намуди фаъолият дар ҳудуди МОИ “Данғара” аз андоз озод мебошанд;

– имтиёз дар воридот ва содироти молҳо;

– таъмини мутахассисон вобаста ба соҳаи худ;

– беҳтарин мавқеъ ва шароити мусоид дар рушди тиҷорат;

– шартҳои беҳтарин барои равандҳои истеҳсолӣ;

– бақайдгирӣ аз рӯи принсипи “равзанаи ягона”, ки тамоми вазифаҳоро содатар мекунад.

Минтақаи озоди иқтисодии **Кӯлоб** бошад, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №97 дар масоҳати умумии 309,32 гектар замин дар намуди саноатӣ - инноватсионӣ ба муҳлати 25 сол таъсис дода шудааст.

Ҳадафи асосии таъсиси Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтарсозии қобилияти харидорӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа маҳсуб меёбад.

Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб дар Ҷамоати деҳоти Зиракии (деҳаи Сарёзидашти) шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ҷойгир буда, бо ноҳияҳои Восеъ, Мӯъминобод, Ховалинг ва Шамсиддин Шоҳин ҳамсарҳад мебошад. Минтақаи мазкур дар масофаи 14 км ба самти шимол аз маркази шаҳри Кӯлоб дар масофаи

---

[85] Манбаи электронӣ. URL: https://investkom.tj/tj/moi/76-mintakai-ozodi-iktisodii-dangara.html (санаи муроҷиат: 26.02.2022 с.).

1,5 км аз қисми шимолии Фурудгоҳи байналмиллалии Кӯлоб ва 18 км аз Истгоҳи роҳи оҳани Кӯлоб ҷойгир мебошад. Масофаи байни МОИ “Кӯлоб” то роҳи минтақавии Восеъ-Ховалинг – 7 км, роҳи байналмилалии Душанбе-Кӯлоб-Қалаи Хумб – 14 км ва шаҳри Душанбе - 220 км-ро ташкил медиҳад. Инчунин, МОИ “Кӯлоб” аз сарҳади Ҷумҳуриҳои исломии Афғонистон дар масофаи 70 км, Ӯзбекистон 250 км, Қирғизистон 500 км ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой 800 км ҷойгир мебошад. Минтақа барои ташкили намудҳои зерини фаъолияти афзалиятнок мусоид мебошад.

– истеҳсоли ресмонҳои дӯзандагӣ;

– коркарди пӯсти чорвои майда ва калон бо истеҳсоли маҳсулоти тайёри чармин, пойафзол ва чарчинвории чармин;

– истеҳсол ва коркарди нахи пахта;

– истеҳсол ва коркарди машрубот аз сабзавоту меваҷот;

– истеҳсоли сабзавоту меваҷоти консервагӣ;

– истеҳсоли хӯроки чорво ва паранда;

– истеҳсоли масолеҳи сохтмони замонавӣ (шиша, дару тиреза, хиштҳо ва панелҳои гарминигоҳдорандаи стандарти байналмилалӣ, маҳсулоти ороишии пластикӣ;

– мошинсозӣ (васлкунӣ ва истеҳсоли автомобилҳо, тракторҳо ва техникаи гуногунтамға барои соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои дигар, қисмҳои эҳтиётӣ барои онҳо, таҷҳизот ва техникаю технологияи соҳаи коркард, хизматрасонӣ ва молҳои ниёзи мардум, насосҳои обкаш ва ғайра);

– истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ ва доруворӣ;

– истеҳсоли таҷҳизот ва лавозимоти рӯшноидиҳанда;

– истеҳсол ва коркарди ашёи хом (нафт);

– намудҳои дигари фаъолият, ки ба мақсадҳои таъсисёбии минтақаи озоди иқтисодӣ мувофиқ буда, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст. [86] Аз ҷумла, дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти

[86] Манбаи электронӣ. URL: https://Fezkulob.tj/tj/moi/kulob-mavei-ojgirshavii-tiorati-shumo.html (санаи муроҷиат: 08.04.2022 с.).

соҳибкорӣ, новобаста ба шаклҳои моликият, аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ба истиснои андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда шудааст.

Афзалиятҳо барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб:

– субектҳои МОИ “Кӯлоб” аз ҳама намуди андозҳо, ба истиснои андози ичтимоӣ ва андоз аз даромад озод мебошанд;

– зимни воридоти ашёи хом, молу маҳсулот ва таҷҳизоти технологӣ ва содироти молу махсулот ба хориҷи кишвар субектҳои минтақа аз пардохтҳои гумрукӣ озод мебошанд;

– тамоми шароити мусоид барои дастрасӣ ба инфрасохтори аввалиндараҷа муҳайё карда мешавад;

– захираҳои зиёди қувваи қобили меҳнат, мавҷудияти мутахассисони касбӣ ва қувваи кории арзон;

– мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, ҳамшафати фурудгоҳи байналмилалӣ, мавҷудияти роҳи автомобилгард, наздикӣ ба роҳи оҳан ва роҳи байналмилалии Душанбе – Қулма (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Чин)

– бақайдгирӣ аз рӯи принсипи “равзанаи ягона”, ки тамоми хизматрасониҳоро содда ва осон мегардонад.[87]

Ғайр аз ин, давлат риояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии субъектҳои МОИ-ро, ки дар ҳудуди МОИ "Кӯлоб" фаъолият доранд, кафолат медиҳад. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ субектҳои фаъолияткунанда чунин кафолат дода мешавад:

– ҳимояи ҳуқуқии сармоягузориҳо;

– ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифии субъектҳои МОИ;

– низоми баробари ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ;

[87] Манбаи электронӣ. URL: https://Fezkulob.tj/tj/moi/kulob-mavei-ojgirshavii-tiorati-shumo.html (санаи мурочиат: 08.04.2022 с.).

–роҳ надодан ба ҳеҷ гуна табъизи ташкилотҳои дорои сармоягузориҳои хориҷӣ.[88]

Айни замон дар МОИ “Кӯлоб” ду субект, ҶДММ “Тоҷик Алмос” ва ҶДММ “Кӯлоб Агросаноат” фаъолият карда истодаанд, ки гардиши сармояашон 8 млн сомониро ташкил медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъсиси МОИ “Данғара” ва “Кӯлоб” дар рушди минбаъдаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили корхонаҳо дар минтақаи Кӯлоб муҳим арзёбӣ гардида, аз рӯи самти фаъолияти онҳо маълум мегардад, ки қисми зиёди истеҳсолот ба соҳаи саноати коркард, махсусан коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шудааст. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки шароити табиию иқлимӣ ва мувофиқ будани муҳити минтақа барои ташкили корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоид мебошад.

**Хулосаи зербоби 2.2.**

Аз рӯи таҳқиқотҳои анҷомшуда дар зербоби мазкур бо назардошти баҳодиҳӣ ва тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, метавон хулоса намуд, ки ба воситаи барномаҳо, қонунҳо ва дар маҷмӯъ фароҳам овардани шароити мусоид, барои ба роҳ мондани фаъолият дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ метавон рушди минбаъдаи соҳаро таъмин кард, вале дар сатҳи баланд ва мувофиқ гардонидани истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷавобгуй гардонидани он ба талаботи бозорӣ зарурати такмили баъзе масъалаҳои асосиро ба миён меорад. Аз рӯи пешниҳодҳои мо ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур барои ташкили чунин навъи фаъолият андешидани чораҳои зерин зарур мегардад.

1) Бо мақсади васеъ намудани доираи истеҳсолот дар самти коркарди маҳсулоти кишоарзӣ зарурати барқарор намудани соҳаҳои азбайнрафтае, ки солҳои пеш дар минтақа фаъолият менамуданд, ба миён меояд. Чунки аз таърихи

[88] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., № 1581).

гузашта бар меоянд, ки дар минтақа самтҳои гуногуни истеҳсолот фаъолият доштааст, ки ҳоло аз байн рафтаанд. Аниқ карда шуд, ки дар минтақа 17,6 % маҳсулоти кишоварзӣ ва 15,4 % маҳсулоти саноатии мамлакат истеҳсол карда мешавад.

2) Дар шароити имрӯза, ки талаботи аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ рӯз то рӯз меафзояд, зарур мегардад, ки қидаҳои замине, ки дар минтақа барои таъмини маҳсулоти дуюмдараҷа истифода мешаванд, вобаста ба имконият ва истифодаи роҳу усулҳои инноватсионнӣ ба гардиши заминҳои аҳамияти кишоварзидошта ворид намоем, ки ҳоло 21,4% майдони заминҳои аҳамияти кишоварзидоштаи ҷумҳурӣ ба минтақаи Кӯлоб рост меояд.

3) Аз рӯи дараҷаи рӯшди истеҳсолӣ маҳсулоти соҳаи растанипарварию чорводории минтақа муайян мегардад, ки имконияти бозҳам зиёд намудани истеҳсолот дар ин самт мавҷуд буда зарур аст, ки навъҳои растаниҳое, ки ба шароити табиию иқлимии минтақа  мувофиқ мебошанд ва ҳосилнокии зиёд доранд, парвариш намоем. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки минтақаи Кӯлоб 27,7 фоизи ғалла, 16,5 пахта, 7,4 картошка, 15,1 сабзавот 23,5 полезиҳо, 23,5 меваҷот, 14,0 фоизи ангури ҷумҳуриро истеҳсол менамояд.

4) Дар соҳаи чорводорӣ бошад, барқарор намудани Иттиҳодияҳои таҷрибавии агросаноатӣ ва зотпарварӣ инчунин фермаҳое, ки дар давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият мекарданд ва зотҳои хушсифати маҳсулдеҳро парвариш менамуданд зарур аст. Муайян гардид, ки аз ҳисоби соҳаи мазкур 25,2 фоизи гӯшт, 17,9 шир, 1,9 тухм, 31,5 пашм, 17,2 асал, ва 3,8 фоизи пиллаи ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад.

5) Ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади таъмини захираҳои молиявӣ барои ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини ҳамгироии занҷираи истеҳсолию бунёдии корхонаҳои КАС дар шароити гузариш аз мадели аграрию саноатӣ ба саноати аграрӣ дар доираи нақшаҳои стратегии кишвар;

6) Ташкили ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии берунӣ бо дарназардошти сиёсати дарҳои боз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

Метавон қайд намуд, ки дар маҷмуъ аз ҷамбасти боби дуюм чунин пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд.

Вилояти Хатлон, ки ҳамчун мантақаи агросаноатӣ дар сатҳи кишвар эътироф мегардад, нақши назаррасро дар иқтисодиёти кишвар ба худ касб кардааст. Дар натиҷа зимни баргузории таҳқиқот муайян намудем, ки ҳиссаи минтақаи Кӯлоб ҳамчун қисми таркибии минтақавӣ дар сатҳи вилояти Хатлон аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, дар чунин вазъ қарор дорад. Ҳоло 44 % масоҳати умумӣ, 44,1 % заминҳои аҳамияти кишоварзидошта, 43,8 % заминҳои шудгор, 33,9 % маҳсулоти умумии кишоварзӣ, 36,5 % маҳсулоти умумии саноатӣ ва аз 2859537,2 ҳазор сомонии ҳаҷми умумии саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон 1283823 ҳазор сомониаш ё 44,8 % ба минтақаи Кӯлоб рост меояд. Аз рӯйи нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи хуб қарор доша, ҳиссаи коркарди он афзоиш ёфта, зарурати ташкил ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзиро талаб менамояд. Бо ин восита метавон ҳиссаи маҳсулоти саноати коркардро дар сатҳи вилояти Хатлон ва сатҳи ҷумҳурӣ ташаккул дод.

# БОБИ 3. САМТҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛУ РУШДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## 3.1. Дастгирии давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ

Дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ мушкилоти асосӣ, таъмини аҳолии кишвар ва минтақаҳои зертобеъи он бо маҳсулоти хушсифати истеҳсоли ватанӣ мебошад. Нақши асосиро вабаста ба ҳалли ин масъала соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳое, ки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба ӯҳда доранд мебозанд, ки ҳамчун соҳаи таъминкунанда, сатҳи таъмини амнияти озӯқаворӣии мамлакатро ба танзим медарорад. Айни замон фаъолияти чунин корхонаҳо дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ки бо сабабҳои гуногун маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол карда наметавонанд. Дар натиҷаи фаъолияти бесамар истеҳсолкунандагон маҷбур мешаванд, ки аз чунин шакли истеҳсолот даст кашида, самти дигаро пешаи худ қарор диҳанд. Ин ҳолат ба афзоиши маҳсулоти воридотӣ оворда мерасонад, ки мавқеъи корхонаҳои ватанӣ ва устувории онҳоро дар баробари истеҳсолкунандагони кишварҳои хориҷӣ  аз байн мебарад. Барои бартараф ва пешгирӣ намудани ҳолати мазкур зарурати муҳофизати истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нисбати рақибони хориҷӣ ба миён меояд. Шароити имрӯза ва инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ талаб менамояд, ки барои ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои он тадбирҳое андешида шавад, ки тартиби дурусти идоракунӣ ва дарёфти роҳҳои самараноки истеҳсолотро ба танзим дароварда тавонанд, ба монанди истифодаи оқилонаи замин, захираҳои меҳнатӣ, фароҳам овардани шароити муосири коркарди маҳсулот кишоварзӣ, беҳтар намудани шароити меҳнатӣ баҳри таъмини самараноки фаъолияти кормандон,  ки метавонад сатҳи зиндагии аҳолии мамлакатро, махсусан аҳолии деҳотро беҳтар гардонад.

Барои дар амал татбиқ намудани масъалаҳои зикргардида, ки  рушди минбаъдаи соҳаро таъмин менамояд, дастгирии давлатии корхонаҳои коркарди

саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нақши босазо дорад. Масъалаи мазкур тахти таваҷҷӯҳи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, чуноне, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", ки санаи 21.12.2021 мавриди арзёбӣ қарор гирифта буд, махсус қайд намуданд, ки "захираҳои ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла металҳои рангаву қимматбаҳо, инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш соҳаҳои саноати металургия, сабуку хӯрокворӣ ва дорусозӣ рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босурати мамлакат таъмин карда шавад".[89] Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ҷиҳати амалисозии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва дастгириву пешрафти бахшҳои мухталифи соҳа як қатор барномаҳоро қабул ва амалӣ намуд.

Барои рушди соҳа дар ин давра аз ҳамаи манбаҳои маблағгузории давлатӣ беш аз 18 миллиард сомонӣ, аз ҷумла дар доираи татбиқи 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 9,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Илова бар ин, барои соҳа имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ муқаррар карда шуданд ва дар натиҷа ҳама бахшҳои соҳа ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд. Масалан, дар давоми 20 сол шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 21 ба 200 расонида шуда, истеҳсоли гӯшти паранда 9 баробар зиёд гардид. Воридоти гӯшти паранда аз 65 ҳазор тонна ба маблағи 9 миллион доллар дар соли 2021 кам гардид, яъне аз рӯи ҳаҷм беш аз 21 баробар коҳиш ёфт. Инчунин, дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшуда боиси рушди соҳаи боғу токпарварӣ, чорводориву парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва парвариши  занбури асал гардиданд. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои рушди соҳа дар замони истиқлолият майдони боғу токзор дар мамлакат 3,6 баробар ва истеҳсоли меваю ангур 4,3 баробар афзоиш ёфт. Инчунин, бо амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои

[89] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", 21.12.2021. С.- 23

пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои мазкур бомаром тараққи карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.[90] Бар замми ин, бо мақсади дастгирӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ, бахусус, хушксолӣ ва обхезӣ, паҳншавии беморӣи КОВИД–19 дар ду соли охир ва пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо кишоварзони мамлакат дар соли 2021 аз пардохти андоз аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, яъне андози ягона озод карда шуданд. Иқдоми мазкур боиси 6 фоиз афзоиш ёфтани итеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбати соли гузашта гардид. Дар натиҷа фаровонии бозори истеъмолии кишвар бо молу маҳсулоти ниёзи мардум таъмин карда шуд.

Ҳамзамон, сохтору мақомоти дахлдор вазифадор гардид, ки стратегияву барномаҳои соҳавиро пурра татбиқ намуда, доир ба рушди тухмипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани рушди саноати коркард ва хӯроквории, инчунин тақвияти иқтидори содиротии кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешанд. Ҷиҳати амалӣ намудани нақшаву чорабиниҳои пешбинишуда дастгирии ҳуқуқию молиявии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи давлат муҳим арзёбӣ мегардад, ки онро дар чунин шакл тасвир намудан мумкин аст, (Расми 3.1.).

Асоси танзими давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро таъминоти ҳуқуқии он ташкил медиҳад, ки барои таъмини рушди устувор ва ба танзим даровардани соҳаи мазкур заминагузор мебошад.

Ҳанӯз 5-уми марти соли 2007 № 241 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намудани соҳаҳои комплекси агросаноатиро аз ҷониби

---

[90] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 21.12.2021. С.- 16.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст.




**Расми 3.1. Фишангҳои танзиму дастгирии давлатии рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Мақсади Қонуни мазкур рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маводи озуқаворӣ, таъмини саноати коркарди ашёи хом, инчунин баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар мебошад. Боби якум, моддаи 4-уми қонуни зикргардида тартиби дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатиро муайян менамояд.

Дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба воситаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияташон, бо роҳи зайл амалӣ гардонида мешавад:

1) ҷудо намудани субсидия (кӯмаки молиявӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ;

2) ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва грантҳо барои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ

бо назардошти имкониятҳои молиявӣ миқдор ва тартиби ҷудо намудани субсидияро ба мақсадҳои муайян муқаррар менамояд.

Мурочиат барои пешниҳод намудани субсидия (кумаки молиявӣ) аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ аз рӯи ҳар як соҳаи комплекси агросаноатӣ асоснок гардонида шуда, барои баррасӣ ба мақомоти ваколатдор пешниҳод карда мешавад.

Мувофиқи маълумоти асосноки мақомоти ваколатдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар буҷети давлатӣ барои соҳаҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ субсидия (кумаки молиявӣ) пешбинӣ карда шуда, маблағгузории он мақсаднок ва суроғавӣ буда, ба ҳар як соҳаи комплекси агросаноатӣ бо тартиби муқаррargардида аз тарафи низоми хазинадории марказӣ ва мақомоти он дар маҳалҳо дар доираи буҷети тасдиқшуда таъмин карда мешавад. Ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва грантҳо ҷиҳати рушди соҳаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ асоси дастгирии давлатии соҳаҳо буда, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад, ки вазъи воқеии самти мазкур дар ҷадвали 3.1. мавриди таҳлил қарор дода шудааст. [91]

**Ҷадвали 3.1.-Дастгирии буҷетии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ барои давраи солҳои 2017-2021 (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Иҷроиш | | | | | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Харочоти буҷети давлатӣ ба соҳаи КАС, аз ҷумла: | 514 | 575,5 | 637 | 618 | 657,1 | + 27,8 |
| Лоиҳаҳои давлатӣ сармоягузорӣ | 328,8 | 380,0 | 431,2 | 403,7 | 410 | + 24,6 |
| Субсидия (кӯмаки молиявӣ) | 53,0 | 37,3 | 21,6 | 20,7 | 31,9 | - 39,9 |
| Барои рушди муносибатҳои лизингӣ | 50,0 | 30,0 | 15,0 | 15,0 | 25,0 | - 50,0 |

**Сарчашма:** Маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Таҳлилҳо ҷиҳати дастгирии буҷетии соҳаи комплекси агросаноатӣ ошкор месозанд, ки харочоти буҷети давлатӣ соли 2021 ба соҳаи КАС 657,1 миллион сомониро ташкил дода, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 27,8% афзоиш ёфтааст. Аз ин ҳисоб 410 миллион сомонӣ барои лоиҳаҳои давлатӣ сармоягузорӣ

[91] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - ш Душанбе, 5-уми марти соли 2007. № 241.

бо афзоиши 24,6% ва дар самти дастгириҳо дар шакли субсидия бо назардошти коҳишёбӣ ба 60,1%, ва барои рушди муносибатҳои лизингӣ 50% рост меояд. Вале бо вуҷуди, ин таҳлили таркибии соҳавии саноати коркард муайян менамояд, ки қисми зиёди дастгириҳо дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ равона гардида дар якҷояги дастгириҳои буҷетӣ  аз ҳама манбаҳои даромад ба ин самт афзоиш ёфтаанд, ки вазъи воқеии онро дар ҷадвали 3.2 мушоҳида менамоем.

**Ҷадвали 3.2.-Дастгирии давлатӣ аз  ҳисоби буҷети давлатӣ ба корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои давраи солҳои 2017-2021 (ҳазор сомонӣ)**

| Номгӯи маҳсулотҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард: аз ҷумла | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22305,7 | + 89,4 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7600,9 | + 76,6 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 2411 | 2542 | 2707,7 | 2691 | 4215,3 | + 74,8 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 119 | 138 | 148 | 142 | - | + 19,3 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 142 | 241 | 260 | 182 | 333,9 | +2,3 мар. |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 107 | 147 | 154 | 182 | 233,2 | +2,2 мар. |
| Дигар соҳаҳои саноати коркард | 4693 | 5552 | 7283,3 | 8768 | 9768,4 | +2,08 мар. |

**Сарчашма:** Маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлили ҷадвали 3.2. бармеояд, ки дастгириҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба соҳаи саноати коркард давоми солҳои таҳқиқшаванда ба миқдори 89,4 % афазоиш ёфтааст. Аз ҷумла, барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку 76,6%, истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 74,8%, барои коркарди чӯбу тахта ва  истеҳсолоти маснуот аз чӯб 19,3%, истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр ба миқдори 2,3 маротиба ва истеҳсоли кимёвӣ 2,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳо собит месозанд, ки солҳои охир таваҷҷӯҳи давлат нисбати бахши мазкур назаррас буда, саноати коркард ва махсусан коркарди маҳсулоти кишоварзиро афзалиятнок ва таъминкунандаи бехатарии озуқаворӣ ва дигар бахшҳои талаботи ҷамъиятӣ меҳисобад, аз ин лиҳоз дастгириҳои давлатии бахши мазкур солҳои оянда низ идома хоҳанд ёфт.

Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ”, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, таҳти №658 - Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуд, ки он ҳамчун санади меъёри ҳуқуқӣ оид ба дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои он хизмат мерасонад.[92]

Зарурияти қабул намудани Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

1. Мақсадҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва самтҳоиислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ инъикос ёфта, аз ҷониби роҳбарияти сиёсии кишвар татбиқ мегарданд ва мақсади ниҳоии онҳо аз таъмини сатҳи зиндагии қобили таҳаммул ва сазовор барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ иборат аст, тақозо менамояд, ки оид ба ҳар як соҳаи хоҷагии халқ тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

2. Вобаста ба ин, зарурат ба миён омадааст, ки Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Консепсия)-и санҷидашуда, воқеан иҷрошаванда таҳия гардад, ки дар он усул ва роҳҳои иҷрои муқаррароти барномаҳои асосии давлатӣ - Стратегияи миллии рушд (СМР) ва Стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПСК) инъикос ёбад.

Ҳангоми таҳияи Консепсия Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ" аз 30 июни соли 2006, таҳти рақами 1775 ва дигар қарорҳои дар солҳои охир қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба бахши аграрӣ ҳамчун асос қабул карда шуд.[93]

Дар баробари ин, дар низоми қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳои дигар низ ба инобат гирифта шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ки 26 – уми июли соли 2014, № 1107 қабул гардидааст. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди

---

[92] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - ш. Душанбе, 31.12. 2008, №658.
[93] Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - ш. Душанбе, 31.12.2008, №658.

соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субектҳои соҳибкориро таъмин мекунад.[94]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат, ки санаи 30 - юми майи соли 2017, № 1415 қабул гардидааст. Қонуни мазкур мақсад, вазифа ва принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, хусусият ва механизмҳои амалӣ намудани дастгирии давлатии субектҳои фаъолият дар соҳаи саноатро муқаррар намуда, ба ташаккул ва устувор намудани иқтидори саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.[95]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи намунаҳои саноатӣ, ки санаи 28 - уми феврали соли 2004, № 16 қабул гардидааст. Қонуни мазкур муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба онҳо алоқамандро, ки бинобар офариниш, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии намунаҳои саноатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, ба танзим медарорад.[96]

Ба ғайр аз қонунҳои зикргардида санаи 1-уми октябри соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардида, дар асоси он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 барномаи саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025 тасдиқ гардид. Барномаи мазкур бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” ки бо дар назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудан, таҳия карда шудааст. Ҳоло бошад, ҳадафи чоруми старегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро саноатикунонии босуръати кишвар ташкил медиҳад.[97]

---

[94] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ.- ш Душанбе, 26.07.2014, № 1107.

[95] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат.- ш Душанбе, 30.05.17, № 1415.

[96] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи намунаҳои саноатӣ. - ш Душанбе, 28.02.2004. № 16.

[97] Барномаи саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025.- ш Душанбе, 27.05.2020, №293.

Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", санаи 21.12.2021 пешниҳод гардид, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Солҳои рушди саноат" эълон карда шаванд.[98]

Дар ин замина мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва субектони бахши хусусии иқтисодиёт вазифадор гардидаанд, ки нақшаю чорабиниҳои соҳавӣ ва вазифаҳои муайянро дар самти ташкили корхонаҳо, азнавсозӣ ва таъмиру таҷдиди корхонаҳои амалкунанда, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, воридоти техникаю тенологияи муосир ва ба содирот нигаронидани маҳсулоти истеҳсолшаванда амалӣ намоянд.

Амалӣ гардонидан ва татбиқи нақшаю вазифаҳои муайяншуда, бевосита бо ташкили муҳити меъёрию ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, таъминоти моддию захираҳои истеҳсолию меҳнатӣ, пайдо намудани бозорҳои фурӯш ва ба талаботҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардониданӣ муносибатҳои тиҷоратию истеҳсолӣ имконпазир мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои рушди соҳаи саноат, махсусан саноати коркард як қатор барномаҳои соҳавӣ қабул гардидааст, ки татбиқи ин барномаҳо боиси рушди соҳа ва амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегӣ мегардад.

1. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022;

2. Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020;

3. Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 мавриди амал қарор гирифтанд.

---

[98] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ"-Душанбе, 21.12.2021. - С.8.

Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2014, №737 «Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» истеҳсоли қолинҳо аз 1763,3 ҳазор метри мураббаи соли 2014 ба 4375,9 ҳазор метри мураббаъ дар соли 2019 зиёд гардида, суръати афзоиш 2,5 маротибаро ташкил дод. Инчунин дар давраи амалишавии барномаи мазкур дар соҳа шаш корхона, аз ҷумла чор корхона дар самти истеҳсоли маснуоти қолинӣ ва ду корхона дар самти истеҳсоли қолинҳои дастбоф ба фаъолият шурӯъ намуда, ба иқтидорҳои соҳа 1,3 млн метри мураббаъ илова гардида, беш аз 210 ҷойи кории нав таъсис дода шуд.[99]

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №409 қабул гардидааст, истеҳсоли пилла аз давраи амалишавии Барномаи соҳа тамоюли пастравиро касб намудааст. Агар дар соли 2012 дар ҷумҳурӣ 1328 тонна пилла истеҳсол шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 803,7 тонна расидааст. Дар заминаи иҷрои барномаҳо аз соли 2014 то соли 2019 дар саноати кишвар тамоюли мусбати рушд нигоҳ дошта, дар самтҳои алоҳида суръати афзоиш бомаротиб зиёд таъмин гардидааст. Тибқи маълумоти расмӣ дар 6 соли охир (солҳои 2014-2019) дар ҷумҳурӣ 1632 корхонаи нав бо таъсиси 33152 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи саноати коркард аз 6,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 15,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 расонида шуд, ки зиёдшавии он нисбат ба соли 2014 2,3 баробар ё 9,0 млрд сомонӣ афзудааст. Зиёдшавӣ дар соҳаи саноати коркард асосан аз ҳисоби

[99] Барномаи саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.- ш Душанбе, 27.05.2020, №293.- С. 2.

зерсоҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку аз 3,3 млрд сомонии соли 2014 то ба 5,4 млрд сомонӣ дар соли 2019, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ аз 1,3 млрд сомонии соли 2014 то ба 2,7 млрд сомонӣ дар соли 2019, истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ аз 0,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 2,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 ва истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ аз 0,9 млрд сомонии соли 2014 то ба 3,9 млрд сомонӣ дар соли 2019 ба назар мерасад.[100]

Барои ташкили бизнеси даромаднок дар соҳаи мазкур ва идоракунии оқилона инчунин ташкили таълими менеҷерҳои истеҳсолот зарур мебошад. Бо дарназардошти таҳлили иқтисодии бахши мазкур корхонаҳои коркарди пахта, картошка, помидор, меваҷот, зироатҳои равғанӣ, гӯшт, лӯбиё ва маҳсулоти онҳо дар бозорҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дорои афзалият ва рақобатпазир мебошанд, аз содирот даромад гирифта метавонанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун замина оид ба дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ ҳизмат намуда, нақши он дар ташкилу фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, вабаста ба дастгирии давлатии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин расонидани кумаки молиявӣ ва додани имтиёзҳо ба соҳаҳои истеҳсолии кишвар нақши калиди дошта, пайваста зери таваҷҷӯҳи ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Тайи солҳои охир Ҳукумати кишвар барои соҳибкороне, ки ба коркарди маҳсулот ва ашёи хом машғуланд, як қатор имтиёзҳо ҷорӣ намуд. Муҳимтарини онҳо қарори Ҳукумати мамлакат дар бораи пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани техникаю таҷҳизоти таъиноти кишоварзидошта, таҷҳизоти истеҳсоливу технологӣ ва маснуоти такмилии онҳо, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, инчунин дар бораи тартиби аз андоз аз

[100] Барномаи саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.- ш Душанбе, 27.05.2020, №293.- С.3.

арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми барои коркарди саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда ба ҳисоб меравад.

Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, мўҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3-5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд.[101]

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амалишавии он аз якуми январи соли 2022 оғоз гардид, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд, ки шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

Дар ин ҷода, дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад. Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ равона карда шуд.[102]

Аз таҳлил ва омӯзиши масъалаи мазкур ба солҳои гузашта хулоса кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди пешравиҳои дар як қатор самтҳо бадастомада ҳанӯз саҳми саноати коркард дар тавлиди арзиши иловашуда, афзоиши ҳаҷми содироти кишвар ва диверсификатсияи он, инчунин, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти

---

[101] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ". -Душанбе, 21.12.2021.- С.6.
[102] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ".-Душанбе, 21.12.2021. - С.6.

ниҳои ҳанӯз қонеъкунанда нест. Масалан, аз 307 корхонаву коргоҳҳои саноатӣ, ки соли 2018 фаъолият накардаанд, 205 корхона ё 67 фоизи онҳо корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла 70 корхонаи саноати хӯрокворӣ ва 93 корхонаи саноати сабук мебошанд. Аз 127 корхонаи дар соли 2018 пурра аз фаъолият бозмонда 66 фоизи онҳо низ ба саноати коркард рост меояд. Ҳамин ҳолат дар 8 моҳи соли 2019 низ ба назар мерасид, ки боиси нигаронист.[103]

Ин дар ҳолест, ки ҳар сол дар кишвар даҳҳо корхонаву коргоҳҳои гуногуни истеҳсолӣ бунёд ва ба истифода супорида мешаванд. Ин, аз як тараф, аз камтаҷрибагии соҳибкорон ва роҳбарони корхонаву коргоҳҳо, фарсудашавии технология ва норасоии воситаҳои молиявии арзон вобаста бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи рақобати шадид ва номукаммал будани механизми махсусгардонии минтақаҳо мебошад.

Бинобар ин, зарур аст, ки минбаъд корҳо дар самти муайян намудани махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо, ташкили маҷмааҳои саноатӣ ва махсусан, агросаноатӣ барои ба роҳ мондани коркарди пурраи нахи пахта, пӯст, пашм, пилла, меваю сабзавот ва дигар ашёи хоми ватанӣ бомаром идома дода шавад.

Ба соҳибкорону сармоягузорон зарур аст, ки барои бунёди корхонаву коргоҳҳо сараввал нақшаи мукаммали тиҷоратиро таҳия карда, барои ворид намудани технологияҳои муосир ва ҷалби мутахассисон кӯшиш намоянд, то ки самаранокии маблағҳои барои бунёди иншооти истеҳсолӣ равонашуда таъмин гардад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадор аст, ки барои ҷоннок кардани фаъолияти Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” дар минтақаҳои кишвар дар самти ташкили курсҳои омӯзишӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои соҳибкорон дар соҳаҳои истеҳсолӣ, кумак ба онҳо дар амалигардонии нақшаҳои тиҷоратӣ ва дигар самтҳои оинномавӣ чораҳои зарурӣ андешад.

---

[103] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар. -Душанбе, 14.10.2019с. [манбаи электронӣ] URL:_https://investcom.tj/tj/sokhibkori/743 (санаи муроҷиат: 07.06.2022 с.).

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва афзоиши рақобат миёни истеҳсолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ рушди бомароми корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро бе имтиёз ва дастгирии ниҳодҳои молиявӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Ин маҳдудият талаб менамояд, ки сармояи дар ихтиёри ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ қарор дошта, бо мақсади самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноати кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд. Яъне қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон ва корхонаҳои навтаъсис, ки ба қарз эҳтиёҷ доранд, пешниҳод намоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар ба 63 ва воҳидҳои сохтории онҳо ба 1850 расонида шуд. Сармояи низоми бонкии кишвар нисбат ба соли 2000-ум 130 баробар афзоиш ёфт. Ҳаҷми пасандозҳо қариб 100 баробар зиёд шуда, ҳоло бақияи онҳо 10 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ 117 миллиард сомониро ташкил карда, аз ҷумла дар соли 2021-ум 13 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки 37 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидааст.[104]

Ҳамчунин, ҷиҳати рушди соҳаи саноат ва васеъ намудани иқтидори содиротии кишвар ва дасгирии соҳибкории истеҳсолӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020 №390 Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” табдил дода шуд. Ҷиҳати равнақ додани фаъолияти бонк ва хизматрасонӣ намудан ба мизоҷони минтақаҳои кишвар солҳои 2021 – 2022 филиалҳои он дар шаҳри Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ таъсис дода шуд. Қарзҳо аз ҷониби бонки мазкур бо мақсади рушди соҳибкорӣ, кишоварзӣ, рушди истеҳсолот ва содирот дода мешаванд, ки меъёри фоизи қарзи он аз 16 то 18 фоизро ташкил мекунад, ки ин аз меъёри фоизи қарзи дигар бонкҳо хеле паст

[104] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”.-Душанбе, 21.12.2021. - С.11.

буда, дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва маҳсулоти содиротӣ мусоидат менамояд.[105]

Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз низоми бонкӣ вобаста мебошад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд. Ҳамзамон, бояд доир ба зиёд кардани шумораи бонкҳо, тақвият бахшидани низоми идоракунии хавфҳо ва баланд бардоштани ҳаҷми сармояи ойинномавии ташкилотҳои қарзӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Дар Паёми Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 21.12.2021 ироа гардида буд, ба Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва дигар ташкилотҳои қарзӣ супориш дода шуд, ки дар давраи миёнамуҳлат, яъне дар панҷ соли оянда ҷиҳати ҳамасола афзоиш додани ҳаҷми қарзҳо ва дар соли 2026 ба 30 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми қарздиҳӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бо вуҷуди таъсири бемории сироятии КОВИД–19, дар соли 2021 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 6,8 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 2,5 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли 2020 ҳаҷми сармоя 42 фоиз ва сармояи мустақими хориҷӣ 39 фоиз зиёд мебошад. [106]

Ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият

---

[105] Манбаи электронӣ: ssb.tj/tj/loans (Санаи муроҷиат 13.07.2022.)

[106] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. -Душанбе, 21.12.2021.- С.12

медиҳад, сохтору мақомоти дахлдор уҳдадор гардиданд, ки истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд.

Дар робита ба ин, замини тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи замин, инчунин, шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда шуданд.[107]

Дар самти дастгирӣ ва имтиёзҳои андозӣ бошад, андоз аз арзиши иловашуда танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда шудааст. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад.[108] Дар баробари дастгирю имтиёзҳои дар боло зикргардида имтиёзҳои андозие, ки тайи солҳои охир ба соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои соҳаи саноати кишвар дода шудаанд, ки мо онро дар шакли диаграмма нишон додаем, (Диаграммаи 3.1.). Таҳлили ҳолати дар диаграмма иникосёфта муайян менамояд, ки тайи солҳои таҳқиқшаванда ба истисони соли 2020 манбаи андоз ва имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ афзоиш ёфтаанд. Сабаби коҳишёбии онҳо дар соли 2020 таъсири бемории КОВИД – 19 мебошад, ки дар натиҷа баъзе сарчашмаҳои андозӣ аз байн рафтанд, ва имконияти давлатҳам оид ба додани имтиёзи андозӣ маҳдуд гардидааст. Соли 2021 бошад, соҳаҳои аз даст рафта барқарор гардиданд ва давлат бо мақсади ҳавасмад гардонидани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини рушди соҳа имтиёзи андозӣ, пешбини намуда истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро аз андози ягонаи замин озод намуд.

---

[107] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 21.12.2021.- С.13.

[108] Муқаррароти андозию гумрукӣ ва имтиёзҳои алоҳида барои корхонаю ташкилотҳо дар соли 2022.

**Диаграммаи 3.1.- Имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ (ҳаз. сомонӣ)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асос: Моддаи 15-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ. Кодекси андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷмуъ аз соли 2017 то соли 2021 манбаи андозии соҳаи кишоварзӣ ба 536217,3 ҳазор сомонӣ баробар мебошад, имтиёзи андозии соҳа бошад 89506,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки он ба 16,7 фоизи манбаи андозӣ баробар мебошад. Ғайр аз соҳаи кишоварзӣ имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои соҳаи саноат ҳам дода шудааст, ки онро диаграммаи 3.2. муайян менамояд (Диаграммаи 3.2.).

**Диаграммаи 3.2.- Имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои кшоварзӣ (ҳаз. сомонӣ)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асос: Моддаи 15-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ. Кодекси андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз вазъи соҳа мушоҳида карда мешавад, ки манбаи андоз ва имтиёзҳои андозии ба корхонаҳои соҳаи саноат додашуда давоми солҳои 2017-2021 ғайр аз соли 2020, ки дар он коҳишёбӣ ба назар мерасад, афзоиш ёфтаанд, ки сабаби онро дар таҳлили диаграммаи 3.1. муайян карда будем. Дар маҷмуъ давоми солҳои таҳқиқшаванда ҳаҷми умумии манбаи андозӣ ба 17148737,8 ҳазор сомонӣ ва маблағи имтиёз бошад ба 2797048,8 ҳазор сомонӣ баробар мебошад, ки имтиёзи андозии ба корхонаҳои соҳаи саноат додашуда 16,3 фоизи манбаи андозиро ташкил медиҳад.

Ин ҳама дастгирӣ ва имтиёзҳои андозию гумрукии аз ҷониби Ҳукумати мамлакат додашуда метавонад, дар оянда рушди соҳаи кишоварзию саноат, махсусан, рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро таъмин намояд.

**Хулосаи зербоби 3.1.**

Аз рӯи таҳлили нишондиҳанда ва натиҷаҳои таҳқиқот дар зербоби мазкур оид ба дастгирии давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян кардан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати рӯ ба тараққӣ ва узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масоили иқтисодию иҷтимоӣ, рушди соҳаи саноату кишоварзӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва таъмини бехатарии озуқаворӣ тамоми иқтидору имкониятҳоро истифода бурда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ сафарбар менамояд. Саноати коркард ҳамчун қисми таркибии ва муҳими соҳаи саноати кишвар баромад намуда, таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва ҳамеша дастгириҳои давлатӣ ба ин самт равона карда мешаванд, ки дастоваардҳои зиёде дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба даст омадааст. Ин ҳама дастовардҳо натиҷаи корбурди низоми иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат мебошад. Дар рафти пайгириҳои илмӣ ва омӯзиши дастгириҳои давлатии рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ чунин натиҷагирӣ карда шуд:

1) Ҷанбаҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, ки он

метавонад, ҳамчун механизми дастгирии давлатӣ дар рушди минбаъдаи соҳа мусоидат намояд;

2) Муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқи ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти соҳибкориҳои истеҳсолӣ дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ қабул карда шудааст, аммо қувваҳои пешбарандаи он заиф ба назар мерасанд, ки пешниҳодҳои амиқ ҷиҳати ҷоннок намудани корҳо тавсия гардидаро самаранок истифода намояд;

3) Дар рафти омӯзиш муайян гардид, ки дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои додашуда ба соҳа хеле зиёд мебошанд, аммо истифадаи самараноки онҳо аз ҷониби имтиёзгирандагон нигаронкунанда ба назар мерасад. Ҷиҳати истифодаи самараноки онҳо тавсия дода мешавад, ки аз таҷрибаи мамлакатҳои дар ин самт пешрафта истифода бурдан муфид мебошад;

4) Муайян гардид, ки дар самти дастгириҳои молиявию қарзӣ аз ҷониби ҳукумати мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст, аммо барои бартараф кардани мушкилоти соҳа танҳо такя ба ниҳодҳои давлатӣ молиявӣ кардан масъала ҳалли худро намеёбад, аз ин рӯ зарур мегардад, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда шавад.

### 3.2. Рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон

Дар шароити муосир, роҳи асосии баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ва нигоҳ доштани суръати баланди истеҳсолот, инкишофу даромаднокии корхонаҳое, ки ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд, аз ҷорӣ намудани инноватсия вобастагии зиёд дорад. Аммо ҷорӣ намудани инноватсия дар сатҳи корхона ҳамчун сарчашмаи рушди истеҳсолот дар ҳолате баромад карда метавонад, ки таъмини шароити мусоид, истифодаи фаъолона ва самарабахши он, дуруст ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолате аҳамияти махсус пайдо мекунанд, ки фаъолияти истеҳсолиро ба эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон равона созанд ва ин имконият фароҳам меорад, ки сари вақт вокуниши тағйирпазирро ба амал оварда, рақобати дорозмуддат ба даст оварда афзалиятҳои бештарро таъмин намояд. Ҳамин тариқ, барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди инноватсиониро метавон ҳамчун маҷмӯъи амал ва усулҳои пешбурди фаъолияти корхона, бо роҳи инкишоф додану ҷорӣ намудани истеҳсолоти инноватсионӣ таъмин кард.

Ба ақида Й. Шумпетер соҳибкор сиёсати инноватсиониро дар ҳолате татбиқ карда метавонад, ки имконпазирии даромадро дошта бошад: маҳсулоти навро истеҳсол мекунад, бозорҳои навро ташкил мекунад, натиҷаҳои самарабахшро ба даст оварда, ширкатро самаранок истифода мебарад.[109]

Яке аз нуқтаи асосии ташаккули инноватсионии корхона метавонад таҳлили вазъи муҳити беруна бошад, ки он барои муайян кардани рақобатпазирӣ ва бартараф кардани таҳдидҳо дар сатҳи микро ва макроиқтисод хизмат мерасонад. Ҳангоми такмилдиҳӣ ва интихоби самтҳои рушди инноватсионӣ дар сатҳи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таҳлили вазъи кунунии тиҷорат, баҳодиҳии дурнамо ва тағйиротҳое, ки дар натиҷаи рушди навовариҳои технологӣ ба вуҷуд омадаанд муҳим арзёбӣ мегардад. Дар шароити рушди босуръати техникаю технология ва афзоиши талабот ба маҳсулоти босифати инноватсионӣ, ҳар як корхонаро зарур аст, ки тадбиқи унсурҳои асосии рушди инноватсиониро дар сатҳи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монад, (Расми 6). Ҳамин аст, ки таъминоти молиявиро сатҳи якуми рушди инноватсиной қарор додем. Ҳоло замоне расидааст, ки шаклҳои нави муносибатҳои молиявӣ ва истифодаи манбаҳои иловагии молиявӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфта истодаанд ва ин имконияти инноватсиякунонии корхонаҳоро фароҳам меорад, ба монанди: ҷалби сармоя бо мақсади таъмини технологияи инноватсионӣ ва такмили технологии корхона; хариди техникаю

[109] Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.: Экономика, 1982. - С.865 с.

таҷҳизот дар шакли кредит бе пешпардохт; қарзҳои имтиёзноки бонкӣ; истифода аз лизинги молиявӣ ва ғайра.




**Расми 3.2.-Унсурҳои асосии рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Сатҳи дуюм, ки таъмини технологияи инноватсионӣ мебошад, аз интихоб ва татбиқи технологияи нав ё такмилёфтае, ки маҳсулотро ҷавобгӯй ба талаботи истеъмолкунанда истеҳсол менамояд гувоҳи медиҳад ва ин аз он иборат аст, ки корхонаҳои коркард бояд таҷҳизотҳоеро харидорӣ намоянд, ба стратегияи ояндаи корхона мувофиқат кунад. Яъне муҳлати истифодабарӣ, сифати истеҳсол, сарфаи энергия ва иқтидори истеҳсолии он вобаста ба миқдори ашёи хоми коркардшаванда ба инобат гирифта шавад. Дар баробари ин бояд техникаю технологияеро истифода намуд, ки арзиши он ба дараҷаи даромаднокии корхона мувофиқ бошад, баъдан метавон ташаккули инноватсионии корхонаро самарадиҳанда ҳисобид.

Аслан дар шароити имрӯза ҳазорон мутахассис дар бозори меҳнат қарор доранд, аммо қобилияти корӣ ва малакаи онҳо ба рушди инноватсионии техникаю технологияи замони муосир ва идораи он мувофиқат намекунад. Ҳамин аст, ки корхонаҳои истеҳсолӣ як қисми қувваи кориашонро аз ҳисоби мутахассисони хориҷӣ таъмин менамоянд ва ин ҳолат сарфи зиёди маблағро

талаб менамояд, дар баробари ин таъсири худро ба сатҳи иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва аҳолии он мерасонад. Аммо корхонаҳо маҷбур ҳастанд, истеҳсолотро дар шакли инноватсионӣ ва мувофиқ ба талабот ба роҳ монда мутахассисеро қабул намоянд, ки хароҷоти барои такмили технологӣ ва инноватсионии корхона сарф шудааст, руйпуш карда тавонанд. Аз нуқтаи назари мо, роҳи ҳалли масъалаи мазкур аз худи шахсе, ки як ихтисосро интихоб намуда, мутахассиси ҳамон самт шудан мехоҳад вобастагии зиёд дорад, чунки шароити имрӯза имконияти зиёди гирифтани таҷрибаи назариявию амалиро медиҳад. Ҳар шахс метавонад аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода барад ё тавассути сомонаҳои интернетӣ оиди истифодабарии технологияи пешрафта тасаввурот пайдо намояд.

Марҳилаи дигаре, ки ҳар як корхонаи истеҳсолӣ бояд ба назар гирад, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мебошад ва ин маънои онро дорад, ки истеҳсолкунанда дар баробари ба инобат гирифтани афзоиши миқдорӣ ва сифатии маҳсулот, дараҷаи даромаднокӣ ва сатҳи зиндагии аҳолиро ба назар гирифта, вобаста ба он истеҳсолотро ба роҳ монад. Асоси рақобатро талаботи истеъмолкунанда ташкил медиҳад ва ин ҳам аз сатҳи даромаднокии он вобаста мебошад. Ин ҳолатро ба назар гирифта маҳсулотеро истеҳсол кардан зарур аст, ки ба он ҳама табақаи аҳолӣ дастрасӣ пайдо карда тавонад.

Дар шароите, ки шаклҳои нави тиҷорати электронӣ ва бозорҳои нави инноватсионӣ ба вуҷуд омадаанд, корхонаҳоро низ зарур аст, ки аз он самаранок истифода баранд, ки ин ба дастрасии иттилоот оиди маҳсулоти корхона, рекламаи мол ва аз байн бурдани миёнаравоне, ки арзиши маҳсулотро якчанд маротиба зиёд мекунанд, мусоидат хоҳад кард. Амали намудани чунин мақсад дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ махсусан корхонаҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард мекунанд бо истифода аз барномаҳои инноватсионӣ – тиҷоратӣ ба монандаи Oracle E-Business Suite, ки он барои идоракунии тиҷорати корхона хизмат мекунад, муҳим арзёбӣ мегардад.[110]

[110] Манбаи электронӣ: URL: http://WWW.oracle.com (санаи муроҷиат: 22.10.2022).

Oracle E-Business Suite – ин маҷмуи мукаммали барномаҳои ҳамгироишудаи тиҷоратӣ мебошад, ки идоракунии самараноки тамоми раванди фаъолияти корхонаро таъмин менамояд. Ба монанди идоракунии молиявӣ, кадрӣ, истеҳсолот, харид, логистика, маркетинг, фурӯш, хизматрасонӣ, муносибатҳои миёнаравӣ ва ғайра, ки он метавонад чунин масъалаҳоро ба танзим дарорад;

✓ таъмини идоракунии самаранокии истеҳсолот: самаранокии рушди истеҳсолот ва асоснокии қарорҳои қабулшударо дар ҷараёни гузаронидани амалиётҳои банақшагирии стратегӣ ба танзим дароварда, дар асоси нишондиҳандаҳои дар раванди фаъолият ба даст омада ва шаффофияти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва татбиқи стратегияи рушди минбаъдаро муайян менамояд;

✓ идоракунии ҷараёни моддӣ: имкон медиҳад, ки дар доираи муайяни вақт банақшагирӣ ва моделсозии раванди фаъолиятро таъмин намояд ва муносибати байни таъминкунандагон ва боркашониро дар сатҳи шуъбаҳои корхона ба танзим дарорад;

✓ барномаҳои молиявии Oracle: идора кардани гардиши пули дохилию берунӣ ва ҳаракати дороиҳои корхонаро дар ҳоле, ки система ҳазорҳо амалиётро иҷро мекунал, уҳдадориҳои андозиро ҳисоб намуда, нишондиҳандаҳои самаранокии кори ҳар як шуъбаро дар алоҳидагӣ муайян ва пешгуйӣ менамояд, инчунин оид ба рушди фаъолияти корхона маълумот медиҳад;

✓ низоми идоракунии кадрҳо: сарфи маблағҳоро назорат мекунад, маълумоти саривақтӣ ва мушаххасро оиди истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ба роҳбарияти корхона мерасонад;

✓ идоракунии истеҳсолот: барномае мебошад, ки барои идоракунии ҳамаҷонибаи корхона ва идоракунии раванди истеҳсолот пешбинӣ шудааст;

✓ низоми логистикӣ: ба корхона имкон медиҳад, ки иттилоот ва идоракунии раванди марбут ба гардиши молро, аз марҳилаи воридот (дастрасӣ аз таъминкунанда) то интиқоли маҳсулот ва ғайра идора намояд.[111]

---

[111] Манбаи электронӣ: URL: http://WWW.oracle.com (санаи муроҷиат: 22.10.2022).

Ҷорӣ намудани барномаҳои тиҷоратӣ-инноватсионӣ барои идоракунии корхонаҳо имкон медиҳад: сарфаи вақтро дар гардиши мол, ҳуҷҷатгузорӣ ва тафтиши он кам намояд, хатогиҳои ҳисобдориро бартараф намояд; идоракунии фаъолиятро дар меъёри муайяни вақт ба танзим дарорад; автоматикунонии ҳисобу китоб ва гардиши молу маҳсулотро таъмин намояд; гузоришро оиди афзоиши талаботи истеъмолкунанда ва ғайра пешниҳод намояд.

Барномаи мазкур ҳамчун пойгоҳи маълумотӣ истифода шуда, соли 1977 дар ИМА таъсис ёфтааст, ки ҳоло воҳидҳои сохтории он дар 145 давлати дунё ҷойгир мебошад. Ширкати Oracle дар баробари дигар ҳамтоёни худ дар ҷойи аввал меистад, ки тамоюли истифодабарии онро дар диаграммаи 3.3. мушоҳида кардан мумкин аст.[112]

**Диаграммаи 3.3.- Рейтинги барномаҳои инноватсионии тиҷоратӣ**




**Сарчашма:** https://habr.com/ru/company/otus/blog/560278/(санаи муроҷиат 26.01.2023).

Дар диаграммаи мазкур ба мушоҳида мерасад, ширкати Oracle аз соли 2006 инҷониб, дар ҷойи якум қарор дорад, ки ин ҳам имконияти истифодабариро дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам васеъ намуда, фаъолияти инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро таъмин менамояд. Зери мафҳуми фаъолияти инноватсионӣ татбиқи фаъолият аз ҷониби субектҳои хоҷагидорӣ оид ба таҳия ва ҷалби технологияи муосири такмилёфта фаҳмида

[112] Bursztynsky, Jessica. Oracle is moving its headquarters from Silicon Valley to Austin, Texas, CNBC (11 декабря 2020).

мешавад, ки дар гардиши фаъолияти иқтисодӣ мавриди истифода қарор мегирад.[113]

Фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро дар шароити имрӯза бе таъсири омилҳои дохила ва беруна тасаввур кардан ғайри имкон аст. Аз ин лиҳоз, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар баробари таъсири омилҳои беруна ва дохила ба монанди фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизот, сарфи аз меъёр зиёди энергия, норасоии иқтидори истеҳсолӣ ва ғайра дар бартараф кардани мушкилоти корхона хизмат мерасонад.

Ҳавасмандии инноватсионии беруна асосан барои дарёфти истеъмолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ дар бозор мебошад. Дар бозор рақобати шаддид байни субектҳои хоҷагидорӣ, ки молҳои воридотивазкунанда истеҳсол мекунанд вуҷуд дорад. Тамоюли содирот бошад ҳамчун муҳаррики инноватсиякунонии корхона хизмат мекунад, зеро корхонаҳои коркард маҷбур мешаванд, ки маҳсулоти худро ба рақобати бозори ҷаҳонӣ мувофиқ созад.

Агар ба вазъи воқеии фаъолияти корхонаҳо баҳодиҳи намоем муайян мегардад, ки дар рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррас нисбат ба солҳои гузашта ба миён омадааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои солҳои охир исбот менамоянд, сатҳи рушди инноватсионӣ ба 9,5% баробар гардидааст. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзие, ки сатҳи баланди инноватсиониро касб кардаанд ҶДММ “Водии Зарин”- и ноҳияи Хуросон, ҶСП “Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил” – и ноҳияи Данғара, ҶДММ “Мармарӣ” дар ноҳияи Ёвон ва Данғара, ҶСП “Равғани Сомонӣ”, ш. Бохтар, ҶДММ “Мурғи Мӯъминобод” дар н. Мӯъминобод ва ғ. ба ҳисоб мераванд.

Метавон қайд намуд, ки Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил” – и ноҳияи Данғара, ки дар ҳамкори бо сармоягузорону мутахассисони Ҷумҳурии мардумии Чин бунёд ёфтааст, яке аз бонуфузтарин корхона аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолию технологӣ дар Осиёи

[113] Трифилова А.А. Отценка эффективности инновационого развития: Монография. Москва: Финансы и статистика, 2005.- С.6.

Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки бо пешрафтатарин технологияи инноватсионии коркарди пахта, ки аз ширкатҳои бонуфузи Чин, Олмон ва Шветсария дастрас гардидаанд таъмин мебошад. Ҳоло дар корхона таҷҳизотҳо барои бофандагӣ, рангуборкунӣ ва дузандагӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки 190 ададашро дастгоҳои дӯзандагӣ, 1 адад мошини худкори буранда, 2 адад дастгоҳи тарроҳӣ, 1 дастгоҳи гулдузӣ ва 3 ададашро дастгоҳи дарзмолкунӣ ташкил медиҳад.

Марҳилаи аввали фаъолияти корхонаи мазкур бо иқтидори коркарди 10 ҳазор тонна пахта ва истеҳсоли 7600 тонна риштаи баландсифат, моҳи августи соли 2016 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифада қарор дода шуд. Соли 2018 марҳилаи дуюми он бо иқтидори истеҳсолии наздик ба 15 ҳазор тонна коркарди нахи пахта ва истеҳсоли 7600 тонна ришта дар як сол ва марҳилаи сеюм бошад бо 11 дастгоҳи рангуборкунӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дар сарфаи қувваи барқ каммасраф мебошанд ва истеҳсоли солонаи он дар рангуборкунии матоъҳои газвор зиёда аз 3000 тоннаро ташкил медиҳад муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

То имрӯз аз ҷониби корхона 183 ҳазор дона либосҳои гуногун, 37,2 тонна матоъҳои рангуборшуда 50,14 тонна газвор ва 5 миллиону 35 ҳазор метри мураббаъ матои кешбофӣ, истеҳсол шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшудаи корхона бештар ба мамлакатҳои Руссия, Беларусия, Туркия, Полша, Чину Покистон ва Озарбойҷон содир карда мешаванд, ки аз ҳисоби даромади корхона аз соли 2016 то имрӯз ба буҷети давлат беш аз 150 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Дар чор марҳилаи фаъолияти корхона 1250 нафар коргар ҷалб шудааст, ки дар оянда имкон аст, бо баланд бардории иқтидори истеҳсолии корхона ва ташкили 3 басти корӣ шумораи кормандон ба 2000 нафар баробар карда шавад.[114]

Ба анҷом расидани марҳилаи сеюм ва чоруми лоиҳаи насоҷии ҶСП "Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил" ва "Парки кишоварзию саноатии нассоҷии Ҷунтай Син Силу" Тоҷикистонро яке аз бузургтарин мамлакати кишт ва

[114]Манбаи электронӣ: https://medt.tj/ru/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/2291-28-04-2022

коркарди нахи пахта, ресандагӣ ва бофандагӣ дар Осиёи Марказию кишварҳои ҷаҳон муаррифӣ мекунад.

Дар диссертатсия самранокии фаъолияти инноватсионии чанде аз корхонаҳои номбурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, таҷрибаи илмию амалии онҳо оид ба масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"- и ноҳияи Данғара низ аз ҷумлаи чунин корхонаҳо маҳсуб меёбад, ки имрӯз дар шароити иқтисодиёти кишвар бо технологияи инноватсионӣ кор мекунад ва дар 5 соли охир фаъолияти самаранок дорад, (ниг. ба ҷадв. 3.3.).

**Ҷадвали 3.3. - Таҳлил ва баҳодиҳии вазъи кунунии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"**

| Нишондиҳандаҳо | Гардиши сармоя | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2021 | Тағйирот 2021/2017 |
| Маҳсулоти умумии корхона (сомонӣ) | 273177303,5 | 676662800 | +403485496,5 |
| Фондҳои асосии истеҳсолии корхона (сомонӣ) | 435017163 | 557855100 | +122837937 |
| Шумораи миёнасолонаи коргарони корхона (нафар) | 287 | 650 | + 363 |
| Фоидаи балансии корхона(сомонӣ) | 45799462,5 | 115556641 | +69757178,5 |
| Андоз аз фоидаи корхона (сомонӣ) | 5953930,12 | 15022363,3 | + 9068433,2 |
| Фоидаи софи корхона (сомонӣ) | 39845532 | 100534278 | + 60688746 |
| Фондмусалаҳии меҳнат (сомонӣ/нафар) | 1515739,24 | 858238,61 | - 657500,62 |
| Боздеҳии фондҳо (сомонӣ) | 0,62 | 1,21 | + 0,58 |
| Фондғунҷоиши маҳсулот(сомонӣ) | 1,59 | 0,82 | - 0,76 |
| Дараҷаи фоиданокӣ, % | 16,7 | 17,0 | + 0,31 б.ф. |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи ҶСП "Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил" дар солҳои 2017, 2021 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Дар давраи таҳлил ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 2,4 маротиба, шумораи коргарони корхона 2,2 маротиба, дараҷи фоиданокии корхона ба андозаи 0,6 б.ф, фоидаи софи корхона 2,5 маротиба афзоиши ёфтааст. Дар баробари ин, корхона соли 2017 ба миқдори 5953930,12 сомонӣ андоз супоридааст ва соли 2021 бошад ин нишондиҳанда ба 15022363,3 сомонӣ баробар мебошад, ки афзоиши он 9068433,2 сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаи дигаре, ки дар сатҳи баланди инноватсионӣ таъсис ёфтааст ва яке аз калонтаринҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ин маҷмааи агросаноатии ҷорводории ҶДММ “Мармарӣ” дар ноҳияи Ёвон ба ҳисоб меравад. Маҷмаа барои парвариши ҷорвои гӯштӣ ва коркарди он таъсис додашуда ба технологияи пешқадами аврупоӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ сохта

шудааст, ки ба 3 сар чорво 10 гектар замин рост меояд ва дар он 1000 сар парвариш карда мешавад. Инчунин, дар маҷмаа минтақаи санитарӣ барои 500 сар, коргоҳи хӯрокатайёркунӣ бо иқтидори 10 тонна соат, анбори нигоҳдории хӯроки чорво барои 4500 тонна, чуқурии нигоҳдории силос барои 21000 тонна сохта шудааст. Системаи гармидиҳӣ ва тоза намудани хонаҳо, минтақаи зоотехникӣ ва ветеринарӣ ба таври автоматӣ идора карда мешаванд. Ҳамчунин барои кам кардани арзиши ғизо, доруҳои байторӣ ва кам кардани талафоти чорво баҳисобгирии онлайн ва мониторинги саломатии ҳайвонот ба таври идоракунии рақамӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳар сар чорво чипҳои хурд насб гардидааст. Идораи раванди баҳисобгирии муҳосибӣ тавасути барномаи "1C: Enterprise 8" ба роҳ монда шудааст. Маҷмааи мазкур барои таъмини ғизо 800 гектар замини ноҳияи Ёвонро дар ихтиёр дорад, ки дар он ҷуворимаккаю чавдор барои силос, юнучқа ва гандум парвариш карда мешавад. Чорво бошад, аз кишварҳои Аврупо зотҳои абердин-ангус (сиёҳ ва сурх), кабуди Белгия, герефорд, лимузин, обрак, симментал, шалорало ва шведӣ, ки маъмултарин дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта ва ба шароити табиию иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд ворид карда шудааст. Вазни чорвои 16-18 моҳа вобаста ба зот 500-700 килограммро ташкил медиҳанд.[115] Алҳол гӯшти ширкати “Мармарӣ” дар кишвар беназир буда, талабгорони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст.

Ҳамчунин, соли 2021 дар ноҳияи Данғара маҷмааи агросаноатии мурғпарварӣ ҶДММ “Мармарӣ” таъсис дода шуд. Барои сохтмони бинои инкубатор 1 гектар замин ҷудо гарида, масоҳати зери бинои инкубатор зиёда аз 2000 метри мураббаъ мебошад, ки калонтарин инкубатор дар кишвар маҳсуб меёбад. Биноҳои он бо тарҳи муосири истеҳсолӣ ва иншооти ёрирасон бо насби техникаю таҷҳизоти навтарин ва ҷавобгуйи талаботҳои санитарию эпидемиологӣ сохта шудаанд. Иқтидори солонаи барориши чӯҷа дар инкубатор 5 миллион сарро ташкил медиҳад, ки аз ин 3 миллион сар ба мурғхонаи маҷмааи парандапарварии “Мармарӣ” барои парвариш таҳвил дода мешавад. Чӯҷаҳои дигари корхона бошанд, барои таъмини дигар мурғхонаҳои кишвар ҳамчун

[115] Манбаи электронӣ. https://meat.marmari.tj/(санаи муроҷиат 23.01.2023).

чӯҷаҳои хушзоти гӯштӣ пешниҳод мегарданд. Барои таҳвили чӯҷаҳо ба мурғхона техникаи махсусгардонидашуда бо мақсади риояи талабот ва меъёрҳои муайянгардида дастрас карда шудааст. Таҷҳизотҳо ба ҳама талаботи замони имрӯза ҷавобгӯй буда, аз ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин "ИАЙ Фарминг" (EI Farming), ки дар бозорҳои кишварҳои Аврупо ва Осиё мавқеи назаррас доранд, дастрас гардидаанд.[116]

Дар баробари ин, дар деҳаи Себистон фабрикаи парандапарварии мурғи гӯштии комплекси агросаноатии мурғпарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Мармарӣ" таъсис дода шуд. Комплекси агросаноатӣ бо дарназардошти таъмини бозори истеъмолии пойтахти мамлакат, ки таҳти назорати бевоситаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қарор дорад, ҷиҳати сари вақт ва бо сифати аъло пешниҳод намудани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ фаъолияти худро пеш мебарад.

Ҳудуди мурғхона 22,75 гектар заминро дар бар гирифта, дар он бинои маъмурӣ, 12 фермаи парвариши паранда, 4 анбор, бинои санитарӣ, 2 минтақаи коркарди санитарии техника ва обанбор сохта шудааст. Дар ҳар як ферма то 30 ҳазор сар мурғ парвариш карда мешавад ва давраи парвариш 45 рӯзро дар бар мегирад. Бо истифода аз иқтидори ҳамаи мурғхонаҳо имкон аст, дар як сол зиёда аз 3 миллион сар мурғ парвариш карда шавад. Маблағи умумии сармояи ба бунёди корхона ҷалбгардида 104 миллион сомониро ташкил дода, дар он якҷоя бо инкубатори корхона зиёда аз 160 ҷойи кории нав таъсис дода шудааст. Аз ин шумора мутахассисони касбии сатҳи олӣ ва кормандони қаториро шаҳрвандони кишвар дар бар мегирад. Дар фермаҳо таҷҳизоти муосири ширкатҳои аврупоӣ ва хитоӣ насб гардидааст, ки аз хатҳои хӯрокдиҳӣ, обдиҳӣ, равшанидиҳӣ, гармидиҳӣ ва ҳавотозакунӣ иборат мебошанд. Инфрасохтори ҳудуди мурғхона бо хатти барқ ва хатти об таъмин гардида, роҳҳои он мутобиқ ба стандартҳо мумфарш карда шудааст. Дар иншооти мазкур барои мунтазам фаъолият намудани мурғхона шароит фароҳам оварда шуда, дар баробари ин зиёда аз 20

---

[116] Манбаи электронӣ. https://www.dushanbe.tj/articles/732-iftito-i-kompleksi-agrosanoatii-mur-parvarii-am-iyati-doroi-mas-uliyati-ma-dudi-marmar-dar-no-iyai-dan-ara (санаи муроҷиат 23.01.2023)

техника ва механизмҳои махсус истифода мешаванд. Баробари ба кор ҷалб кардани сокинони маҳаллӣ барои онҳо шароити беҳтари корӣ низ ташкил гардидааст, аз ҷумла онҳо бо хӯроки гарм, либоси корӣ, маоши хуб ва лавозимоти корӣ таъминанд.[117]

Аз таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои номбурда маълум мегардад, ки рушди инноватсионӣ ва истифодаи технологияи муосир дар шароити имрӯза мувофиқи мақсад буда, муҳимияти ташкили муҳити инноватсиониро дар фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ иникос менамояд. Дар натиҷа муайян карда шуд, ки омилҳои асосии таъсиррасон дар монеъ шудан ва ё маҳдуд кардани рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ инҳоянд:

1) дараҷаи пасти илмию техникӣ ва иқтидори технологии корхона;

2) камчинии захираҳои молиявии худӣ;

3) маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ, барои таъмини рушди инноватсионии бахшҳои истеҳсолоти;

4) норасоии кадрҳои баландихтисос оид ба истифодабарии самараноки технологияҳои такмилёфта ва нави инноватсионӣ;

5) гаронии арзиши инноватсиякунонии корхона.

Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал тадбиқ намудани барномаи саноатикунонии босуръати кишвар кушиш ба харҷ дода истодааст, ки роҳи ҳалли мушкилотҳои зикргардида мебошад. Дар натиҷаи мутобиқ гардонидани шароити меҳнатӣ ва рақобатпазир гардонидани соҳаҳои истеҳсолӣ мушкилоти номбурда қисман бартараф гардида, истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, дар баланд бардоштани соҳаҳои афзалиятноки саноат, махсусан барои коркарди нахи пахта, маводи озуқаворӣ ва масолеҳи сохтмонӣ то 70 фоиз аз нав таҷҳизонидан бо таҷҳизоти технологӣ, инчунин, дар бунёди корхонаҳои саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имконият фароҳам оварад. Дар ин замина қобили қайд аст, ки

---

[117] Манбаи электронӣ. https://www.dushanbe.tj/articles/732-iftito-i-kompleksi-agrosanoatii-mur-parvarii-am-iyati-doroi-mas-uliyati-ma-dudi-marmar-dar-no-iyai-dan-ara (санаи муроҷиат 23.01.2023).

барномаи саноатикунонӣ имрӯз барои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ дар ҳама соҳаҳои саноат, дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, навсозӣ ва аз нав муҷаҳҳазгардонии техникии корхонаҳо ҳамчун омили асосии ҳалли мушкилиҳои дар боло зикргардида кумаки амалӣ хоҳад расонид.[118]

Бо вуҷуди ин тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ корхонаҳои саноатӣ дар фаъолияти инноватсионӣ ба баъзе масъалаҳои ҳалталаби зерин мутаваҷеҳ мегарданд: соҳибкорони инфиродӣ, роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳои таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои такмили технологияҳое, ки маҳсули раванди инноватсионӣ мебошад, инчунин аз нав муҷаҳҳаз гардонии техникӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири инноватсионӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Маблағгузории корҳои таҳқиқотӣ илмӣ ва озмоишию конструкторӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ дар истеҳсолот ва навсозии фондҳои асосӣ дар саноат кофи нестанд.

Дар ин таносуб мутобиқати тадқиқотҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсиониро борои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ гузаронидани корхонаҳо аз истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар дохили ҷумҳурӣ бо истифода аз захираҳои ашёи хоми мамлакат ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифату воридотивазкунанда таъмин кардан зарур аст. Имконияти иҷрои ин амалҳо бо мавҷудияти ашёи хоми бойи маҳаллӣ, аз қабили навъҳои гуногуни алюминии аввалия, пораву партовҳои сершумори металҳои сиёҳ, пахта, пашму пӯсти ҳайвонот, маҳсулоти кишоварзӣ ва канданиҳои фоиданоки маъданию ғайримаъданӣ вобаста мебошад.

Тибқи сенарияи рушди индустриалӣ – инноватсионии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вазифаҳое, ки аз ҷониби ҳукумат гузошта шудаанд, мушкилоти соҳа бартараф гардида ба таври мушаххас баён гардидааст, ки ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ саноатӣ дар сохтори ММД, то охири давраи пешбинишаванда қариб 1,8 маротиба (солҳои 2016-2020 афзоиш

---

[118] Барномаи саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.- ш. Душанбе, 27.05.20.- С.37(293с).

аз 12,3 то 13-13,5 фоиз, солҳои 2021-2025 то 16-16,5 фоиз ва солҳои 2026-2030 то 20-21 фоиз) афзоиш меёбад. Мувофиқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи амалишавии стратегия 5,1 маротиба ва саноати коркард 5,5 маротиба афзоиш меёбад.[119]

Ҳадафҳои гузошташударо танҳо бо роҳи таъмини идоракунии самаранок ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар тамоми бахшҳои истеҳсолот метавон амалӣ кард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташкили муҳити инноватсионӣ дар сатҳи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ рушди чунин зерсохтори муҳими соҳаи саноатро ба миён меоварад,  ки онро алгоритми афзалиятҳои ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои сатҳи  мазкур муаррифӣ намудан мумкин аст, (Расми 3.3.).

1. Сарфаи вақт ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат.
2. Сарфи ками энергия (пастшавии энергияғунҷоиш).
3. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти корхона.
4. Ба паст шудани арзиши аслии пурраи маҳсулотҳо мусоидат менамояд.
5. Баландбардории сифат ва таъмини рақобатпазирии корхона.
6. Дарёфти мавқеъ дар бозор ва пайдо кардани каналҳои нави фурӯши маҳсулот.
7. Ба даст овардани фоидаи максималӣ, беҳтаршавии вазъи молиявии корхона ва сатҳи зиндагии кормандони он.

**Расми 3.3.-Алгоритми афзалиятҳои ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун раванди доимо тағйирёбанда дар мавриди такмилёбии технологияҳои инноватсионӣ қарор дошта, на танҳо бо мақсади ба даст овардани самараи миқдорӣ, инчунин таъминкунандаи самараи сифатию меҳнатӣ ва

---
[119] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи  то солҳои  2030.- Душанбе, 2016.- С.19.

рақобатнопазирии корхона баромад мекунад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мамлакати рӯ ба инкишоф шинохта мешавад, соҳаи саноат ва зерсохторҳои он ба такмилдиҳии техникӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ ниёз дорад ва барои дар амал татбиқ намудани рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи таҷрибаи илмию назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

**Хулосаи зербоби 3.2.**

Аз рафти таҳлил ва омӯзиши рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шуд, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Дар шароите, ки рушди инноватсионӣ тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатро фаро гирифтааст ва рӯз то рӯз талабот нисбат ба хизматрасонӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ афзоиш меёбад, зарур аст, ки корхонаҳои фаъолияткунанда ва дар оянда ба нақша гирифташудаи соҳаи саноат ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ коркард мекунанд дар шакли инноватсионӣ таъсис дода шаванд;
2. Маҳсулоти истеҳсолшуда бо назардошати талаботи бозори дохилию хориҷӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй истеҳсол карда шавад, то ки рақобатпазириро таъмин карда тавонад;
3. Дар тамоми самти фаъолияти корхонаҳо ҷиҳати баланд бардоштани хизматрасониҳои инноватсионӣ, соҳаҳои дахлдор ва корхонаҳоро зарур аст, ки бозомӯзии кадрҳоро дар кишварҳои хориҷа ба роҳ монда тарзи сохтани барномаҳои идоракунии инноватсионӣ ва кор бо онро омухта дар амал истифода намоянд;
4. Ҷиҳати ташаккул ва пешрафти корхонаҳои инноватсионӣ дар мамлакат зарур аст, ки дастгириҳои буҷетию андозӣ ба соҳаи мазкур дода шавад ва вобаста ба имконият як қисми қарзи давлатӣ барои пешрафти чунин соҳаи муҳими иқтисодӣ кишвар сафарбар гардад.

### 3.3. Таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб

Дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ва талабот ба истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди босуръати соҳаи саноат эҳтиёҷ дошта, инкишоф ва рушди устувори соҳаҳои саноати коркардро талаб менамояд. Айни замон аз таҳлил ва омӯзиши вазъи кунунии соҳа бармеояд, ки ғайр аз соҳаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти хуроквориию нассоҷӣ дигар соҳаҳои саноат ба монанди саноати коркарди маъдан, металургия, мошинсозӣ, техникаю технологияи муосир ва коркарди васеъи маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ташаккул ва инкишоф наёфтаанд. Мушкилоти мазкур, пеш аз ҳама, аз тайёр намудани кадрҳо ва фаъолияти захираҳои меҳнатӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ вобаста мебошад, ки он таъмини фазои ҳуқуқӣ ва сармоягузории мустақимро талаб менамояд. Амалигардонии фаъолияти мазкур аз мақсаднок ва дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани вазифаю уҳдадориҳои сохторҳои давлатию хусусӣ, ки сармояи дохилию хориҷиро ҷалб менамоянд, вобаста мебошад. Барои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармоягузорон, ташкилоту муассисаҳои амалкунандаро  зарур аст, ки дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ кафолат ва дастгириҳои давлатӣ, лоиҳаҳои мақсадноки сармоягузорӣ ва нақшаи соҳибкориро таҳия ва татбиқ намуда, таҳлилҳои соҳавию баҳои воқеии бозорӣ дохилию хориҷиро муайян намуда захираҳои молиявии заруриро таъмин ва сафарбар намоянд.

Бо мақсади тезонидани рушди минбаъдаи саноатикунонии босуръат ва аҳамияти муҳим доштани он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, “Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”, “Барномаи рушди металургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025”, “Барномаи рушди

саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022” ва дигар барномаҳои соҳавӣ таҳия ва қабул гардида, мавриди амал қарор дода шудаанд.[120]

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо собит сохтанд, ки ислоҳоти татбиқгардида дар таъмини рушди босуръати саноати коркард кифоякунанда набуда коҳишёбии он дар сохтори ММС кишвар аз 65 % - и соли 2015 ба 56 % дар соли 2019 расидааст. Дар баробари ин ҳоло дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ ба воситаҳои арзон ва дарозмуддати молиявӣ қонеъкунанда нестанд. Гарчанде, ки фаъолияти корхонаю коргоҳҳо дар самти коркарди пахта ба роҳ монда шудаанд, танҳо 30%-и он коркард шуда, дигар маҳсулотҳо ба монанди пилла 1,2%, меваю сабзавот бошад танҳо 3% дар сатҳи дохили кишвар коркард мешавад, боқимондааш ҳамчун ашёи хоми содиротӣ истифода мегардад.[121]

Тадбиқи ҳадафи гузошташуда барои сиёсати Ҳукумати кишвар дар соҳаи саноат нақши калидӣ дорад, зеро ин сиёсат ба гузариши босуръати иқтисодиёти мамлакат ба самти инноватсионии рушд, баланд бардоштани суръати рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, сатҳи некуаҳволӣ ва коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мушкилоти ҳалталаб дар соҳаи саноати кишвар ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат мавҷуд аст, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

- норасоӣ дар гардиши сармояи корхонаҳо ва фоизи нисбатан баланди қарзҳои бонкӣ;
- баррасии масъала тавассути тендери сармоягузорӣ бо шарту уҳдадориҳо ва ба фурӯш баровардани саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомии соҳаи саноати ҷумҳурӣ, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат мавҷуд мебошад;
- ақибмонии техникӣ ва технологӣ, дараҷаи баланди фарсудашавии моддию маънавии таҷҳизоти саноатию кишоварзӣ;
- сатҳи нокифояи рушд, рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.

[120] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.- Душанбе, 2021.- С.54.
[121] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.- Душанбе, 2021.- С.56.

Ҳалли мушкилоти зикргардида аз таъмини сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ вобастагӣ дорад, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан сармоягузории соҳаи саноати кишвар аз ҳисоби сармояи мустақими хориҷӣ таъмин гардида, ҳиссаи дигар намуди сармоягузориҳо танҳо 0,5 - 0,6 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ҳаҷми воридоти сармояи мустақим ба соҳаи саноати коркард дар диаграммаи 3.3. оварда шудааст.

**Диаграммаи 3.3.-Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. долл. ИМА)**




**Сарчашма:** Сомонаи интернетӣ URL: http://WWW.invest.tj Воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ соли 2020. (санаи муроҷиат: 29.10.2022). Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. С- 2.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои дар диаграмма иникосёфта муайян мегардад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноати коркард давоми солҳои 2016 -2021 тамоюли коҳишёбӣ дорад, вале агар ба ҳаҷми умумии он назар афканем тули солҳои амалишавии ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар дар маҷмӯъ 324289,3 ҳазор доллар сармояи мустақим ворид гардидааст, ки ин маблағ дар ҳалли мушкилоти молиявӣ ва таъмини рушди соҳа мусоидат мекунад.

Дар баробари ин ҷиҳати тақвият бахшидани ҷалби сармояи хориҷӣ, махсусан сармоягузории мустақим барои бахшҳои саноати коркард ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки чораҳои мушаххасро андешида давоми панҷ соли

оянда дар доираи “Солҳои рушди саноат” ҳаҷми сармоягузории мустақимро нисбат ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонад. Ҳоло дар мамлакат 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 42 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Аммо эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи кишвар аз ин ҳам сармояи бештарро талаб менамояд. Аз ин рӯ, соҳаҳои дахлдор вазифадор гардиданд, ки дар панҷ соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоянд.[122]

Барои амалӣ гардидани ин раванд низоми электронии пайгирии муроҷиати сармоягузорон дар доираи “Равзанаи ягона” роҳандозӣ карда шуд, ки ба ин восита ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ ба танзим даровaрда мешавад. Ҳамзамон соли 2022 раванди бақайгирии субектҳои соҳибкорӣ ба тариқи электронӣ дар муддати 24 соат ба роҳ монда шуд. Дар назар аст, ки 5 - соли оянда барои таъмини рушди саноати сабук бунёди 5 маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ роҳандозӣ карда шавад.[123] Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки таваҷҷӯҳи Ҳукумати мамлакат бевосита ба соҳаи саноат ва рушди босуръати он нигаронида шуда, амалишавӣ ва татбиқӣ ҳадафҳои стратегии кишварро таъмин менамояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии босуръат, вазъи кунунии онро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додем, ки дар натиҷа ҳаҷми сармояи ҷалбгардида ва сафарбарнамоии онҳо ба ноҳияҳое, ки қисми таркибии минтақаро ташкил медиҳанд, муъайян карда шуд, (Ҷадвали 3.4. ). Вазъи сармоягузориҳо дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки тайи солҳои таҳлилӣ дар маҷмӯъ 132152,5 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақим ва 85625,17 ҳазор доллари ИМА, дигар намуди сармоя ба вилояти Хатлон ҷалб гардидааст.

---

122 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”.-Душанбе, 21.12.2021.- С.12.
123 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”.-Душанбе, 21.12.2021.- С.12.

**Ҷадвали 3.4.- Вазъи сармоягузориҳо дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон давоми солҳои 2017-2021 (ҳаз. долл. ИМА)**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 600436,1 | 644420,5 | 606997,1 | 427964,9 | 718229,1 | 2998048 |
| Сармоягузориҳои мустақим | 354495,2 | 326761,86 | 345893,19 | 162542,7 | 342245,9 | 1531939 |
| Дигар навъи сармоягузориҳо | 245940,94 | 317658,67 | 261103,93 | 265422,2 | 375983,2 | 1466109 |
| Вилояти Хатлон | 59440,75 | 82071,16 | 21826,4 | 28207,92 | 26231,46 | 217777,69 |
| Сармоягузориҳои мустақим | 29358,73 | 59922,41 | 10595,17 | 14688,63 | 17587,58 | 132152,5 |
| Дигар навъи сармоягузориҳо | 30082,02 | 22148,75 | 11231,23 | 13519,29 | 8643,88 | 85625,17 |
| Минтақаи Кӯлоб | 33245,03 | 33245,03 | 17170,54 | 11133,55 | 11508,23 | 106302,4 |
| Сармоягузориҳои мустақим | 5802,78 | 5802,78 | 9866,37 | 2960,5 | 11508,23 | 35940,66 |
| Дигар навъи сармоягузориҳо | 27442,25 | 27442,25 | 7304,17 | 8173,05 | - | 70361,72 |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди ПҶТ. Ҳисобот дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи минтақаҳо барои соли 2017, 2018, 2019, 2020, 2021. Ҳисобот дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳо барои соли 2017, 2018, 201, 2020, 2021.

Аз ин миқдор 35940,66 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақим ё 27,1% ва 70361,72 ҳазор доллари ИМА ё 82,1% аз дигар намуди сармоягузориҳо ба минтақаи Кӯлоб равона гардидааст, ки он бештар ба н. Данғара яъне 56824,06 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақим ва 47725,32 ҳазор доллари ИМА дигар навъи сармоягузориҳо бо мақсади тайёр кардани нахи бофандагӣ, истеҳсоли маснуоти тамоку, интиқоли барқ, иҷораи автобусҳои шаҳрӣ ва байнишаҳрӣ бо ронанда, дигар фаъолиятҳои нақлиёти ёрирасон, дигар фаъолиятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ва ғайра равона гардидааст. Ҳамчунин, 6223,4 ҳазор доллари ИМА ба н. Восеъ бо мақсади бахрабардории низомҳои обёрӣ ва мелиоративӣ, обрасонии кишоварзӣ ва 15717,4 ҳазор доллари ИМА ба н. Ш.Шоҳин бо мақсади сохтмони роҳҳои автомобилгард, роҳҳо, фурӯдгоҳҳо ва иншоотҳои варзишӣ сафарбар шуда, 5,05 ҳазор доллари ИМА бошад ба н.Балҷувон барои истихроҷи нафти хом ва гази даргузар равона гардидааст, ки мушкилотро дар таъмини захираҳои молиявии минтақа қисман бартараф намудааст. Дар маҷмуъ муайян гардид, ки сармояи ҷалбгардидаи минтақаи Кӯлоб ба 3,5%-и сатҳи ҷумҳурӣ ва 48,8%-и сармоягузориҳои вилояти Хатлон баробар мебошад.

Гарчанде миқдори ками сармоягузориҳо дар соҳаи саноати коркарди минтақа истифода шуда бошад ҳам, вале он ба инфрасохтори зарурӣ равона гардидааст. Зеро онҳо низ дар таъмини ашёи хом, логистикаи мол ва таъсиси корхонаҳои нав мусоидат менамоянд. Аммо дар баробари ин ноҳияҳо дигар шаҳру ноҳияҳое ҳастанд, ки имконияти ташкили васеъи корхонаҳои истеҳсолиро дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дошта, ба сармоягӯзорӣ ниёз доранд, ки масъалаи мазкур ҳалталаб мебошад. Дар баробари ин таваҷҷӯҳи соҳибкорони ватанӣ ба соҳаи саноат ва коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ назаррас буда, аз ҷониби онҳо корхонаҳо дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои тобеъи минтақаи Кӯлоб бунёд гардида истодааст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар дастгирӣ меёбанд. Таҷрибаи амалии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нишон дод, ки тайи солҳои охир дар миқёси минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон чунин корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба кор даровардa шуданд.

Танҳо соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз ҷумла н. Данғара 9-адад, ш. Кӯлоб 5, Темурмалик, Восеъ ва Норак 4 ададӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 3 адад, Ховалингу Балҷувон 2-ададӣ ва н. Мӯъминобод 1 адад корхонаҳо дар самти истеҳсоли маҳсулти хӯрокворӣ, насоҷӣ ва сохтмонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.[124]

Ҳамчунин, зимни сафари кории Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон 21 корхонаю коргоҳи саноатиро ба истифода доданд, ки аз ин шумора 10 адади он ба минтақаи Кӯлоб рост меояд, аз ҷумла шаҳри Кӯлоб (корхонаи азими насоҷӣ), Ховалинг (корхонаҳои банду басти асал, парандапарварӣ), Данғара (корхонаҳои равғанбарорӣ, макорбарорӣ ва консерваи меваю сабзавот, ширӣ, қаннодӣ), Мӯъминобод (корхонаи шароббароии “Тоҷвайн”), Фархор (корхонаи дӯзандагӣ), Восеъ (корхонаи дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (корхонаҳои халтаҳои

[124] Манбаи электронӣ. https://khatlon-ruznoma.tj/itisodivu-itimo/1235-tasisi-86-korhonai-sanoat-dar-jak-sol.html (санаи муроҷиат 16.01.2023).

пропиленӣ, нонӣ ва қаннодӣ), Балҷувон (коргоҳи банду басти асал), Темурмалик (корхонаҳои пойафзолбарорӣ, дӯзандагӣ ва мебелбарорӣ) мебошанд.[125]

Ҳоло шумораи корхонаҳои саноатии шаҳри Кӯлоб 46 адад буда, аз ҷумла 7 корхонаи коркарди сангу шағал, 3 корхонаи хишти пухта, 2 корхонаи мошинсозӣ, 1 коргоҳи мебелбарорӣ ва дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бошад, 14 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 9 корхонаи пахтатозакунӣ, корхонаи ресандагӣ, 4 корхонаи дӯзандагӣ фаъолият доранд. Корхонаҳои мазкур зиёда аз 180 номгӯй маҳсулот, аз қабили нахи пахта, хишти бинокорӣ, регу қуми шустагӣ, бетони бинокорӣ, хишти сементӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ, маҳсулоти макаронӣ, мебелҳои гуногун, 66 намуди маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайра истеҳсол менамоянд.[126]

Метавон барои мисол ба фаъолияти ҶДММ “Парки насоҷчии шаҳри Кӯлоб” шиносоӣ пайдо намоем. Корхонаи мазкур дар як сол 34 миллион ҷуфт ҷӯроб истеҳсол менамояд, ки ҳамчун маҳсулоти рақобатпазир 95%-и он ба хориҷи кишвар, аз ҷумла Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Қазоқистон содир карда мешавад. Дастгоҳу таҷҳизоти корхона замонавӣ буда, дар он технологяи инноватсонӣ ҷорӣ карда шудааст, ки аз кишварҳои Туркия, Италия ва Чин дастрас ва харидорӣ гардидаанд. Дар корхона шумораи дастгоҳои худкори бофандагӣ 250 адад буда, 15 адад дастгоҳи истеҳсоли нуги ҷӯроб, 6 дарзмол ва 110 адад дастгоҳи бофандагии ҷӯробҳо васлу насб гардидааст ва он мувофиқи таъби харидор зиёда аз 500 навъи ҷӯробро истеҳсол менамояд. Раванди истеҳсол рангу бор ва бастабандӣ пурра дар дохили корхона анҷом дода шуда 500 нафар ба ҷойи кори доими таъмин гардидааст, ки асосан бонувон мебошанд ва пурра аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд. Корхона дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият намуда, 80 фоизи маҳсулот аз пахта иборат мебошад. Ришта барои маҳсулоти ниҳоӣ аз коргоҳҳои ҳудуди мамлакат дастрас гардида, талаботи харидорро ба маҳсулоти баландсифат  таъмин менамояд.[127]

---

[125] Манбаи электронӣ. https://khatlon-ruznoma.tj/itisodivu-itimo/1235-tasisi-86-korhonai-sanoat-dar-jak-sol.html (санаи муроҷиат 16.01.2023)
[126] Манбаи электронӣ. https://khatlon-ruznoma.tj/itisodivu-itimo/1235-tasisi-86-korhonai-sanoat-dar-jak-sol.html (санаи муроҷиат 16.01.2023)
[127] Манбаи электронӣ. http://yotube/com/@jahonamonews2600 (санаи муроҷиат 14.01.23).

Қайд кардан ба маврид аст, ки 25 июни соли 2020 бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025” тасдиқ гардид, ки дар он афзалият ба рушди соҳаи саноат дода шудааст. Дар доираи амалишавии барномаи мазкур бунёди 15 корхонаи азими саноатӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак ва замонависозии 5 корхонаи фаъолияткунанда бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва ҷалби беш аз 4 миллиард сомонӣ аз ҳисоби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар аст.[128]

Дар ноҳияи Мӯъминобод бошад 13 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки онҳо ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Корхонаҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард менамоянд, инҳо ҶДММ “Ёсуман” истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ҶДММ “Шифо чой” истеҳсоли чойи табобатӣ, ҶДММ “Туҳфаҳои Табиат” истеҳсол ва коркарди меваи хушк, ҶДММ “Мурғи Мӯъминобод” истеҳсол ва коркарди гӯшти мурғ, ҶДММ “Оила” коркарди меваю сабзавот, ҶДММ “ДУОБ-Р” корхонаи коркарди шир ва ҶДММ “Заркорон” корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан маҳсуб меёбанд.[129]

Масалан, ҶДММ “ДУОБ-Р” аз ду сехи коркарди меваю сабзавот ва коркарди шир иборат буда, он бо таҷҳизот ва технологияи муосири замонавӣ фаъолият дошта, 12 навъи маҳсулоти ширӣ истеҳсол менамояд. Иқтидори истеҳсолии он дар як басти кори 5 тонна маҳсулоти ширӣ мебошад. Дастрасии шир мувофиқи шартнома барои коркард аз хоҷагиҳои деҳқонӣ таъмин мегардад. Дастгоҳҳо барои коркарди меваю сабзавот бошад аз Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии мардумии Чин ворид гардида, дар саҳни корхона 2 гектар боғ бо мақсади таъмини меваю сабзавоти хушсифат бунёд ёфта, 6 навъи ниҳолҳо шинонида шудаанд, қисми дигари ашёи хом бошад аз дигар хоҷагиҳои ноҳия

---

[128] Манбаи электронӣ. https://sputnik-tj.com/20210426/sohtmon-15-korhona-kulob-1039052623.html (санаи муроҷиат 16.01.23).
[129] Манбаи электронӣ. http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=12263:2020-10-08-08-06-27&catid=74: prezident&Itemid=190 (санаи муроҷиат 16.01.23).

дастрас мегардад. Масоҳати умумии он 6000 $м^2$ буда, бинои он дар 2000 $м^2$ бунёд ёфтааст. Дар корхонаи мазкур 100 нафар ба кор ҷалб гардидааст, ки бештари онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.[130]

Ноҳияи Мӯъминобод ба соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷӯҳи хоса дошта, аз ҷониби соҳибкорони маҳалли ҳамасола корхонаҳои муосиру замонавӣ бунёд гардида истодааст. 4-уми октябри соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеъи Гулистони ноҳияи Мӯъминобод Комплекси агросаноатии ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Заркорон”-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Комплекси агросаноатӣ ба ифтихори ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар доираи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бунёд шудааст.

Самти асосии фаъолияти комплекси навбунёди агросаноатӣ, ки дар сатҳи кишварамон беназир аст, чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳидорӣ, боғдорӣ, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ ва коркарди он ба ҳисоб меравад. Масоҳати умумиаш 23 гектар буда, қариб 30 нафар ба ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд. Дар 0,30 гектари он кули моҳипарварӣ бунёд шуда, беш аз 10 ҳазор гулмоҳии гуногунвазн парвариш карда мешавад. Парвариши гулмоҳӣ бо усули муосир ба роҳ монда шуда, ҳарорати оби он пайваста муътадил нигоҳ дошта мешавад. Дар баробари ин дар масоҳати 8,74 гектар боғ бунёд гардида, дар он дарахтони себ, олу, гелос, бодом ва дигар навъи меваҳои шаҳдбор парвариш карда мешаванд. Инчунин, дар масоҳати 2,14 гектар боғи интенсивӣ бунёд гардида, ба ақидаи мутахассисон ҳосилнокии он 8-10 маротиба аз боғҳои муқаррарӣ зиёд мебошад. Ҳамин тариқ, дар як гектар аз 1500 то 2700 ниҳол

[130] Манбаи электронӣ. http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=12263:2020-10-08-08-06-27&catid=74: prezident&Itemid=190 (санаи муроҷиат 16.01.23).

шинонида шуда, ба ҳисоби миёна аз 30 то 40 тонна ҳосил рӯёнида мешавад, ки маҳсулоти он бештар барои содирот пешбинӣ шудааст.[131]

Қисми дигари Комплекси агросаноатии мазкурро Фермаи ширию молӣ ташкил медиҳад, ки он аз 4 бино иборат буда, дар он 100 сар чорвои ширдеҳи зоти шведӣ, голштинӣ, сиёҳало ва симменталӣ парвариш карда мешавад, ки ба шароити табиию иқлимии ноҳия мутобиқ мебошанд. Маҳсулнокии онҳо дар як шабонарӯз аз як сар чорво 16-18 литр бо равғаннокии 3,8% буда, дар як рӯз аз 300 то 400 литр шир истеҳсол карда мешавад. Ба ҳисоби миёна аз 100 сар чорвои калон 85-90 сар гусола гирифта мешавад.

Ҳамзамон, бо мақсади баҳодиҳии амиқ ҷиҳати самаранокии сармоягузории лоиҳаи мазкур метавонем бо сохтори он дар расми 3.3. шиносоӣ пайдо намоем.

[131] Манбаи электронӣ. https://tojikmatlubot.tj/iftito-i-kompleksi-agrosanoatii-dmm-zarkoron-dar-mavzei-gylistoni-no-iiai myminobod-2 (санаи муроҷиат 15.01.23).




*Расми 3.3.-Сохтори комплекси агросаноатии ЧДММ "Заркорон", н. Мўъминобод. Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Барои рушди соҳаи парандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшту тухми парҳезӣ дар комплекси агросаноатӣ 8 ҳазор сар муғи тухмдеҳи зоти "Лома" парвариш карда мешавад, ки ҳамарӯза аз 7000 то 7200 дона тухм истеҳсол менамояд. Фабрикаи мазкур бо технология ва таҷҳизоти муосири соҳавӣ ки аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дастрас гардидаанд муҷаҳҳаз буда, маҳсулоти он ба бозори истеъмолии ноҳияи Мӯъминобод ва ба шаҳри Кӯлоб пешниҳод мегарданд.

Ҷиҳати муайян намудани самаранокии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Мӯъминобод фаъолияти корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикани ҶДММ "Заркорон"- и н. Мӯъминободро ки соли 2019 ба фаъолият шурӯъ карда буд, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додем, (Ҷадвалӣ 3.5.).

**Ҷадвали 3.5.-Таҳлили самаранокии фаъолияти корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикани "Заркорон", н. Мӯъминобод**

| Нишондиҳандаҳо | Гардиши сармоя | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2021 | Тағйирот 2021/2019 |
| Маҳсулоти умумии корхона (сомонӣ) | 212100 | 250000 | + 37900 |
| Фондҳои асосии истеҳсолии корхона (сомонӣ) | 178164 | 206250 | + 28086 |
| Шумораи миёнасолонаи коргарони корхона (нафар) | 20 | 25 | + 5 |
| Фоидаи балансии корхона (сомонӣ) | 33936 | 43750 | + 9814 |
| Андоз аз фоидаи корхона (сомонӣ) | 4411,68 | 5687,5 | + 1275,82 |
| Фоидаи софи корхона (сомонӣ) | 29524,32 | 38062,5 | + 8538,18 |
| Фондмусалаҳии меҳнат (сомонӣ/нафар) | 8908,2 | 8250 | - 658,2 |
| Боздеҳии фондҳо (сомонӣ) | 1,19 | 1,21 | + 0,02 |
| Фондғунҷоиши маҳсулот (сомонӣ) | 0,84 | 0,82 | - 0,015 |
| Дараҷаи фоиданокӣ, % | 16 | 17,5 | + 1,5 б.ф |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикани "Заркорон", н. Мӯъминобод дар солҳои 2017, 2021 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Таҳлили фаъолияти корхонаи мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми исеҳсоли маҳсулот дар соли 2021, 250000 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда соли 2019 ба 212100 сомонӣ баробар буд, дар ин муддат исеҳсоли маҳсулот аз тарафи корхона ба миқдори 37900 сомонӣ афзоиш ёфтааст. Шумораи коргарони корхона бошад аз 20 нафар ба 25 нафар расида, дараҷаи фоиданокии корхона ба андозаи 1,5 фоиз афзоиш ёфта, аз 16 фоиз ба 17,5 фоиз баробар гардидааст. Дар ин муддат фоидаи софи корхона аз 29524,32 сомонии соли 2019 ба 38062,5 сомонӣ дар соли 2021 расида, афзоиши он 8538,18 сомониро ташкил медиҳад.

Андози супоридаи корхона бошад аз 4411,68 сомонӣ ба 5687,5 сомонӣ баробар гардидааст ё ба миқдорӣ 1275,82 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ҳоло, дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Восеъ чунин корхонаҳо, аз қабили ҶДММ "Ориёно МС", ҶСП "Восеъ", истеҳсоли маҳсулоти спиртдор, ҶДММ "Далер-С", ҶДММ "Идрис-2012", ҶДММ "Мирзохони Норбута", ҶДММ "Мусоҷон-С", ҶДММ "Неъмат", ҶДММ "Талабшо-С", ҶДММ "Ҷонибеки Анушервон", ҶСК ШХ "Самар", КТ "Ҳулбук", ҶДММ "Маҳмадрасул", ҶДММ "Саричашма-ЭМ.Т.", ҶДММ "Сунатуллои Шуҳрат", ҶСП "Сафари Қурбон" истеҳсоли насоҷӣ, ҶДММ "Алишер АСК" истеҳсоли дузандагӣ, МД "Матбааи н.Восеъ" истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр ва ҶДММ "Муминҷон" истеҳсоли маҳсулоти хӯрока фаъолият доранд.[132]

Дар ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ бошад, ҶДММ "Беназир-2010", ҶДММ "Ситораи Шарқ" истеҳсоли хӯрока, КТ "Зарафшони Панҷ", ҶДММ "Инсоф", ҶДММ "Савоб", ҶДММ "Шодиён", ҶДММ "Шоҳзамон", ҶДММ "Юсуфи Худойдод", ҶДММ "Замин коттон" фаъолият доранд.

Фархор низ аз ҷумлаи ноҳияҳои мансуби минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он ҶДММ "Амирҳамза - Баракат", ҶДММ "Исмоили Давлат", ҶДММ "Фароғат Н" ба истеҳсоли хӯрока, ҶДММ "Азиза-12", ҶДММ "Бибизайнаб", ҶДММ "Корпаратсияи Зиёратшоҳ", ҶДММ "Маъруфҷон12", ҶДММ "Сиёвуши Маҳмади", ҶДММ "МЕҲРОБ-А", ҶДММ "Синои Баҳром ", ҶДММ "Сиёвуши Маҳмади", ҶДММ "Субҳи Фархор 1", ҶДММ "Ҳоҷи Сайраҳмон", ҶДММ "Шаҳром-2011" ба истеҳсоли маҳсулоти насоҷӣ, КВД Хоҷагии зотпарварии "ҲИСОР", ҶДММ "Самои К" ва ҶДММ “Умар Саноат” фаъолият карда истодаанд.[133]

---

[132] Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021.

[133] Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Темурмалик ҶДММ "Хушсифат" истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ҶДММ "Гулдастон" истеҳсоли насоҷӣ, ВМ Сехи дузандагии "Кангурт"- и ҶДММ "Бозор" -и н.Темурмалик фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Данғара ҶДММ "25- солагии Истиқлолият", ҶДММ "Грин Голд", ҶДММ "Файзи Алӣ Данғара ", ҶДММ "Шири Данғара", ҶСП "Корхонаи ордбарории "Хӯшагандум" ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ҶДММ "Сино 1", ҶДММ "Сулаймон" ба истеҳсоли маҳсулоти нӯшокиҳои спиртдор, КВД “Дузандагӣ Данғара”, ҶДММ "Воҳид-К", ҶДММ "Оро", ҶСП "Чжунтай-Данғара Син Силу Текстил" ба истеҳсоли насоҷӣ, ҶДММ "Каёнуш-Дӯзандагӣ", ҶДММ "САБР-2016" ба истеҳсоли дузандагӣ, КВД "Чарми Данғара" ( собиқ Ал Асад) ба истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол, ҶДММ "Фарм Текс" ба истеҳсоли коғазу картон ва Корхонаи хурди "Тоҷи Осиё" бошад ба истеҳсоли маводи кимиёвӣ машғул мебошанд.[134]

Дар ноҳияи Ховалинг бошад, корхонаҳои зерин ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, ҶДММ "Сиккаи Кангуртӣ" ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, ҶДММ "Оби Ховалинг" ба истеҳсоли маҳсулоти нӯшокиҳои беспирт, ҶДММ  "Сайлатиф" ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб.

Дар ноҳияи Ш.Шоҳин ҶДММ "Ёғук", ҶДММ "Зафар", ҶДММ "Мавҷи Панҷ" дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ва КВД "Дузандагӣ ва коркарди мева" фаъолият менамояд.

Дар шаҳри Норак бошад корхонаҳои зерини коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият карда истодаанд, ҶДММ "Вахши Норак" ба истеҳсоли нӯшокиҳои беспирт, ҶСК "Бофандаи Норак", Ширкати истеҳсоли "Дӯстӣ" ба истеҳсоли насоҷӣ машғул мебошанд.[135]

Таҳлилу омӯзиши вазъи сармоягузориҳо ва фаъолияти корхонаҳое, ки дар шаҳру ноҳияҳои  минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба коркарди саноатии

---

[134] Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021.
[135] Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021.

маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд ошкор месозад, ки қисми зиёди онҳо ба истиснои якчанд корхонае, ки давоми солҳои охир таъсис ёфтаанд, корхонаҳои хурд буда, бештар ба истеҳсолоти насоҷӣ ва дӯзандагӣ машғул мебошанд. Вобаста ба ин масъала дар боби якуми таҳқиқот муайян карда шудааст, ки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ паҳлӯҳои зиёдро дар бар гирифта ва ҳар як шаҳру ноҳияи тобеи минтақа имкониятро дар таъмини ашёи хоми маҳаллӣ доранд ва самаранокии сармоягузориҳоро таъмин карда метавонанд. Вале мушкилоти асосӣ таъмини сармоягузорӣ ва пешниҳоди лоиҳаҳои аз ҷиҳати илмию амалӣ асосноккардашуда маҳсуб меёбад. Дар асоси ин метавон қайд намуд, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа ҳалталаб мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди устувори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, бо такя ба таҳлилҳои анҷомшуда ва маълумотҳои омории солҳои 2010-2021, модели ҳисоби авторегрессиониро барои пешбинӣ намудани вазъи ояндаи соҳа барои солҳои 2025-2030 таҳия намудем, ки дар ҷадвали 3.6. формулаҳои ҳисобкунӣ ва дар ҷадвали 3.7. натиҷаҳои бадастомадаи он, нишон дода шудаанд (Ҷадвали 3.6).

**Ҷадвали 3.6.-Моделҳо барои муайян намудани дурнамои рушди коркади саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб бо усули ҳисоби авторегрессионӣ**

| Намудҳои модели авторегрессионӣ | Мазмуни нишондиҳандаҳои модел |
|---|---|
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон=f (Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон$_{t-1}$) | $R^2$= 0,976179053<br>Коэффитсиенти b= 1,073<br>t-омор=20,243 |
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон=f (Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон $_{t-1}$) | $R^2$= 0,968962605<br>Коэффитсиенти b= 1,10169<br>t-омор=17,668 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Муайян гардид, ки барои пешбинӣ намудани рушди ояндаи соҳа дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, моделҳои ҳисоби хаттии авторегрессионӣ

мувофиқ буда, ҳисобкуниҳо замима мегардад. Бо истифода ва натиҷагирӣ аз моделҳои таҳияшуда, дурнамои суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2025-2030 муайян карда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3.7. дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 3.7.-Дурнамои суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб барои солҳои 2025-2030**

| Нишондиҳандаҳо | Амалӣ | | Дурнамо | |
|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2025 | 2030 |
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз. тонна) | 115,6 | 118,1 | 296,8 | 423,7 |
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ( ҳаз. тонна) | 51,9 | 55,7 | 155,1 | 257,1 |
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ) | 2959537,2 | 3792717 | 5042008 | 7197305,4 |
| Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ) | 1328719,5 | 1788775,2 | 2635133,7 | 4276724,7 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф** дар асоси моделҳои ҳисоби авторегрессионӣ

Бо назардошти афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии коркадшуда дар солҳои қаблӣ, дурнамои рушдиояндаи он таҳия гардида, муайян карда шуд, ки афзоиши он дар вилояти Хатлон аз 3792717 ҳазор сомонии соли 2021 ба 5042008 ҳазор сомонӣ ё ба миқдори 32,9% то соли 2025 мерасад. Ҳамзамон дар назар аст, ки афзоиши ин нишондиҳанда то соли 2030 ба миқдори 89,7% баробар мегардад. Дар баробари ин таҳлилҳо собит сохтанд, ки дурнамои ҳаҷми коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон аз 1788775,2 ҳазор сомонии соли 2021 ба миқдори 2635133,7 ҳазор сомонӣ ё 47,3% то соли 2025 ва ба миқдори 4276724,7 ҳазр сомонӣ ё ба андозаи 2,2 маротиба то соли 2030 афзоиши он дар назар аст. Аз рӯйи нақшаи дурнамо метавон қайд намуд, ки суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи мавриди таҳлил қароргирифта бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёд гардидани талабот бо маводи озуқаворӣ метавонад талаботро қонеъ намояд. Дар натиҷа зарур мегардад, ки бо истифода аз роҳу усулҳои мушаххас механизми баланд бардоштани суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзиро такмил дода онро дар амал татбиқ намоем.

### Хулосаи зербоби 3.3.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва омӯзиши таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1) Пешниҳоди лоиҳаҳои мақсаднок ва самарадиҳанда бо истфода аз роҳу усулҳое, ки ҳавасмандгардонии сармоягузорони дохилию хориҷиро таъмин менамоянд;

2) Истифодаи сармояи ҷалбгардида дар шаҳру ноҳияҳое, ки дорои захираҳои бойи ашёи хоми кишоварзӣ буда, эҳтиёҷ ба захираҳои молиявӣ доранд ва метавонанд самаранокии сармоягузориҳоро таъмин намоянд;

3) Дастгирии давлатии молиявии соҳибкороне, ки аз ҳисоби сармояи худӣ дар бунёд ва таъсиси корхонаҳои саноатӣ ташаббускоранд;

4) Ба роҳ мондани ҳамкориҳои зичи молистеҳсолкунандагон байни вазорату кумитаҳо оид ба ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ;

5) Ташкил намудани марказҳои машваратӣ оид ба тавсияи ҳуқуқӣ, гирифтан ва истифода бурдани қарзи бонкӣ, лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя ва дигар намуди хизматрасониҳо.

Дар маҷмуъ аз ҷамбасти боби сеюм чунин пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1) Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи минтақаҳои он дастгирии давлатӣ оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои стратегӣ, махсусан саноатикунонии босуръат рӯз то рӯз такмил ёфта, ҷиҳатҳои ҳуқуқии он мутобиқ ба стандартҳои эътирофшудаи байналмилалӣ қабул гардидааст, аммо қувваҳои пешбаранда вобаста ба татбиқ ва амалигардонии онҳо заиф ба назар мерасанд. Дастгириҳо аз ҷиҳати молиявӣ бошад бо назардошти имкониятҳои мавҷуда такмил ёфта, дастгириҳои буҷетӣ, андозӣ, гумрукӣ, қарзӣ ва грантӣ бештар ба соҳаи саноат равона гардидааст, ки пешниҳодҳои муфид бо мақсади истифодаи самараноки онҳо тавсия гардида, барои минтақаи Кӯлоб муҳим арзёбӣ мегарданд.

2) Дар самти рушди инноватсионии кохонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ метавон қайд намуд, ки солҳои охир бо баробари пайдоиши технологияи муосири инноватсионӣ истифодаи он дар сатҳи ҷумҳурӣ беҳтар гардида аз ҷониби ҳукумати кишвар барои воридоти онҳо имтиёзҳо пешбинӣ шудааст. Вале истифодаи онҳо танҳо дар сатҳи корхонаҳои навбунёд ба назар расанда корхонаҳое, ки фаъолияти чандинсола доранд баъзе дастгоҳу таҷҳизотҳояшон аз даврони шуравӣ боқӣ мондаанд, ки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй набуда, маҳсулоти онҳо рақобатпазириро нисбати ҳамтоёни худ таъмин карда наметавонанд. Ҳамин тавр, бо мақсади беҳтар намудани вазъи соҳа роҷеъ ба такмилдиҳии инноватсионии корхонаҳо тавсияҳо пешбинӣ шуда, истифодаи онҳо муфид арзёбӣ мегардад.

3) Вобаста ба вазъи сармоягузориҳо бошад, муайян карда шуд, ки воридоти сармоя дар сатҳи ҷумҳурӣ назарас буда, танҳо соли 2021 34 миллион доллари ИМА ба саноати коркард равона гардидааст, аммо ҳиссаи ками он ба минтақаи Кӯлоб рост омада, он ҳам бошад дар якчанд ноҳияи тобеи минтақа истифода гардида, қисми зиёди ноҳияҳо эҳтиёҷ ба сармоягузорӣ доранд. Ҳамчунин, бо мақсади муайян намудани истифодаи сармоягузориҳо ва таъмини самаранокии он модели дурнамо аз рӯйи ҳисоби авторегресионӣ таҳия намудем. Дар натиҷа муайян карда шуд, ки ҳаҷми коркарди маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб аз 1329092 ҳазор сомонии соли 2021 ба 1526703 ҳазор сомонӣ ё бо афзоиши 14,8 % дар соли 2025 ва 1815532 ҳазор сомонӣ ё бо афзоиши 36,5 % то соли 2030 дар назар аст. Метавон гуфт, ки самти мазкур ба рушди босуръати аз ин ҳам беҳтар эҳтиёҷ дошта талабгори сармоя мебошад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявию услубии мавзуи таҳқиқот, мафҳуми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун воситаи самаранок истифодабарии захираҳои ашёи хоми кишоварзӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои миллию минтақавӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳону сатҳи мамлакат  ҳамчун заминаи рушди ояндаи соҳа маънидод намудан мумкин аст. Зеро, ки рушди минбаъда он мавқеи назаррасро дар истифодаи самараноки маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ,  истеҳсол ва таъмини маҳсулоти саноатию шуғли пурмаҳсули аҳолии мамлакат ишғол менамояд, [1, 2-М].

2. Дар диссертатсия хусусиятҳои хос ва омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш дар сатҳи мамлакат мавриди таҳқиқ қорор гирифта, роҳҳои мутобиқшавӣ ба онҳо вобаста ба вазъи соҳа ва шароити имрӯзаи кишвар пешниҳод карда шуд. Дар ин замина як қатор мушкилиҳоро ҷиҳати рушди бахши мазкур метавон ҳал намуд. Бо мақсади таъмини рушди соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷиҳатҳои мусбии таъсири омилҳои дохилию берунӣ роҳи асосии расидан ба ҳадаф ҳисобида мешавад. Ҳамчунин ҷиҳати таъмини рушди соҳа аз стратегияю барнома ва таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафта аз қабили ИМА, Россия, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина, Озарбойҷон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан имконпазир буда, самтҳои афзалиятнок мушаххас карда шуда, пешниҳодҳо тавсия гардидаанд, [3, 8-М].

3. Вобаста ба баҳодиҳии вазъи воқеии соҳа дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, таҳлили фаъолияти молиявии ҶСП “Комбинати шири Кӯлоб”, ҶСК “Суғдиён орди ш. Кӯлоб”, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" ва фаъолияти корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан “Заркорон”- и н. Мӯъминобод ошкор намуд, ки соҳаи таҳқиқшаванда самаранок буда, ба коркарди саноатӣ равона сохтани маҳсулоти

кишоварзӣ афзалиятнок ҳисобида мешавад. Вобаста ба муайян намудани самаранокии соҳа дар сатҳи корхонаҳои мазкур муайян гардид, ки дараҷаи фоиданокии онҳо аз 15 то 18% мерасад.  Нақши корхонаҳои мавриди таҳлил қароргирифта дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ арзанда буда, минтақаро дар сатҳи дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ менамоянд, [9-М].

